**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР**

**БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

ТДУ 891.550 (092)
ТКБ 83.3 ТОҶ
Х - 84

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ЛАЙЛАМОИ ХУДОЙНАЗАР**

# ЗИНДАГИНОМА ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ, дотсент Аҳмадов С.

**БОХТАР – 2025**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима ------------------------------------------------------------------------------ 3**

**Тавсифи умумии таҳқиқ -------------------------------------------------------------- 7**

**БОБИ 1. ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР**

1.1. Шарҳи ҳол ва мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар ---------------------------- 14

1.2. Хусусиятҳои жанрии ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар ----------------- 22

1.2.1. Рубоӣ ва дубайтӣ ------------------------------------------------------------ 22

1.2.2. Ғазал ------------------------------------------------------------------------------ 32

1.2.3. Фардбайт -------------------------------------------------------------------- 39

1.2.4. Чаҳорпора ва ашъори нимоӣ ------------------------------------------- 46

1.3. Мавзуъҳои асосӣ ва мундариҷаи ғоявии ашъори ғиноии Ғ. Сафар ------ 56

1.4. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар -------- 72

**БОБИ 2. НАЗМИ БАЧАГОНАИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР**

2.1. Вижагиҳои сабкӣ ва услубии ашъори бачагонаи шоир -------------------- 78

2.2. Ҷанбаи тарбиявӣ ва маърифатбахшии ашъори бачагонаи шоир ---------- 95

2.3. Вижагиҳои шаклӣ ва мазмунии чистону тезгӯякҳои Ғ. Сафар ---------- 104

**БОБИ 3. МАВҚЕИ ҲАҶВУ МУТОИБА ДАР ЭҶОДИЁТИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР**

3.1. Осори мансури ҳаҷвӣ ------------------------------------------------------ 118

3.1.1. Мутоиботи удабо ------------------------------------------------------- 118

3.1.2. Латифаҳо ------------------------------------------------------------------- 130

3.1.3. Масалҳо --------------------------------------------------------------------- 139

3.1.4. Дигар анвои осори мансури ҳаҷвӣ ----------------------------------- 148

3.2. Осори манзуми ҳаҷвӣ ------------------------------------------------------ 154

**Хулоса ------------------------------------------------------------------------------ 164**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ------------------- 169**

**Рӯйхати адабиёт ----------------------------------------------------------------- 171**

**Интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия ---------------------- 182**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Илми адабиётшиносии тоҷик дар даврони истиқлол ба бисёр дастовардҳои арзишманди илмӣ ноил гардид ва дар ҳалли бисёр масоиле, ки дар замони шуравӣ нақду баррасии онҳо номумкин буд, тавфиқ ёфт. Дар ин давра бисёр маҳдудиятҳои сиёсиву иҷтимоие, ки зимни таҳқиқи масоили гуногуни адабиёти бадеӣ пешорӯи муҳаққиқон қарор мегирифтанд, аз миён рафт ва доираи пажӯҳиши адабиётшиносон боз ҳам васеътар шуд. Маҳз дар ҳамин давра нақду баррасии фаъолияти доираҳои адабии манотиқи гуногуни мамлакат ва рӯзгору осори намояндагони алоҳидаи он вусъати тоза пайдо кард. Аз ҷумла, вобаста ба намояндагони доираи адабии Вахшонзамин, ки мутаассифона, дар даврони шуравӣ бо сабабҳои гуногун аз доираи таҳқиқ дур монда буд, баъзе корҳои таҳқиқотӣ анҷом пазируфтанд ва имрӯз низ ин иқдоми наҷиб идома дорад. Бо вуҷуди ин, бисёр масъалаҳои марбут ба ин доираи адабӣ ва фаъолияти эҷодии намояндагони он мавҷуданд, ки диди нави илмӣ ва таҳқиқи ҷиддии адабиётшиносиро хостгоранд. Ба гурӯҳи ин масоил метавон таҳқиқу баррасии рӯзгор ва осори яке аз намояндагони дар ин доираи адабӣ соҳибмақом, вале дар илми адабиётшиносӣ ношинохта – Ғаффоралӣ Сафарро дохил намуд.

Ғаффоралӣ Сафар зиёда аз чил соли умри худро сарфи фаъолияти эҷодӣ намуда, дар ин муддат як зумра асарҳои арзишманди манзуму мансур таълиф намудааст. Мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар гуногунжанр ва гуногунмавзуъ буда, ҳам шеърҳои барои калонсолон эҷоднамуда, ҳам ашъори кӯдакона ва ҳам осори манзуму мансури ҳаҷвиро дар бар мегирад.

Бо он ки фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар ҳанӯз аз солҳои 80-уми асри гузашта оғоз ёфтааст, даврони такомул ва ташаккули истеъдоди нигорандагии ӯ аслан ба даврони истиқлол рост меояд. Маҳз дар ҳамин давра фаъолияти бисёрҷабҳаи эҷодии адиб густариш меёбад ва ӯ ба василаи осори манзуму мансур ба тавсифи дастовардҳои замони истиқлол, васфи Ватан ва талқини зарурати ҳифзу нигаҳбонии он, тарғиби ваҳдату ягонагӣ, тараннуми сулҳу дӯстӣ, танқиди каму костиҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ахлоқи нописанди

инсонӣ мепардозад ва ба ҳамин васила дар бунёдкорӣ ва барқарорсозиҳои даврони нав саҳми худро мегузорад.

Дар ашъори барои калонсолон эҷоднамудаи Ғаффоралӣ Сафар мавзуъҳои ватандӯстӣ ва талқини ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ мавқеи назаррас дошта, шоир бо ёдоварӣ аз таърихи пурифтихор ва гоҳо таассуфангези халқи мо хонандаи худро водор менамояд, ки сабақи таърихро фаромӯш накунанд, аз ин ҳаводис ибрат бигиранд ва барои ҳифзу нигаҳбонии истиқлолияти давлатӣ ҳамеша омода бошанд. Ба таъкиди адиб, баъди ҳазор сол барои мо дубора имкони бунёд намудани давлати миллӣ муяссар шуд ва мо аз ин имкон хеле хуб истифода бурдем, вале пойдорӣ ва барқарории ин давлати миллӣ танҳо ба ҳушёриву зиракии сиёсии мо, қобилияти давлатсозии мо, ҷасорату ҷуръат ва саъю талоши мардонаи мо вобаста аст.

Дар ашъори бачагонаи адиб низ тақрибан ҳамин мавзуъҳо бо забони содатар баён мешаванд, вале дар баробари ин шоир моҳияти завқӣ-зебописандӣ ва таълимии адабиёти кӯдаконро низ фаромӯш наменамояд ва кӯшиш мекунад, ки ба василаи шеърҳои худ шавқу завқи кӯдаконро парвариш диҳад ва ҳамзамон ҷаҳонбинии онҳоро то андозае баланд намояд.

Осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар аз анвои гуногуни манзуму мансур, амсоли латифаву мутоиба, масал, дар омади гап, мошу биринҷ, ашъори ҳаҷвӣ ва ғ. таркиб ёфтааст. Ҳаҷви Ғаффоралӣ Сафар аслан ҳаҷви иҷтимоист ва адиб дар ин осори худ камбуду нуқсонҳои ҳаёти ҷамъиятиро бозгӯ менамояд ва бо ин ошкоргӯӣ диққати хонандаи худро ба заруратиислоҳи ин навоқис ҷалб кардан мехоҳад.

Дар маҷмуъ, осори бадеии Ғаффоралӣ Сафар бархӯрдор аз моҳияти хуби тарбиявӣ-ахлоқӣ ва завқию зебописандӣ буда, фаъолияти эҷодии ӯ арзандаи таҳқиқ ва пажӯҳиши густардаи илмист.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Тавре дар боло ёдовар шудем, то ба имрӯз оид ба рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар таълифоти мукаммали илмӣ ба вуҷуд наомадааст ва дар нақди адабии тоҷик низ ба истисноӣ ишораҳои кӯтоҳ ва умумие, ки зимни баррасии авзои умумии адабиёти бадеии

тоҷик дар даврони истиқлол вобаста ба осори ӯ кардаанд, нақду баррасии ҷиддии эҷодиёташ сурат нагирифтааст. Бо вуҷуди ин дар солҳои охир баъзе муҳаққиқони ҷавон ба нақду баррасии паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар пардохтаанд. Ба гурӯҳи ин таҳқиқот метавон аз корҳои муҳаққиқоне, амсоли М. Раҳмонов [103; 104], С. Шарипов [142; 143], С. Аҳмадов [38], М. Назаров ва Ф. Шодиева [92] ёд овард, ки ҳар кадоме аз онҳо масъалаи мушаххасеро аз мавзуи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Адабиётшинос Раҳмонов Маҳмурод, ки дар бораи доираи адабии Хатлонзамин кори илмӣ анҷом додааст, зимни баррасии авзои адабии ин минтақа ва фаъолияти намояндагони алоҳидаи он аз фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар низ мухтасар ёд кардааст [103, с. 15, 24, 25]. Муҳаққиқи мазкур дар мақолаи дигари худ ба таҳқиқи ашъори бачагонаи шоир пардохта, ба таври мушаххас оид ба баъзе вижагиҳои мундариҷавӣ ва ғоявии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар изҳори назар кардааст [104].

Муҳаққиқ хуб дарёфтааст, ки ҷиҳати аз ҳама арзишманди ашъори бачагонаи шоир дар аҳамияти тарбиявии онҳост. Ӯ талқини ахлоқи ҳамидаро аз муҳимтарин вижагиҳои шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар дониста, бо мисолҳо собит намудааст, ки дар ҳар яке аз ин шеърҳо баррасии як ё якчанд масъалаи муҳимми тарбиявӣ мушоҳида мешавад. Ба қавли М. Раҳмонов, «доираи тасвир ва мундариҷаи мавзуъҳо дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар доманадор буда, ҳар як байти шеъраш бачаҳоро ба хондани китоб, ҳунаромӯзӣ ва таълиму тарбияи шоиста гирифтан ҳидоят мекунад» [104, с. 677].

Муҳаққиқи дигаре, ки ба рӯзгор ва осори Ғаффоралӣ Сафар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар бораи паҳлуҳои гуногуни ин масъала ду мақола таълиф намудааст, С. Шарипов мебошад. Дар мақолаи аввал муҳаққиқ мухтасар оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир маълумот дода, бо таҳлилу баррасии сарчашмаҳои гуногун вобаста ба ин масъала маълумоти арзишманди илмӣ пешниҳод кардааст [143, с. 32-34]. Дар мақолаи дигари ҳамин муҳаққиқ

вижагиҳои мавзуӣ ва жанрии ҳаҷвиёти Ғаффоралӣ Сафар мавриди накду баррасӣ қарор гирифтаанд [142, с. 19-21].

Адабиётшинос С. Аҳмадов дар мақолаи худ ба таҳқиқи ҷойгоҳи масоили иҷтимоӣ дар латифаҳои Ғаффоралӣ Сафар пардохта, хуб дарёфтааст, ки ҳаҷви адиби мазкур, аслан ҳаҷви иҷтимоист ва хонандаро ба ислоҳи камбуду норасоиҳое, ки зиндагонии имрӯзии мо дорад, водор мекунад [38, с. 28-31].

Диққати забоншиносон М. Назаров ва Ф. Шодиеваро вижагиҳои маъноии вожаҳо дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар ба худ машғул доштааст. Муҳаққиқони мазбур оид ба хусусияти сермаъноии баъзе вожаҳои таркиби ашъори шоир изҳори назар намуда, ба хулосае омадаанд, ки дар ашъори шоир «маҷоз калимаҳоро ба сермаъноӣ майл медиҳад ва калима тобиши маънои иловагии нав гирифта, сермаъно мешавад» [92, с. 106].

Бар замми мақолаҳои ёдшуда, дар китобҳои алоҳида, саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои илмию оммавӣ ва сомонаҳои интернетӣ дар бораи рӯзгору осори Ғаффоралӣ Сафар баъзе маълумотҳо мавҷуданд. Ба гурӯҳи ин сарчашмаҳо метавон китобҳоеро, амсоли «Ноҳияи Москва: 50 сол» [18, с. 73-74], «30 соли дирӯз ва имрӯзи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав» [15, с. 194-195], «Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав – зодаи Истиқлолият» [16, с.211-212], «Чеҳраи Хатлон» (Маълумоти кӯтоҳ оид ба таърихи нашрияи «Хатлон» ва журналистон) [12, с. 362-364], «Донишномаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» [9, с. 317], «Донишномаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» [10, с. 229], «Адибони Тоҷикистон» [1, с. 217-218]-ро дохил намуд. Вале маълумоте, ки ин манобеъ оид ба Ғаффоралӣ Сафар пешниҳод кардаанд, хеле маҳдуд буда, фақат санаҳои муҳимми зиндагиномаи адиб ва зикри номгӯи нопурраи осори таълифнамудаи ӯро дар бар мегиранд. Инчунин, маълумоти ин сарчашмаҳо якранг ва якдигарро такроркунанда буда, маълумоти тоза дар онҳо хеле кам аст. Бо вуҷуди ин, мо зимни таҳқиқу

пажӯҳиши рӯзгору осори  Ғаффоралӣ Сафар аз асноду арқоми ин манобеъ то андозае мустафид будаем.

Бо дарназардошти ҳамин нуктаҳое, ки гуфтем, зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар омӯзиш ва таҳқиқи фарогиру ҳаматарафаро талаб мекунад. Мавзуи таҳқиқоти мо низ маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, таҳқиқи рӯзгор, мероси адабӣ ва вижагиҳои мавзуӣ, мундариҷаи ғоявӣ ва сохтори ҳунарии осори манзуму мансури Ғаффоралӣ Сафарро дар бар мегирад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи мавзуъҳои илмию таҳқиқии кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва дар пайвастагӣ бо таҳия ва такмили барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ таълиф гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи аслии таҳқиқотро омӯзиши рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар ташкил дода, мо ба хотири расидан ба ин ҳадаф ҳалли як зумра масоилеро, амсоли таҳияи зиндагиномаи адиб ва баррасии мероси адабии ӯ, таснифи жанрии осори манзуму мансур ва таҳқиқи хусусиятҳои мавзуӣ ва ғоявию бадеии эҷодиёти адиб, таҳлилу баррасии сохтори ҳунарии осор ва сабки баёни нависанда, ҳунари нигорандагӣ ва як зумра масоили дигари ба мавзуъ марбутро ба зимма гирифтаем.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба ҳадафи аслӣ иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида шуд:

- таҳияи зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар;
- таснифи жанрии осори манзуму мансури адиб:
- баррасии осори Ғаффоралӣ Сафар аз ҷиҳати мавзуъ, моҳият ва мундариҷаи ғоявии онҳо;
- таҳқиқи ҳунари нигорандагии адиб дар инъикоси авзои иҷтимоӣ ва ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ;
- омӯзиши вижагиҳои бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар;

- таҳлилу баррасии хусусиятҳои сохториву муҳтавоии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар;

- таҳқиқи моҳияти ахлоқӣ ва таълимию тарбиявии осори барои кӯдакон эҷоднамудаи адиб;

- таҳқиқ ва баррасии осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар ва муайян намудани маҳорати ҳаҷвнигории ӯ.

**Объекти таҳқиқ.** Ба сифати объекти таҳқиқ осори дар солҳои гуногун банашррасидаи Ғаффоралӣ Сафар қарор дода шудаанд.

**Предмети таҳқиқ.** Мавзуи пажӯҳишро масоили марбут ба зиндагинома, мероси адабӣ, вижагиҳои жанрӣ, мавзуӣ, мундариҷавӣ  ва бадеии осори Ғаффоралӣ Сафар ташкил медиҳанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Асосҳои назариявии таҳқиқро андешаву орои муҳаққиқони барҷастаи ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд. Мо дар ҷараёни кор ба афкори назарӣ-адабии донишмандони ватанӣ, амсоли М. Шакурӣ, Т. Зеҳнӣ, В. Асрорӣ, Р. Амонов, Ю. Бобоев, С. Табаров, Р. Ғаффоров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, А. Насриддин, Ҷ. Бобокалонова, Ю. Акбарзода, Х. Асозода, А. Кӯчаров, А. Маҳмадаминов, Н. Файзуллоев, А. Абдусаттор ва суханшиносони хориҷӣ, ба мисли В.Г. Белинский, Е.Э.Бертелс, Л.И. Тимофеев, М.М. Бахтин, В.М. Жирмунский, А.И. Ефимов, Ю.М. Лотман, В.Е. Холшевников, Г.Н. Поспелов, М. Баҳор, С. Шамисо, Ш. Кадканӣ,  М. Фасоӣ, М. Футуҳӣ ва дигарон такя кардаем.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар рисола, бо дарназардошти таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар, вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас, методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили сохтории матни адабӣ, равишҳои комплексии нақду баррасии осори адабӣ, таҳлили сабкшинохтии матни адабӣ, таҳлили мундариҷавии матни адабӣ ва оморӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаи асосии таҳқиқ осори гуногунжанри Ғаффоралӣ Сафар мебошад. Мо дар ҷараёни кор аз маҷмуаи «Панҷаи овоз» (Душанбе: Адиб, 2014), маҷмуаи осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар «Мутоиботи

удабо» (Душанбе, 2008), ду маҷмуаи ашъори барои кӯдакон банашррасидаи адиб – «Офтобаки қолинбоф» (Душанбе: Адиб, 2006) ва «Кокули зимистон» (Қӯрғонтеппа: Матбаа, 2007) истифода кардаем. Инчунин, дар мавридҳои муайян, ба хотири муқоисаву муқобала осори баъзе шоирону нависандагони дигар низ мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Диссертатсия аввалин пажӯҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар мебошад. Дар ин таҳқиқ бори аввал вижагиҳои жанриву мавзуӣ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеиву услубии осори адиб ва ҳунари эҷодкории ӯ бо далелҳои мушаххас нишон дода шудааст. Таҳқиқи мазкур бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик осори нависандаро, ки барои хонандагони синну соли мухталиф эҷод гардида, аз анвои гуногуни манзуму мансур иборат аст, бо таваҷҷуҳ ба маҳорати эҷодӣ ва ҳунари нигорандагии адиб фаро мегирад.

Ҳамчунин, дар диссертатсия сабки баёни нависанда, ки омӯзиши он аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ дорад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ғаффоралӣ Сафар яке аз чеҳраҳои шинохтаи ҳавзаи адабии Хатлонзамин буда, аз худ мероси гаронбаҳои манзуму мансури адабӣ ба ёдгор гузоштааст. Осори бадеии ӯро метавон ба се қисмат ҷудо намуд: ашъори барои калонсолон эҷодгардида, шеърҳои кӯдакона ва осори манзуму мансури ҳаҷвӣ.

2. Осори манзуми Ғаффоралӣ Сафар аз анвои гуногуни шеъри суннатӣ, амсоли ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, фардбайт ва шеъри нав фароҳам омада, бозгӯи ҳунари нигорандагии шоир дар ҳар яке аз ин жанрҳои адабист. Ашъори Ғаффоралӣ Сафар аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷаи ғоявӣ бою рангин буда, як зумра мавзуъҳои маъмули адабиёти бадеӣ: васфи Ватан ва талқини ватандӯстӣ, тараннуми Истиқлолият ва ваҳдату ягонагӣ, тарғиби сулҳу дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, васфи ишқу муҳаббат, тасвири табиат ва масоили гуногуни иҷтимоиро дар бар мегиранд. Шеъри Ғаффоралӣ Сафар аслан шеъри иҷтимоӣ буда, дар он бештар масоиле мавриди баррасӣ ва тасвири бадеӣ қарор мегиранд, ки ба зиндагии рӯзмарра иртибот доранд.

Дар ашъори Ғаффоралӣ Сафар воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора, тазод, маҷоз, киноя, тамсил, талмеҳ, саволу ҷавоб ва ғайраҳо истифода гардидаанд. Ин санъатҳои бадеӣ, аз як тараф ороиши зоҳирии ашъори ӯро таъмин карда, сабабгори фасоҳати баён гардидаанд, аз тарафи дигар масоили баррасишавандаро муассир ва ҳадафрас намудаанд.

3. Ашъори бачагона аз қисматҳои арзишманди мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар мебошанд. Аз таҳқиқу баррасии шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар маълум мегардад, ки ӯ дар гуфтани ин навъи шеър маҳорати хосса дошта, табиат ва мизоҷи кӯдакони гуногунсолро хеле хуб медонад ва кӯшиш менамояд, ки мувофиқ ба табъу завқи онҳо шеър гӯяд.

Шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар танҳо дорои моҳияти завқӣ-зебописандӣ набуда, шоир дар ин ашъор масоили гуногуни ахлоқиро низ ба миён мегузорад ва ба ин васила дар тарбияи ахлоқии хонандаи хурдсоли худ саҳм гузоштан мехоҳад.

Як қисмати осори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафарро чистону тезгӯякҳо ташкил медиҳанд. Адиб дар гуфтани ин анвои адабӣ низ вазифаву моҳияти онҳоро хуб дар хотир гирифта, агар ба василаи чистонҳо зеҳну идроки хонандаи хурдсоли худро парвариш додан хоҳад, ба василаи тезгӯякҳо дар инкишоф додани нутқи онҳо саҳми худро мегузорад.

4. Навиштани осори ҳаҷвӣ аз дигар паҳлуҳои фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар буда, аз ӯ асарҳои гуногуни манзуму мансури ҳаҷвӣ ба ёдгор боқӣ мондаанд. Ҳаҷвиёти Ғаффоралӣ Сафар дар баробари моҳияти завқӣ-зебописандӣ арзиши баланди тарбивӣ-ахлоқӣ низ дошта, дар онҳо адиб ба танқиду мазаммати ахлоқи ношоистаи инсонӣ, ки оромиву субот ва тавозуни ҳаёти иҷтимоиро то ҷое халалдор менамоянд, мепардозад.

Ҳаҷви Ғаффоралӣ Сафар аслан ҳаҷви иҷтимоист ва адиб ба василаи осори ҳаҷвии худ камбуду нуқсонҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии даврони зиндагии худро ба миён мегузорад ва ба ин васила хонандаи худро водор менамояд, ки дар бартараф намудани ин камбуду норасоиҳо саҳмгузор бошанд.

Дар миёни осори мансури ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар мутоиботи ӯ, ки лаҳзаҳои мушаххаси ҳаҷвомезеро аз ҳаёту фаъолияти адибони доираи адабии Вахшонзамин дар бар мегиранд, мавқеи хосса доранд. Нависанда дар ин мутоибот агар, аз як тараф, зарифтабъии намояндагони алоҳидаи ин доираи адабиро зикр намояд, аз тарафи дигар, ин мутоибот вазъи адабии Хатлонзаминро дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва даврони барқарорсозии баъдиҷангӣ то ҷое муайян ва рӯшан менамоянд.

Дар маҷмуъ, мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар, ки аз анвои гуногуни манзуму мансур фароҳам омадааст, аз моҳияти адабиву эстетикӣ ва маърифативу тарбиявӣ бархӯрдор буда, дар тарбияи ахлоқӣ ва завқи-зебописандии насли даврони нав саҳми хубе гузошта метавонад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқ  дар он аст, ки диссертатсия ба омӯзишу пажӯҳиши масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти навини тоҷик дар мисоли рӯзгор ва осори Ғаффоралӣ Сафар мусоидат намуда, боиси то як андоза равшанӣ андохтан ба фаъолияти доираи адабии Хатлон дар даврони истиқлол мегардад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар барои адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик аз манфиат холӣ набуда, таҳқиқоти анҷомёфта барои корҳои илмии минбаъдае, ки дар ҳамин самт ҷараён мегиранд, ҳамчун манбаи маводи адабиётшиносӣ хизмат карда метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсияро метавон зимни таълифи фаслу бобҳои гуногуни китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик дар даврони истиқлол, дастурҳои таълимӣ, мақола ва рисолаҳои илмӣ оид ба ҳавзаи адабии Хатлон ва намояндагони алоҳидаи он истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта барои донишомӯзони соҳаи филологияи тоҷик ҳангоми навиштани корҳои курсию рисолаҳои хатм ҳамчун маводи лозимӣ хизмат намуда, аз он зимни таълими курсу семинарҳои тахассусӣ ба ҳайси маводи дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** ба шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501-Адабиёти тоҷик) ва муҳтавои он ба тартиби таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, комилан мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Диссертатсия аз нахустин корҳои илмиест, ки ба таҳқиқу баррасии зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия зимни таълифи диссертатсия маводи илмию адабии марбут ба мавзуъро шахсан ҷамъоварӣ намуда, ба низоми муайян даровардааст ва осори Ғаффоралӣ Сафарро аз лиҳози мундариҷа, ғоя ва ҳунари нигорандагии адиб таҳқиқ намудааст. Ғайр аз ин, мақолаҳои илмии интишоргардида ва гузоришҳои илмии ҳамоишҳои илмиро, ки муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуъ анҷом додааст, метавон аз саҳми шахсии ӯ дар навиштани диссертатсия ба шумор овард.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар гузориш ва маърузаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо» дар мавзуи «Бозтоби авзои адабии Вахшонзамин дар «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар» (Хуҷанд, ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров. – 19-уми декабри соли 2024); дар конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик» бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург дар мавзуи «Баъзе хусусиятҳои шеърҳои хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар» (Бохтар, ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 26-27-уми майи соли 2023) ва дар конференсияи илмӣ-назариявии вилоятии «Занон ва рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм дар мавзуи «Васфи

Ватан дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар» (Данғара. – 9-уми феврали соли 2022) инъикос гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 26.09.2025, суратҷаласаи №2 мавриди муҳокима қарор гирифта, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла, 6 мақолаи дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда ва 7 мақолаи дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар чопшуда инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, 8 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 184 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I. ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР

## 1.1. Шарҳи ҳол ва мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар

Ғаффоралӣ Сафар 27-уми январи соли 1950 дар деҳаи Пуштаи Бедҳои ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Ҳанӯз Ғаффоралӣ хурдсол буд, ки оилаи онҳоро дар қатори бисёр хонаводаҳои кӯҳистони Ховалинг ба таҳдашт муҳоҷир менамоянд. Ҳаёти минбаъдаи ин хонавода дар деҳаи Метинтуғайи колхози «Правда»-и ноҳияи Москва (ҳозира деҳаи Садбаргҳои хоҷагии ба номи Файзалӣ Саидови ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) мегузарад. Дар ин деҳа падари Ғаффоралӣ Сафар ба ҳайси ҳисобчӣ ба кори колхоз медарояд ва модараш – Салтанатпоччо Умарова ҳамчун муаллимаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолият мепардозад. Тарбияи падару модар, бахусус модари соҳибмаърифаташ, ба тақдири минбаъдаи шоир ва нависандаи оянда бетаъсир набуд. Бар асари ҳамин тарбия Ғаффоралӣ ҳанӯз аз хурдсолӣ ба осори манзуму мансури ниёгон таваҷҷуҳ пайдо намуд ва минбаъд ба тадриҷ ин таваҷҷуҳ ба ишқу алоқамандӣ мубаддал гардид.

Падару модар соли 1957 Ғаффоралиро ба мактаби ибтидоии шурои деҳоти Қаҳрамон месупоранд. Ӯ маълумоти ибтидоиро дар ин ҷо гирифта, минбаъд таҳсилро дар мактаби 8-солаи №14 давом додааст. Дар соли 1965-1966 Ғаффоралӣ Сафар мактаби ҳаштсоларо хатм карда, хонданро дар мактаби миёнаи №1-и маркази ноҳия идома додааст. Соли 1967 мактаби миёнаро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, як сол дар рӯзномаи ноҳиявии «Зафар» сармусаҳҳеҳ шуда кор кардааст.

Ғаффоралӣ соли 1968 ҳуҷҷатҳояшро ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ месупорад ва баъди супоридани имтиҳонҳо ба ҳайси донишҷӯ дар ин донишгоҳ пазируфта мешавад. Айёми донишҷӯӣ, дар баробари имкони илмомӯзиро фароҳам овардан, барои Ғаффоралӣ Сафар шароити хуби эҷодӣ бо пайвастан бо

маҳфилҳои адабиро ба миён овард. Ӯ яке аз аъзои фаъоли маҳфили «Адибони ҷавон»-и донишгоҳ буд.

Дар ҳақиқат, маҳфилҳои адабие, ки дар шаҳри бостонии Кӯлоб амал менамуданд, давоми даврахо ва солҳои гуногун дар тарбияи эҷодкорони зиёде саҳмгузор будаанд [150, с. 15] ва Ғаффоралӣ Сафар низ яке аз он адибонест, ки тарбияи ҷиддии аввалинро дар ҷодаи эҷодкорӣ даврони донишҷӯии худ, яъне охири солҳои шастум ва ибтидои солҳои ҳафтодум, маҳз дар ҳамин маҳфилҳо гирифтааст. Тавре ки муҳаққиқи доираҳои адабии вилояти Хатлон М. Раҳмонов зикр кардааст: «Маҳфили «Адибони ҷавон» дар солҳои 60-уми асри гузашта рӯз то рӯз ба пешравиҳои нави эҷодии аъзои худ ноил гардида, бахри пешбурди фарҳангу адаби шаҳри Кӯлоб дар ин давра саҳми арзанда гузоштааст. Сарварии маҳфили «Адибони ҷавон»-ро дар солҳои 70-ум ва 80-уми асри ХХ устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Аламхон Кӯчаров ба уҳда мегирад. Фаъолияти маҳфил дар ин давра ҳам хеле пешравиҳо доштааст... Дар ин давра баҳри пешбурди фаъолияти адабӣ дар шаҳри Кӯлоб саҳми шоирони шинохтаи тоҷик Саидҷон Ҳакимзода, Ҳақназар Ғоиб, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Барот Нозимову Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров назаррас аст. Таваҷҷуҳ ва ҳамкории онҳо замина муҳайё кард, ки дар солҳои 70-80 садаи ХХ адибоне, чун Сафармуҳаммад Аюбӣ, Муҳаммад Ғоиб, Искандари Хатлонӣ, Сафар Амирхон, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Ғаффоралӣ Сафар, Маҷид Салим, Наср Бобо, Мираҳмади Амиршоҳ, Гулчеҳра Муҳаммадиева ва дигарон ба ҷодаи пурмашаққати эҷод ворид гарданд» [103, с. 15-16].

Ғаффоралӣ Сафар низ дар қатори даҳҳо ҷавони соҳибистеъдоди кӯлобӣ бо пайвастан ба маҳфили адабӣ ба ҳалқаи устодони суханшинос ва суханвар ворид гардида, табъу истеъдоди фитрии худро такмил медод ва маҳорати эҷодии худро комилтар мекард.

Ғаффоралӣ Сафар соли 1972 донишгоҳро бо муваффақият хатм намуда, ба зодгоҳи худ бармегардад. Баъди хатми донишгоҳ ба хизмати ҳарбӣ меравад ва давоми ду сол дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ

хизмат менамояд. Баъди хизмати ҳарбиро адо намудан ба зодгоҳаш баргашта, ба ҳайси омӯзгори мактаби миёнаи №14 ба фаъолият мепардозад. Ҳамзамон, дар рӯзномаи ноҳиявии «Зафар» чун мухбир фаъолият мекунад. Соли 1979 Ғаффоралӣ Сафар ба шаҳри Бохтар омада, давоми ду сол ҳамчун муҳаррири техникӣ дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (ҳоло «Хатлон») кор мекунад [12, с. 362]. Баъдан боз ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ баргашта, ба сифати омӯзгори мактаби миёнаи №17-и ноҳия фаъолият менамояд ва дар рӯзномаи «Зафар» низ фаъолияти худро идома медиҳад. Ӯ дар ин муассисаи таълимӣ солҳои тулонӣ ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик ва баъдан дар вазифаи ҷонишини директори муассисаи мазкур низ фаъолияти пурсамар намудааст. Истеъдоди фитрии эҷодкорӣ барои комёб будани ӯ ҳам дар касби омӯзгорӣ ва ҳам дар фаъолияти рӯзноманигорӣ мусоидат менамуд. Дар ҳамин давра баробари хабару гузоришҳо ва мақолаву очеркҳои ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ бахшидашуда шеърҳояш низ мунтазам дар рӯзномаҳои даврӣ ба нашр мерасиданд.

Замони дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зиндагӣ кардан Ғаффоралӣ Сафар аз ҷумлаи аъзои фаъоли маҳфили адабии ноҳия буд, ки ин маҳфил баъдтар унвони «Килк»-ро гирифт. Дар ин маҳфил низ як зумра қаламкашони хушқариҳа, амсоли Алимуҳаммад Муродӣ, Нурмуҳаммад Сироҷӣ, Қосимҷон Зарифӣ, Ислом Юсуфӣ, Иброҳим Саид, Файзуллои Сомонӣ, Шокир Қодир, Алихон Икромӣ, Наргис Бобоева ҷамъ омада буданд, ки ҳар як дар эътибору нуфуз пайдо намудани доираи адабии ноҳия саҳмгузорӣ мекарданд. Аз ҷумла Алимуҳаммад Муродӣ, ки аз ҷумлаи шоирони тавонои адабиёти имрӯз аст, дар тарбияи ҷавонони эҷодкори ин минтақа нақши хеле муҳим дорад. Тавре аз баъзе латоифи «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар маълум мешавад, аъзои маҳфил дар баробари иштирок дар маҳфилҳои расмие, ки моҳе як ва ё ду маротиба баргузор мегардиданд, мунтазам дар хонаи якдигар, бахусус дар хонаи Алимуҳаммад Муродӣ, ҷамъ омада, ба шунидан ва таҳлилу баррасии эҷодкардаҳои якдигар

мепардохтаанд. Барои мисол, латифаи зерин, ки «Ҳазли сари дастурхон» унвон дорад, ҳамин иддаои моро тасдиқ менамояд:

*«Рӯзе Алихон Икромӣ, Ислом Юсуфӣ ва Ғаффоралӣ Сафар пас аз ёрӣ додан ба корҳои деҳқонии устод Алимуҳаммад Муродӣ дар хонаи ӯ ҷамъ шуданд. Ғаффоралӣ Сафар шеърҳои бисёре хонд. Устод, ки аз шеърхонии бисёри Ғаффоралӣ хаста шуда буд ва бетоқатию навбатпойии Ислом Юсуфиро медид, гуфт:*

- *Биёед, давоми сафсатаро аз Ислом Юсуфӣ бишнавем» [6, с. 42].*

Ғаффоралӣ Сафар замони дар рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» фаъолият намудан ба маҳфили адабии «Гулбарг», ки дар назди ин рӯзнома бо кӯшиши шодравон Пиримқул Сатторӣ таъсис ёфта буд, иртибот пайдо мекунад. Азбаски маҳфили мазкур дар маркази вилоят мегузашт, нисбат ба маҳфили адабии «Килк»-и ноҳияи Москва (ҳозира Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) аъзои зиёдтар дошт ва қариб тамоми адибону навқаламони минтақаи Вахшонзаминро гирди ҳам ҷамъ оварда буд ва инчунин як зумра адибони минтақаи Кӯлоб низ, ки дар шаҳри Қӯрғонтеппа фаъолият менамуданд, дар ин маҳфил ширкат меварзиданд. Ба қавли адабиётшинос М. Раҳмонов, «Адибони хушсалиқае, ба мисли Алимуҳаммад Муродӣ, Зайниддини Ҷомӣ, Зуҳуриддин Суярӣ, Муҳаммадалии Сиёвуш, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Сафар Амирхон, Саидҷамол Зиёӣ, Ғаффоралӣ Сафар, Усмон Билолӣ, Сайидаҳмади Зардон, Гулҷаҳон Ҳалимова, Ширинмоҳ Каримова, Амиршоҳи Хатлонӣ ва даҳҳо нафари дигар зери назари устодон Пиримқул Сатторӣ, Ғафур Мулло, Зариф Ибод ва Барот Саид қалами худро рост намуда, дастпарвардаҳои маҳфили «Гулбарг» буданд» [103, с. 25]. Имрӯз бисёре аз парвардагони маҳфили мазкур, ки қисмате аз онҳо дар қайди ҳаёт нестанд, аз намояндагони соҳибноми адабиёти охири асри XX ва ибтидои асри XXI шинохта мешаванд. Ба ин гурӯҳ метавон Пиримқул Сатторӣ, Алимуҳаммад Муродӣ, Ғафур Мулло, Муҳаммадалии Сиёвуш, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Сафар Амирхон, Ғаффоралӣ Сафар, Усмон Билолӣ ва

Сайидаҳмади Зардонро номбар намуд, ки ҳар як дар адабиёти муосири тоҷик мақоми хоссаи худро доранд.

Ғаффоралӣ Сафар соли 1999 ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон пазируфта мешавад.

Даврони ҷанги шаҳрвандӣ ва якчанд соли пурошӯби баъди он Ғаффоралӣ Сафарро низ ба монанди бисёр эҷодкорони дигар то як андоза аз олами эҷод дуртар бурд. Ҳатто ӯ чанд дафъа маҷбур буд, ки барои таъмини аҳли хонадони худ ҳамчун мардикор ба Россия равад ва барои дарёфти ризқу рӯзӣ ранҷу заҳмати зиёдеро таҳаммул намояд. Хушбахтона, ин аҳвол зиёд давом накард ва ватани азизи мо давоми якчанд сол нишонаҳои ҷанги шаҳрвандиро аз худ дур намуда, барои ҳаёти осоишта мувофиқ гардид. Ғаффоралӣ Сафар низ ба монанди садҳо қаламкаши дигар боз рӯ ба олами эҷод овард ва шуғли омӯзгориву пешаи рӯзноманигории худро идома дод.

Ғаффоралӣ Сафар соли 2003 боз ба шаҳри Бохтар омада, баъди озмун ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳоло Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав») пазируфта мешавад. Ӯ солҳои зиёд ба ҳайси омӯзгор, саромӯзгор ва мудири кафедраи мазкур фаъолият менамуд.

Ғаффоралӣ Сафар дар донишгоҳ аз фанҳои забони тоҷикӣ, алифбои ниёгон, методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик дарс мегуфт ва дар тақвияти дониши филологии муҳассилини ихтисосҳои гуногуни донишгоҳ саҳм мегузошт. Солҳои ба ҳайси мудири кафедра фаъолият намудани ӯ омӯзгорони кафедра ба як зумра дастовардҳои илмию эҷодӣ ноил гардиданд ва чанд нафаре аз онҳо рисолаҳои илмияшонро бо муваффақият ҳимоя намуда, сазовори дараҷа ва унвонҳои илмӣ гардиданд. Худи Ғаффоралӣ Сафар ба таҳқиқу пажӯҳиши масъалаҳои гуногуни филологияи тоҷик пардохта, доир ба ин масоил як силсила мақолаҳои хуби илмӣ таълиф намудааст, ки қисме аз онҳо дар маҷмуаи «Уруҷи сухан» [7] гирд оварда шудаанд.

Омадан ба маркази маъмурии вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар, ки доираи адабии хеле фаъоле дошт, дар камолёбии истеъдоди эҷодкории Ғаффоралӣ Сафар бетаъсир набуд. Дар даврони Истиқлолият ӯ ба маҳфили адабии «Хайрандеш», ки бо саъю кӯшиши шоир Хайриддин Қурбонов, бо тахаллуси шоирии Хайрандеш, дар шаҳри Бохтар ташкил ёфта буд, пайваст ва дар андак муддат ба узви фаъоли ин маҳфил ва ҳам шуъбаи хатлонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон табдил ёфт. Ӯ давоми солҳои 2008 – 2017 ба ҳайси муовини котиби масъули бахши хатлонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолият намуда, якҷо бо котиби масъули ин бахш, шоири соҳибноми муосир Салимиён Озар дар тарбияи қаламкашони зиёди вилоят саҳмгузорӣ кардааст. Дар ин давра аъзои маҳфил маҷмуаҳои гуногуни манзуму мансури худро ба нашр расонидаанд, ки таҳрири қисмати зиёде аз онҳо бо қалами Ғаффоралӣ Сафар сурат гирифтааст.

Ғаффоралӣ Сафар дар баробари шоири рангингхаёл ва тозатасвир будан инсони хушсуҳбату маҳфилоро низ буд ва ҳамин хислатҳои баъдии ӯ сабаб гардид, ки тавонист солҳо ҳамчун ҳалқаи пайванд аъзои доираи адабии Вахшонзаминро гирди ҳам ҷамъ оварда, маҳфилҳои бошукӯҳу пуртамошобин орояд ва ба ҳамин васила ҳам дар тарбияи ҷавонони эҷодкор ва ҳам дар муаррифии онҳо дар миёни мардум саҳм гузорад. Мутаассифона, умр барои Ғаффоралӣ Сафар вафо накард ва ӯ дар айни камолоти эҷодӣ 2-юми марти соли 2018 бар асари бемории шуш аз дунё гузашт.

Ғаффоралӣ Сафарро аксарият ҳамчун адиб ва шоири рангинхаёл мешиносанд. Дар ашъори гуногунжанр ва ҳам дар осори мансури ӯ эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳиву хештаншиносӣ манзур мегардад. Ҳанӯз аз овони мактабхонӣ шеърҳояш дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳурӣ чоп мешуданд, ки ин аз қобилияти баланди эҷодии адиб дарак медиҳанд [18, с. 73]. Минбаъд маҷмуаҳои манзуму мансураш бо номҳои «Гӯшвора» («Адиб», 1988), «Фоидаи тағо» (Адиб, 1989), «Намаксанг» («Адиб», 1991), «Роҳдавак» («Адиб», 1991), «Муборакбодӣ» («Килк», 2000), «Офтобаки қолинбоф» («Адиб», 2006), «Кокули зимистон»

(Қӯрғонтеппа, 2007), «Мутоиботи удабо» («Пажӯҳиш», 2008), «Чистонҳо» (Қурғонтеппа, 2010), «Панҷаи овоз» («Адиб», 2014) пайи ҳам ба нашр мерасанд. Инчунин намунаи шеъру ҳикоя, латифа ва жанрҳои хурди ҳаҷвияш дар маҷмуаҳои дастҷамъии «Навсафар» («Маориф», 1985), «Хордаста» («Ирфон», 1987), «Лолаҳои марз» («Ҳамроз», 1997), «Оҳанги дил» («Адиб», 2001), «Шукуфаҳои Хатлон» («Адиб», 2003) ва «Паёми истиқлол» («Истеъдод», 2011) пешниҳоди дӯстдорони каломи бадеъ мегарданд. Инчунин намунаи ашъори бачагонааш дар китобҳои дарсӣ низ ба нашр расидаанд.

Соли 2010 Ғаффоралӣ Сафар барои маҷмуаи «Мутоиботи удабо» барандаи Ҷоизаи адабии вилоятии ба номи Носири Хусрав дар соҳаи насри бадеӣ мегардад.

Тавре зимни пажӯҳиши фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар ба мо аён гардид, дар коргоҳи эҷодии ӯ дастнавис ва мусаввадаҳои осори манзуму мансуре боқӣ мондаанд, ки ҳанӯз рӯйи чопро надидаанд. Ҳамин ҳолат зарурати нашру тадвини осори адибро дар сурати Куллиёт ба миён мегузорад.

Мероси адабии Ғаффоралӣ Сафарро на танҳо осори манзум, балки осори мансури бадеӣ низ ташкил медиҳанд. Таҳқиқи фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар маълум намуд, ки метавон осори манзуму мансури ӯро ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Ашъори гуногунжанре, ки барои калонсолон эҷод гардидаанд;
2. Шеърҳои бачагона;
3. Осори манзуму мансури ҳаҷвӣ.

Мо низ зимни таҳқиқи фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар ҳамин вижагии мероси адабии ӯро ба назар гирифта, ҳар як гурӯҳи ёдшударо дар қисматҳои алоҳидаи кори илмии худ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаем.

Аз миёни маҷмуаҳои шеърии Ғаффоралӣ Сафар маҷмуаи «Панҷаи овоз», ки тариқи нашриёти «Адиб» соли 2014 ба табъ расидааст, бузургҳаҷм ва фарогиртар аст. Маҷмуаи мазкур аксари шеърҳои то ин давра навиштаи

шоирро дар бар мегирад. Маҷмуа аз ҳафт қисмат таркиб ёфта, фарогири шеърҳои нав ва ё нимоӣ, чаҳорпора, ғазалиёт, рубоиву дубайтиҳо, фардиёт ва ашъори ҳаҷвии шоир мебошад. Дар маҷмуъ, дар маҷмуаи мазкур 236 шеъри нимоӣ, 132 чаҳорпора ва қитъа, 136 дубайтӣ, 21 рубоӣ, 27 ғазал, 198 фардбайт ва 25 фардмисраъ мавҷуд аст. Мо зимни баррасии жанрии осори шоир ҳар яке аз ин жанрҳои адабии осори ӯро ба таври алоҳида мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

Маҷмуаи «Мутоиботи удабо» бошад, дарбаргири осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар буда, дар он асарҳои гуногунжанри мансуру манзуми ҳаҷвӣ фароҳам омадаанд. Тавре аз номи маҷмуа низ аён аст, қисмати асосӣ ва арзишманди ин маҷмуаро латифаҳое ташкил медиҳанд, ки аз хушгӯиҳои адибон, яъне аз мутоиботи удабо, таркиб ёфтаанд. Аз ин латоиф мо баробари огоҳӣ аз лутфи табъи адибони доираи адабии Вахшонзамин то андозае ба вазъи иҷтимоии даврони онҳо низ шинос мешавем. Дар маҷмуъ, «Мутоиботи удабо» фарогири  162 мутоибот, 260 латифа, 42 масал, 5 ҳикояи хурд, 31 мусоҳиба, 26 «мошу биринҷ», 33 мақол, 56 луғот, 78 «дар омади гап», 21 маслиҳат, 19 «қариб буд, ки...» ва 49 шеъри ҳаҷвӣ мебошад. Аз истифодаи жанру навъҳои гуногуни ҳаҷвӣ маълум мегардад, ки Ғаффоралӣ Сафар солҳои тулонӣ ба навиштани осори ҳаҷвӣ машғул буда, дар ин самт низ маҳорати хосса доштааст. Ӯро метавон яке аз ҳаҷвнигорони муваффақи даврони Истиқлолият муаррифӣ намуд.

Паҳлуи дигари фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар навиштани ашъори бачагона буд. Ӯ дар давоми фаъолияти эҷодии хеш барои бачагони синну соли гуногун шеърҳои зиёде эҷод намудааст, ки қисмати аъзами ин ашъор дар ду маҷмуа: «Офтобаки қолинбоф» (2006) ва «Кокули зимистон» (2007)  фароҳам омадаанд. Маҷмуаи «Офтобаки қолинбоф» аз 87 шеъри бачагона, 67 чистон ва 13 тезгӯяк таркиб ёфтааст. Маҷмуаи «Кокули зимистон» нисбат ба  маҷмуаи пешин хурдҳаҷмтар буда, аз 37 шеъри бачагона ва 32 чистон иборат аст.  Аз таҳқиқ ва баррасии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар маълум мешавад, ки мавсуф дар гуфтани ин навъи шеър

низ муваффақ буда, ашъори бачагонаи ӯро ба ҳайси намунаҳои хеле хуби шеъри бачагонаи даврони Истиқлол муаррифӣ кардан мумкин аст.

Вобаста ба ин се паҳлуи фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар мо кори таҳқиқотии худро ба се боб ҷудо намуда, дар ҳар як боб яке аз ин паҳлуҳои фаъолияти эҷодии адибро мавриди накду баррасӣ қарор додаем.

## 1.2. Хусусиятҳои жанрии ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар

### 1.2.1. Рубоӣ ва дубайтӣ

Устоди шодравон Ғаффоралӣ Сафар, ки аз ҷумлаи шоирони муваффақ ва соҳибноми доираи адабии Хатлонзамин ба шумор меравад, аз худ мероси гаронбаҳои манзуму мансур ба ёдгор гузоштааст. Қисмати аъзами эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафарро осори манзум ташкил медиҳад, ки шоир онҳоро дар жанрҳои гуногуни адабӣ таълиф намудааст.

Осори манзуми Ғаффоралӣ Сафар аз жанрҳои суннатие, амсоли рубоиву дубайтӣ, ғазал, фардиёт, анвои гуногуни мусаммат ва аз жанрҳои муосир чаҳорпораву шеъри нимоӣ иборат аст. Зимни таҳқиқу баррасии ашъори ғиноии шоир тасмим гирифтем, ки сараввал анвои суннатии ашъори ӯ баъдан шеърҳои ба вазну қаволиби нав навиштаашро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Аз ҷумлаи жанрҳои суннатие, ки дар осори манзуми Ғаффоралӣ Сафар мавқеи хосса доранд, дубайтӣ ва рубоӣ мебошанд. Маълум аст, ки ин жанрҳо аз қадимтарин анвои шеъри тоҷикианд, ки ҳанӯз пеш аз вуруди арузи араб ба шеъри тоҷикӣ бо номи фаҳлавиёт дар адаби форсу тоҷик мақоми чашмрасу корбурди фаровону густардае доштанд. Ба қавли Мансур Растагори Фасоӣ, «собиқаи дубайтӣ ва сурудани он бисёр тулонӣ аст» [124, с. 451]. Фолклоршиноси тоҷик Р. Амонов низ рубоиро «қисми асосии лирикаи халқии тоҷик» номидааст [30, с. 32].

Дар мавриди хостгоҳи форсӣ-тоҷикӣ доштани рубоиву дубайтӣ ва мансуб ба арузи араб набудани вазни он донишмандони зиёде изҳори назар

кардаанд [28; 30; 64; 106; 124; 148...]. Барои мисол, ховаршиноси хушном Е.Э. Бертелс баъди баёни мушаххасоти ин жанр ва таҳлили афкори суханшиносон оид ба он ба чунин хулоса омадааст: «Рубоӣ ҳамоно шакле аст, ки мардуми Эрон бе ҳеҷ гуна таъсире аз бегона ва берун онро падид овардаанд» [44, с. 118]. Бо вуҷуди он ки минбаъд вазни рубоиву дубайтӣ низ ба аруз мувофиқ карда шуд, руҳи тоҷикона ва самимияту халқияти онҳо боқӣ монд, ки мо ин вижагиҳоро ҳатто дар гуфтаҳои ҳунармандтарин шоирон низ мушоҳида менамоем. Барои тақвияти он чи гуфтем, овардани иқтибосе аз устод Абдушукри Абдусаттор, ки дар бораи рубоӣ таҳқиқоти арзишманде анҷом додааст, муносиб менамояд: «... рубоӣ ё тарона сараввал дар осори шифоҳии мардуми форсизабон сурат гирифта, дар адабиёти китобии он пухта ва мукаммал гардидааст ва қонунҳои арузро касб кардааст. Яке аз далелҳои муҳимми ин даъво он аст, ки рубоӣ ва рубоисароӣ дар осори шифоҳии форсизабонон ва адабиёти онон аз қадим вуҷуд дошта, аз ҷиҳати вазн ва оҳанги мусиқӣ дар байни таронаҳои мардумӣ ва рубоиёти китобӣ ҳамоҳангӣ ва мувофиқате дида мешавад. Аз тарафи дигар, дар ҷаҳон халқе нест, ки дар осори шифоҳии он, хоса кӯҳистониён, аз қадим то имрӯз рубоӣ ва рубоисароӣ ба ин дараҷа мақоми бузург ва равнақи зиёде дошта бошад» [28, с. 66].

Дар мукаммалтарин маҷмуаи шеърии Ғаффоралӣ Сафар – «Панҷаи овоз» дар маҷмуъ 136 дубайтӣ ва 21 рубоӣ мавҷуд аст. Вобаста ба таваҷҷуҳе, ки шоир ба жанри дубайтӣ нишон додааст, мо низ сараввал ба нақду баррасии дубайтиҳои ӯ мепардозем. Ғаффоралӣ Сафар дар гуфтани ин навъи ашъор бештар дунболагирӣ аз шаклу мазмуни дубайтиҳои мардумӣ карда, мазмуну мундариҷаи аксар дубайтиҳои ӯ мазомини ошиқонаанд. Аз муҳимтарин хусусиятҳои дубайтиҳои шоир, ки қайд кардани онҳо бамаврид аст, лутфи зебои шоирона аст, ки анқариб дар ҳар як байти шоир мушоҳида мешаванд.

Барои мисол, дар дубайтии зерин шоир сараввал аз азоби ҳиҷрону бераҳмии ҷонон шикоят намуда, баъдан сабру бурдбории худро ба ин ҳолати

тоқатфарсо баён доштааст. Тавре мушоҳида мешавад, ин мазмун куҳнаву обшуста буда, дар садҳову ҳазорҳо шеъри шоирони гуногун мо бо намунаҳои он вомехӯрем. Вале шоири ҳунарманд тавонистааст, ки ҳамин мазмуни обшустаро тавассути лутфи зебои шоирона либоси тозаву нав пӯшонад. Барои ба ин ҳадаф расидани ӯ вожаҳои «Бухорову Самарқанд» хидмат кардаанд, ки ба ҷойи исми маҳбуба истиора шуда омадаанд. Яъне, шоир азоби дурии худро аз маҳбуба ба ҳиҷрони миллати тоҷик аз шаҳрҳои қадимии худ – Бухорову Самарқанд монанд кардааст, ки зимни тақсими марзу ҳудуди ҷумҳуриҳои собиқ Давлати шуравӣ аз ҷумҳурии мо берун фитоданд. Бо вуҷуди ин, дил кандани мо аз ин гаҳвораҳои фарҳангу тамаддуни аҷдодон мумкин нест ва мо то ҳол ин шаҳрҳоро ҳамчун ватани аҷдодии худ медонем ва аз онҳо ифтихор дорем. Ҳамин монанд кардани маҳбуба ба шаҳрҳои бостонии ниёгон – Бухорову Самарқанд лутфи дубайтии шоирро таъмин карда, онро барои хонанда дилпазир гардонидааст:

Нигоро, бе ту зору дардмандам,
Ба занҷири фироқат пойбандам.
Бухорову Самарқандӣ ту, ай гул?
Ки то имрӯз аз ту дил накандам [8, с. 119].

Маълум аст, ки агар инсон дар назди умум аз дӯст доштани шахсияти худ ва ё ягон аъзои худ сухан гӯяд, ӯро ба худпарастӣ айбдор мекунанд, вале шоири суханпардоз метавонад ҳамин айбро низ ба ҳунар табдил диҳад. Барои мисол, дар дубайтии зер шоир дар баробари ибрози муҳаббату дӯстдории худ ба маҳбуба аз дӯст доштани дили худ низ ҳарф мезанад ва барои ба ҳунар мубаддал намудани айби худпарастӣ лутфомез зикр менамояд, ки дили ман макони меҳру муҳаббати маҳбуб аст, ба ҳамин хотир дӯст доштани он нораво нест, балки равову ҷоиз аст:

Нигори хушдиламро дӯст дорам,
Нигори хушгиламро дӯст дорам.
Ба дил азбаски меҳраш ҷо гирифтаст,
Аз ин рӯ ман диламро дӯст дорам [8, с. 119].

Дар дубайтии зер корбурди ҳунармандонаи санъати таҷнис сабабгори эҷоди лутфи зебои шоирона гардидааст. Ғаффоралӣ Сафар аз маъниҳои гуногуни вожаҳои «талха» ва «дард» истифода карда, меҳру муҳаббат ва самимияти худро нисбат ба Ватан ба таври шоирона баён менамояд:

Ватан, дардат ба ҷонам ошно шуд,
Дилам бо дарду доғат ҳамсадо шуд.
Ба дард омад даме ки талхаи ман,
Ба дардам талхаҳои ту даво шуд [8, с. 121].

Дар мавзуи Ватан зиёд шеър гуфтан яке аз вижагиҳои адабиёти даврони Истиқлолият аст. Ба қавли устод Худоӣ Шариф, «Мавзуи ватан аз баҳсҳои доимии шеъру адаб аст ва ҳарчанд дар тули асру замонҳо маънои он ба тағйиру таҳаввуле дучор шудааст, моҳияти он - дӯст доштани Ватан ва муҳофизати он кам тағйир ёфтааст. Роҳҳои баёни ин мавзуъ хеле гуногун мебошанд ва шоирони мо ҳам ҳар яке онро бо роҳу равиши хос, баробари донишу салиқаи сухани худ гуфтаанд» [144, с. 160].

Шоирони даврони Истиқлолият, ки аксарият шоҳиди бевоситаи даврони ҷанги шаҳрвандӣ буданд ва ба чи қимате ба даст омадани ваҳдату ягонагии миллӣ ва осудагиро медонистанд, ба қадри ин неъматҳои бебаҳо расиданро аз мову шумо – хонандаи ашъори худ, тақозо доранд. Ҳамин мазмунро дар шеърҳои гуногуни Ғаффоралӣ Сафар мушоҳида кардан мумкин аст.

Масалан, дар қитъаи зер шоир ватанро ба сӯзании пурнақшу нигор ва худро ба сӯзане монанд кардааст, ки ҳуруфи сулҳу дӯстӣ ва росткориро дар рӯйи он гулдӯзӣ менамояд ва бо ҳамин ташбеҳу тамсил гуфтан мехоҳад, ки бидуни ваҳдату ягонагии халқу миллат ободии давлатро таманно кардан ғайриимкон аст:

Ватан бошад агар чун сӯзание,
Барои ӯ шавам монанди сӯзан.
Ҳуруфи дӯстиву ростиро
Ба домонаш кунам гулдӯзие ман [8, с. 120].

Бояд гуфт, ки ҳарчанд шеъри болоро шоир дар қатори дубайтиҳо овардааст, он аз ҷиҳати тарзи қофиябандӣ ба ин жанри шеърӣ мувофиқат намекунад ва «қитъа» гуфтани он саҳеҳтар аст.

Дар ҳақиқат, даврони Истиқлолият як зумра шоиру нависандагонеро ба майдони адабиёт овард, ки талқини ватандӯстиву меҳанпарастӣ ва ваҳдату ягонагии мардумро аз вазифаву масъулияти инсонии худ медонистанд ва ҳамчун сӯзани тасвиркардаи Ғаффоралӣ Сафар ҳуруфи зарҳалии сулҳу дӯстиро дар сӯзании зебои Ватан нақш мекарданд. Чаро ки маҳз ҳамин ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу дӯстист, ки Ватани азизи мо рӯз то рӯз ободу зебо ва руҳнавозу дилкушо мегардад.

Ба қавли шоир, дар зиндагӣ шодмону хушдил будан фарз аст, вале ин фарз вақте иҷро мегардад, ки инсон ғамхор ва ғамгусори дигарон бошад. Инсон дар ҷамъият зиста, аз таъсири он берун буда наметавонад. Хоҳ-нохоҳ авзои иҷтимоӣ ба руҳияи ҳама кас асар мегузорад ва ӯро шод ва ё баръакс, ғамгин мегардонад. Яъне, бо якдигар ғамшарик ва ё шодишарик будани инсонҳо тақозои ҳаёти ҷамъиятист. Вале рисолати инсон танҳо бо ҳамин аъмол маҳдуд намегардад ва як зумра вазифаҳои дигари хусусиву ҷамъиятие ҳастанд, ки инсон дар иҷрои онҳо масъул аст. Агар ҳамин вазифаҳо аз ҷониби шахс иҷро нагарданд, ӯ барои ҷамъият шахси зиёдатӣ ва бори дӯши халқу Ватан хоҳад буд:

Ба гетӣ хушдилу ғамхор бошам,
Ба шодию ғами кас ёр бошам.
Наорам бори душам гар ба манзил,
Ба души зодгоҳам бор бошам [8, с. 123].

Дар қитъаи зерин, ки низ дар қатори дубайтиҳо омадааст, шоир хонандаи худро аз ноқис будани чашми зоҳирбини инсон огоҳ кардан хоста, қайд кардааст, ки ба моҳияти ашхос ва ё ашё аз рӯи шакли зоҳирӣ баҳо додан шоиста нест, чаро ки ин баҳо на ҳама вақт бо воқеият тавъам мегардад. Ба ҳамин хотир, шоир касони зоҳирбини ботинбехабарро аз қазовати айбу ҳунари касе ва ё чизе маҳрум дидан мехоҳад:

Ба зоҳирбин баҳо додан нашояд,
Ки зоҳирбин на аз мардони доност.
Чунонки кирми пилла зиштрӯ аст,
Вале абрешиме бидҳад, ки зебост [8, с. 122].

Дубайтии боло ба ҳикматҳои маъмул, хоса ба қитъаи машҳури Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки дар зер меорем, ҳаммазмун аст:

Таъна бар ман мазан ба сурати зишт,
Ай тиҳӣ аз фазилату инсоф.
Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,
Кор шамшер мекунад, на ғилоф [27, с. 44].

Тамсил дар қитъаи зер бисёр воқеӣ ва замонавӣ сурат гирифтааст. Шоир дар он ҳақиқатеро талқин кардан хостааст, ки шахсони дар мушкиле дармондаро аз ҳама аввал бояд атрофиён, дӯстону наздикон дастгирӣ намоянд. Бе дастгирии онҳо баромадан аз мушкилоти зиндагӣ душвор ва номумкин аст. Барои исботи ин иддао шоир аз ҳаёти воқеӣ мисоле меорад, ки мувофиқи он агар дар роҳ мошине аз кор бозмонад, бо мадади мошинҳои дигар онро ба ҳаракат медароранд. Ҳамин ҳолатро дар мисоли инсонҳо низ татбиқ кардан имкон дорад:

Ба шахси дар миёни роҳ монда
Дигарҳо ёрии худро расонанд.
Чунонки мошине аз по бияфтад,
Ба мошини дигар онро кашонанд [8, с. 122].

Маълум аст, ки воситаҳои гуногуни бадеӣ сабабгори асосии дилнишин ва таъсиргузор баромадани маънӣ мегарданд. Ба ҳамин хотир, Ғаффоралӣ Сафар низ дар баёни андешаҳои гуногуни худ аз орояҳои адабие, амсоли кинояву маҷоз, ташбеҳу истиора, тамсилу талмеҳ, тавсифу тазод ва ғайраҳо фаровон истифода кардааст. Масалан, дар дубайтии зерин саноеи истиораву маҷоз хеле ҳунармандона ва дилрасу таъсирбахш истифода гардидаанд:

Пур аз обича пойи оҳи ман буд,
Гиреҳи зиндагӣ дар роҳи ман буд.

Шабе, ки моҳро бигрифта буданд,

Канори ман тиҳӣ аз моҳи ман буд [8, с. 118].

Бо он ки истиораи «пойи оҳ» дар шеъри форсӣ наву бесобиқа нест, истифодаи шоир аз он мувофиқу баҷо сурат гирифтааст. Ҳамчунин пур аз обича (обила) будани он низ то як андоза тозагии мазмунро таъмин кардааст. Маълум аст, ки пуробила будани пой сабабгори душворӣ дар рафтор мегардад ва аз ҳамин ҷиҳат дар назари аввал баёни мустаори шоир ба мантиқ носозгор метобад. Чунки «оҳ кашидан» ошкор намудани ғаму андуҳ ва ноумедиву дармондагист ва агар «пойи оҳ обиладор бошад», яъне агар оҳ ба душворӣ берун барояд, сабаб шояд кам ва назарногир будани ғаму ғусса бошад. Лекин агар дар назар гирем, ки заъфу нотавонӣ низ аз нишонаҳои одами ғамгину афсурда аст ва мешавад инсон ба андозае аз ғам заифу беқувват бошад, ки ҳатто қудрати оҳ кашидан надошта бошад, гуфтори мустаори шоир дар пояи мантиқ устувор ҷилвагар мешавад.

Ҳамин лутфомезиву таъсирбахширо мо дар рубоиёти шоир низ мушоҳида менамоем. Пешопеш гуфтан лозим аст, ки рубоӣ дар эҷодиёти шоир ба монанди дубайтӣ ҳузури фаровон надорад. Дар маҷмуаи мавриди таҳқиқ ҳамагӣ 21 рубоии шоир оварда шудааст, ки ба мавзуъҳои гуногун бахшида шудаанд. Мавзуи меҳварии ин рубоиёт фикрҳои пандуахлоқист ва шоир хостааст, ки ба василаи рубоиёти худ дар тарбияи ахлоқии хонандаи ашъораш таъсиргузор бошад.

Яке аз масоили асосие, ки ҳадафи тасвир ва таъкиди шоир қарор дорад, талқини донишомӯзист. Ғаффоралӣ Сафар шахси беилму донишро ба шишаи беҷилои манфур ва хонаи бесадои чун гӯр монанд карда, носозгории ононро бо аҳли илму маърифат таъкид кардааст:

Ҳар шиша, ки беҷило шавад, манфур аст,

Ҳар хона, ки бесадо шавад, чун гӯр аст.

Ҷоҳил накунад ба аҳли дониш созиш,

Хаффош нигар, ки рӯзи равшан кӯр аст [8, с. 114].

Шеъри Ғаффоралӣ Сафар аслан шеъри иҷтимоист ва ӯ шоирест, ки ҳадафи тасвираш, пеш аз ҳама, масоили гуногуни иҷтимоиянд. Ҳатто дар он

шеърҳое, ки мазмунашон масоили инфиродӣ, аз ҷумла ишқу муҳаббати шахсист, шоир масъалаи иҷтимоиеро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Барои мисол, мавзуи рубоии зерин изҳори меҳру муҳаббат ва вафодориву садоқатест, ки ошиқ ба маъшуқа манзур менамояд. Вале зимни ҳамин мавзуи мушаххас низ шоир масъалаи норасоии қувваи баркро, ки чанд даҳсола думболагири халқи мо буд ва имрӯзҳо бо шарофати сохтмони неругоҳҳои нав, билхосса НБО Роғун, рафъ гардидааст, ба миён мегузорад:

Гар бода шавӣ, ман қадаҳат мегардам,
Дар дашти ҳавас нақши раҳат мегардам.
Имрӯз агар барқ ба дай анқоист,
Ман гарм зи барқи нигаҳат мегардам [8, с. 116].

Маълум аст, ки осори дилхоҳ адиб дар баробари фарогирии мавзуъ ва мазмунҳои мухталиф як навъ ҳолномаи худи ӯ низ ҳаст. Ҳамин аст, ки зимни тасвири манзараву ҳолатҳои гуногун адиб ҳаёти инфиродии худро низ то андозае инъикос менамояд. Яъне, бо он ки «ман»-и инфиродии шоир, ба истилоҳи адабиётшиносони даврони шуравӣ, ҳамчун образи типӣ ифодагари ҳаёти як насли даврони ӯст [82, с. 14], адиб бисёр вақт вобаста ба таъсири авзои иҷтимоӣ ба шахсияти худ ба зиндагӣ баҳо медиҳад. Вале ин сухан маънои онро надорад, ки агар зиндагии худаш борафоҳият ва осуда бошад, аз ҳоли табоҳи мардум бехабар мемонад. Не, баръакс, адибони воқеӣ дар ҳама давру замон тасвиргари зиндагии мардуме будаанд, ки дар миёни онҳо худ зиндагӣ мекарданд ва новобаста ба вазъи ҳаёти иҷтимоии худ, бо ғаму шодии мардум шарик буданд. Ба қавли Саъдии бузургвор:

Ман аз бемуродӣ наям рангзард,
Ғами бемуродон маро хаста кард [22, с. 46].

Дар рубоии зерини Ғаффоралӣ Сафар мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем. Шоир аз он ҳарф мезанад, ки ӯ як умр кӯшиши хӯрдани нони беминнат, нони бо арақи ҷабин бадастовардаи худро кардааст. Ва агар нони беминнат ва безаҳмат хӯрда бошад ҳам, ин неъматҳои худовандие амсоли борон будаанд, ки Офаридгор онҳоро барои ҳама махлуқот ройгон тақдим

кардааст. Шоир ба василаи санъати ташбеҳ худро ба нахле шабоҳат додааст, ки намакхораи абри осмон ва мадюни илтифоти ҳар як қатраи борон аст. Вале агар мантиқан фикр намоем, Худованд боронро низ ройгон ба ин нахл надодааст, балки дар ивази меваҳои шаҳдбор ва ё сояи роҳатафзои нахл ҳамчун подош инъом кардааст. Қаҳрамони лирикии шоир низ дар ивази заҳамоти софдилонаи худ аз ин неъматҳо бархӯрдор гардидааст.

Табиист, ки бо вуҷуди аз забони шахси якум, яъне ман, сухан гуфтани шоир ин зиндагиномаи бисёр одамони бовиҷдон, аз ҷумла зиёиён аст, ки нафси саркаш ва зиёдаталаб онҳоро тобеи худ накардааст:

Як умр чу нахл шири борон хӯрдам,
Аз синаи абри кӯҳсорон хӯрдам.
Чун дона ба хок кишта обичаи даст,
Аз ҳосили кишти кардаам нон хӯрдам [8, с. 116].

Аз ҷумлаи мушаххасоти шеъри даврони Истиқлолият ҳузури густардаи мавзуи ватану ватандорӣ, сулҳу дӯстӣ ва иттиҳоду ҳамбастагии миллӣ дар анвои гуногуни он аст. Шоирони ин даврон бо дарки масъулият ва талаби замон мавзуи мазкурро ҳадафи тасвир қарор дода, саъй кардаанд, ки ба василаи сухани мавзуну муқаффо ва дилнишину муассир дар ваҳдату ягонагии халқи азизи худ саҳмгузор бошанд ва ҳисси ватандӯстиву хештаншиносии онҳоро боло бибаранд. Ҳамин вижагии адабиёти даврони истиқлол дар осори бисёр донишмандоне, ки ба таҳқиқи адабиёти бадеии ин давраи таърихӣ пардохтаанд, таъкид гардидааст [33; 39; 49; 59; 72; 75].

Тавре ки таҳқиқи осори Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ӯ низ дар баробари дигар қаламкашони тоҷик ҳамин масъулияти ҷонӣ ва вазифаи виҷдонии худро хеле хуб дарк кардааст ва барои иҷрои он кӯшишҳои самарабахше низ дорад. Мавзуъҳои болозикрро метавон аз мавзуоти асосии осори манзуми шоир қаламдод кард, ки дар шеърҳои гуногунжанри ӯ мавқеи асосӣ ва меҳварӣ доранд. Ҳамин баҳо ба рубоию дубайтиҳои шоир низ дахл дорад, ки дар бисёре аз онҳо мавзуъҳои мазкур баррасӣ гардидаанд.

Маълум аст, ки қадами аввали ватандорӣ омода будан ба ҳифзу нигаҳдории он аст ва ватандори асил ҳамонест, ки бо нархи ҷисму ҷон нигаҳбони хоки ниёгони худ мешавад. Мазмуни рубоии зерин низ таъкиди ҳамин нукта аст. Рубоиро метавон як навъ савганди вафодориву садоқати халқу миллат нисбат ба ватан донист:

Мо зодаи кӯҳу кӯҳсонем ҳама,
Дилсоф чу чашмаҳои онем ҳама.
Дар ҷанг миёни мо парешонӣ нест,
Сад тири даруни як камонем ҳама [8, с. 115].

Таъкиди ин нукта, ки шоир дар гуфтани рубоиву дубайтӣ таъсиргир аз эҷодиёти шифоҳии мардум будааст, лозим аст ва нишонаи асосии ин таъсирпазирӣ лутфи зебои шоирона аст, ки дар рубоиёти халқӣ ва ҳам дар эҷодиёти шоирони рубоисаро фаровон ба чашм мехӯрад. Баъзе рубоиёти Ғаффоралӣ Сафар аз ҳамин вижагӣ бархӯрдор буда, дорои ҳамин гуна лутфи зебои шоиронаанд. Ба ҳайси намуна ду рубоии зеринро пешниҳод мекунем:

Дидӣ чу ҳама саҳву хатоям, эй гул,
Мондӣ чу ибора ҷо ба ҷоям, эй гул.
Номат, ки Муқаддас аст, аз хотири ту
Шаҳр аст муқаддас аз бароям, эй гул [8, с. 115].

***

Ман шефтаи нигоҳи мастат бошам,
Моҳӣ шудаву асири шастат бошам.
Ту ошиқи оинаву ман ошиқи ту,
Эй кош, ки оинаи дастат бошам [8, с. 115].

Шоир медонад, ки беҳтарин ва арзандатарин чизе, ки аз ӯ ба ёдгор мемонад, ҳамин суханони манзуму мансурест, ки ӯ онҳоро дар қолаби анвои гуногуни осори бадеӣ гуфтааст. Бо он ки ин мазмун низ нав нест ва дар осори бисёр шоирони дирӯзу имрӯз вомехӯрад, тарзи ифода тозаву дилнишин ва таъсиргузор аст ва як навъ таъкиди ҳикмати ниёгон дар бораи ҷовидонагии сухан аст. Сухане, ки баъди хароб гардидани биноҳои обод низ пойдор боқӣ

мемонад, сухане, ки аз шамшер дида бурротар аст, сухане, ки мурдаро зинда ва зиндаро мурда ҷилва медиҳад, хомҳоро пухта ва мардумро комраво мегардонад ва ҳам сухане, ки вазну тамкини заминро дорад:

Не ханҷару теғу сипарам мемонад,
Не гарди раҳи таковарам мемонад.
Чун гармии рӯзгори ман гардад сард,
Гармии сухан ба дафтарам мемонад [8, с. 114].

Ҳамин тавр, дубайтиву рубоиҳои Ғаффоралӣ Сафар, бо вуҷуди миқдоран кам буданашон, ба қисматҳои арзишманди осори ӯ дохил мешаванд. Онҳо дарбаргири мавзуъ ва мазмунҳои ҷолибу дилписанд буда, дар баробари аҳамияти завқӣ-зебописандӣ моҳияти беназири ахлоқӣ доранд ва хонандаро ба кӯйи некномиву росткорӣ ҳидоят менамоянд.

### 1.2.2. Ғазал

Дар таркиби мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар баробари дигар анвои шеъри суннатӣ жанри ғазал низ мушоҳида мешавад. Пешопеш гуфтан лозим аст, ки ғазал дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар мавқеи бориз надошта, миқдоран каманд. Яъне, жанри ғазал дар эҷодиёти шоир аз ҷумлаи жанрҳои камкорбурд аст. Бо вуҷуди ин, азбаски ин шеърҳо низ ба мероси адабии шоир дохил мешаванд, арзандаи таҳқиқу пажӯҳиш ва таҳлилу баррасианд.

Дар маҷмуаи «Панҷаи овоз» зери унвони «Ғазал» ҳамагӣ даҳ ғазал оварда шудааст. Вале зимни пажӯҳиш маълум гардид, ки бар замми ин 10 ғазале, ки гуфтем, дар маҷмуаи мавриди таҳқиқ инчунин 17 шеъри гуногунмавзуи дигаре ҳаст, ки дар қолаби ғазал гуфта шудаанд. Яъне, ғазалҳои шоир дар маҷмуъ 27-то мебошанд.

Пеш аз он ки ба мазмуну мундариҷаи ғазалиёти шоир дахл намоем, дар мавриди вижагиҳои шакливу сохтории ғазалиёти шоир гуфтани чанд суханро ҷоиз мешуморем.

Аз ҷиҳати сохтор ғазалиёти шоир ба ғазали суннатии мо мувофиқат дошта бошанд ҳам, дар ҳеҷ кадоми онҳо тахаллуси шоир истифода

нагардидааст. Аз рӯйи шумораи абёт низ ғазалиёти Ғаффоралӣ Сафар ба ғазали суннатӣ мувофиқат дошта, аксаран миёнаҳаҷманд. Аз бисту ҳафт ғазали маҷмуаи «Панҷаи овоз» яктояш даҳ, дутояш нуҳ, панҷтояш ҳашт, як ғазал ҳафт, даҳ ғазал шаш, шаш ғазал панҷ ва ду ғазал чор байт доранд. Ғазалиёти шоир ҳамагӣ мураддаф буда, нуздаҳ ғазал радифи сода доранд, ки аз феълҳои «намеравад», «андозам», «медиҳад», «омӯхтам», «афтодааст», «мезанем», «хандидаам», «нест», «будааст», «кушод», «аст», исмҳои «раис», «Файзалӣ», «ҳамсабаққо», «Мадсабур», «мардаке» ва зарфи «ҳанӯз» ташкил ёфтаанд. Дар ғазалҳои боқимондаи мураддаф таркибҳои феълии «дорам ҳанӯз», «дорад ин мудир», «ояд ҳаме», «астем мо» ва калимаҳои такрории «рафт, рафт», «дук-дуки дук» ба ҳайси радиф истифода шудаанд.

Мушоҳида нишон медиҳад, ки радиф низ ҳамчун дигар калимаҳои калидии шеър дар ғазалиёти Ғаффоралӣ Сафар бори маънӣ мекашад. Яъне, шоир танҳо барои ороиши зоҳирӣ ва хушоҳангии ғазалиёти худ радифро истифода намебарад, балки ғарази ӯ ифодаи маъниҳои муайяне ба василаи ин калимаҳои дар ҳар як байт такроршаванда аст.

Барои исботи ин иддао ғазалеро аз маҷмуаи «Панҷаи овоз» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем. Ғазали мазкур мураддаф буда, радифи он калимаи «намеравад» аст, ки дар ағлаби байтҳо ба маънии аслии худ – феъли «нарафтан» истифода шуда, дар баъзе байтҳо маънии дигар – «зудуда шудан»-ро, ки бештар дар забони мардум маъмул ва маъруф аст, ифода менамояд:

Хушгил бишав, ки бӯи хуш аз гил намеравад,
Маънии хуш зи мисраи комил намеравад…
Дар ҳар рагам зи ҷунбиши меҳрат ҳароратест,
Неруи барқ бе хати ноқил намеравад.
Покиза дор оинаи дил зи чанги кин,
Аз шиша чанг меравад, аз дил намеравад.
Киштии орзуи маро раҳбалад туӣ,
Бе раҳбалад сафина ба соҳил намеравад.

Ту донаи умед ба мурғи дилам бидеҳ,

Мурғе, ки хӯрд дона, зи манзил намеравад… [8, с. 108].

Тавре мушоҳида мешавад, дар ифодаҳои «бе хатти ноқил нарафтани неруи барқ», «бе раҳбалад ба соҳил нарафтани сафина», «зи манзил нарафтани мурғ» феъли «рафтан» ба маънои аслии худ истифода шуда, ифодагари ҳаракати муайян аст, вале дар байтҳои боқӣ ифодаҳои «аз гил нарафтани бӯйи хуш», «аз мисраи комил нарафтани маънии хуш», «аз дил нарафтани чанги кина», ... феъли мазкур ба маънии маҷозии худ истифода шуда, «зудуда шудан»-ро ифода менамояд.

Таҳқиқи авзони ғазалиёти Ғаффоралӣ Сафар аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир дар гуфтани ин навъи шеър бештар ба авзони баҳри Рамал, бахусус Рамали мусаммани маҳзуфу мақсур (рукнҳояш: фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун (фоилон) ва тақтеи арузияш: –V– – / –V– – / –V– – / –V– / (–V~) таваҷҷуҳи бештар дорад ва қисмати зиёди ғазалҳои худро маҳз дар ҳамин вазни хушоҳанг гуфтааст.

Ба ҳайси намуна матлаи якчанд ғазали шоирро меорем, ки дар ҳамин вазн гуфта шудаанд:

Гар-чи-рӯ-зам / то-р-шуд-май / ли-са-ҳар-до / рам-ҳа-нӯз,

Аз-ди-ё-ри / о-р-зу-ҳо / ям-гу-зар-до / рам-ҳа-нӯз [8, с. 109].

***

Чӯ-би-но-ҳам /во-р-ро-сай / қал-да-ми-таш / ме-ди-ҳад,

Дар-за-и-шо / ху-ша-пар-гар / ми-и-о-таш / ме-ди-ҳад [8, с. 109].

***

Хуш-хи-ро-ми / ву-ра-во-ни / ро-зи-о-бо / мӯ-х-там,

Бӯ-йи-гул-ан / ге-х-тан-ро / аз-гу-ло-бо / мӯ-х-там [8, с. 110].

Шоир дар шакли мусаддаси баҳри Рамал низ ғазал гуфтааст. Барои мисол вазни ғазали зерин Рамали мусаддаси мақсур аст:

Чун-га-до-ё(н) / гар-чи-сад-дар / ме-за-нем,

Таъ-на-бар-ҷо / ҳи-Си-кан-дар / ме-за-нем [8, с. 111].

Ғазалиёти шоир аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа густардаву фарогир набуда, як зумра масоили маъмулу мустаъмали иҷтимоиву ахлоқиро дар бар мегиранд. Дар мавриди ваҳдати мавзуии ғазалиёти шоир ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар шеъри ӯ низ ба монанди ғазалиёти шоирони салаф дар маҷмуъ ваҳдати мавзуъ риоя шавад ҳам, ҳар як байт дар навбати худ бори маънӣ мекашад ва мустақилияти маъноии худро нигаҳ медорад.

Бо он ки, ба қавли Сируси Шамисо, «мазмуни ғазал ғолибан зикри зебоии маъшуқ ва бевафоиву сангдилии ӯ ва қиссаи фироқу меҳнат кашидани ошиқ аст ...» [138, с. 14], ҳатто дар ғазалиёти ошиқонаи Ғаффоралӣ Сафар низ мо масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро мушоҳида менамоем. Барои мисол, дар ҳамин ғазале, ки мо дар боло ба ҳайси намуна овардем, мазмуни асосӣ изҳори ишқу муҳаббат ва садоқат ба маҳбуба аст, вале зимни ин мавзуъ афкори пандуандарзии шоир низ ироа гардидаанд. Ҳамин хусусияти пандуандарзиро ҳам байти аввал ва ҳам чанд байти дигари ғазал моликанд.

Ғаффоралӣ Сафар дар гуфтани ғазал бештар думболагири намояндагони сабки ҳиндии адабиёти форсӣ буда, таъсирпазирии ӯ аз тарзи баёни Соибу Калими Кошонӣ ва Шавкату Сайидо дар ҳар як ғазалаш мушоҳида мешавад. Ин таъсирпазирӣ дар мазмуну мундариҷаи ғазалиёти шоир низ назаррас аст. Бо вуҷуди ин, кӯшиши ошноизудоӣ намудани ин мазомини маълум аз ҷониби Ғаффоралӣ Сафар мушоҳида мешавад. Ба қавли донишманди соҳибноми эронӣ Шафеии Кадканӣ, «ҳар навъ навоварӣ дар ҳунар ошноизудоист, зеро дар олами ҳунар ҳеҷ ҳарфи тозае вуҷуд надорад ва дар айни ҳол, агар чизе воқеан ҳунар бошад, ҳатман тоза аст ва ғарибу ноошно» [62, с.64].

Маълум аст, ки вазифаи асосии адабиёти бадеӣ низ тарбия намудани инсони комилу худогоҳ аст ва адибон дар ҳар давру замон ин вазифаи осори адабиро аз дигар вазоиф муқаддамтар донистаанд. Ғаффоралӣ Сафар низ ба монанди шоирони бузурге, ки гуфтем, бештар ба мазомини пандуандарзӣ дахл кардааст.

Дар ғазали зерин шоир масъалаҳои бисёр муҳимми ахлоқӣ, ҳамдиливу ягонагӣ, бекинагӣ, худшиносӣ ва ғайраро ба миён гузоштааст. Дар мисраи нахустини байти аввал шоир таъсири таълиму тарбияро ба оташе монанд кардааст, ки сабабгори сайқал ёфтани чӯби ноҳамвор мегардад. Байти дувум бошад, дар талқини ваҳдату ягонагӣ гуфта шуда, шоир ҳар як шахсро дар ҷамъият бо як тори танбӯр монанд кардааст, ки ба танҳоӣ садои хуш надорад, вале вақте ки торҳо бо ҳам ҳамнаво мегарданд, садои хуше дар фазо танинандоз мегардад.

Байти савум дар мазаммати буғзу ҳасад гуфта шудааст. Ин ду аъмоли нописанди инсониро шоир ба хоку чанге монанд кардааст, ки сабабгори гилолуд гардидани чашмаи диланд. Ба ҳамин тартиб мисраву байтҳои боқимонда низ мазомини гуногуни ахлоқиро дар бар мегиранд. Зимнан, ғазали мавриди назар барои ин иддао, ки таваҷҷуҳи Ғаффоралӣ Сафар дар гуфтани ғазал ба сабки ҳиндӣ ва осори намояндагони ин сабк хеле зиёд аст, далели хубе буда метавонад, чунки санъати тамсил, ки дар ин ғазал зиёд истифода гардидааст, аз муҳимтарин мушаххасоти шеъри сабки ҳиндӣ мебошад. Дар зер ба ҳайси намуна се байти ғазалро меорем:

Чӯби ноҳамворро сайқал дами таш медиҳад,
Дарзаи шоху шапар гармии оташ медиҳад.
Ваҳдати халқ аст аз ҳампешагию ҳамдилӣ,
Торҳои ҷӯр савту сози дилкаш медиҳад.
Хонаи дил мешавад ифлос аз буғзу ҳасад,
Чашма гилолуд бошад, ҳусни нох(в)аш медиҳад [8, с. 109].

Дар мавриди ҳамин ғазал як нуқтаро таъкид кардан ба маврид аст, ки калимаи «ифлос»-и дар байти охир истифодашуда маънии «чиркин»-ро намедиҳад, бо вуҷуди он ки дар забони мардум ба ҳамин маънӣ корбурди фаровон дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар шарҳи маънии калимаи мазкур чунин омадааст: «бенавоӣ, бечорагӣ, бечизӣ, муфлисӣ, тангдастӣ» [123, с. 512].

Аксари фикрҳои ахлоқие, ки дар ғазалиёти шоир таъкидан зикр мешаванд, афкори пандуахлоқие ҳастанд, ки ниёгони ҳушманди мо борҳо онҳоро талқин кардаанд. Яъне, баёни афкори пандуандарзӣ дар адабиёти мо ба ҳукми анъана даромадааст ва «зарурияти анъана, тобеият ба анъана дар қолаби ҳама жанрҳо зоҳир мешавад» [125, с. 260]. Ин омил бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки вазифаи асосии адабиёти бадеӣ тарбияи инсони комилу худогоҳ аст ва барои мисол танҳо як масъалаи ахлоқӣ – некукор буданро ҳама адибоне, ки ба даст қалам мегиранд, ҳар як ба андозаи табъу завқи худ ва бо сабку услуби фардии худ талқину тарғиб кардаанд.

Ҳанӯз устод Рӯдакии бузургвор зиндагиро устоди нахустину асосии ҳар як инсон дониста, аз он панд омӯхтанро талқин карда буд [20, с.329]. Минбаъд ҳамин мазмун аз тарафи шоирони ҳар давру замон ба тарзҳои гуногун ва дар қаволиби гуногуни манзуму мансур таъкидан такрор шуд. Ин иқдом аз он шаҳодат медиҳад, ки шоирони баъдӣ ба ҳақиқати гуфтаҳои устоди бузург имон доранд ва ҳам дар зиндагонии худ  ин фикрро таҷриба кардаанд. Дар ғазали зерини Ғаффоралӣ Сафар низ таҷрибаи рӯзгор ҳамчун беҳтарин омӯзгор шинохта шудааст ва қаҳрамони лирикии ғазал комёбу муваффақ гардидани худро ба ҳамин таҷрибаандӯзӣ аз зиндагӣ вобаста медонад. Барои ӯ ҳама аҷрому аҷсоме, ки дар дунё мавҷуданд, сабақи ҳаётие тақдим кардаанд, то ӯ ҳушманду оқил ва корозмудаву таҷрибадида бошад:

Хушхиромиву равониро зи об омӯхтам,
Бӯи мушк ангехтанро аз гулоб омӯхтам.
Банди тадбире кушоям то ба ангушти хиёл,
Зиндагиро сафҳа-сафҳа чун китоб омӯхтам.
Пӯчмағзиву сабуксорӣ барад бар коми марг,
Ин нукот аз дафтари умри ҳубоб омӯхтам.
Дар раҳи матлуб хӯрдам пешпо дар ҳар қадам,
Як сабақ ислоҳ аз тарки шитоб омӯхтам.
Дарси бо халқ ошноиҳову ҳам бегонагӣ
Дар дабистони фалак аз офтоб омӯхтам [8, с. 110].

Ғаффоралӣ Сафар намояндаи он насли зиёиёне ҳаст, ки ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандиро бо чашми худ дида, оқибатҳои касофатбори онро дар ҷону ҷисми худ таҳаммул кардаанд. Ҳамин аст, ки қариб дар аксари шеърҳои ӯ ва шоирони ҳамзамони ӯ абри сиёҳи хотираҳои мағшуши ин ҷанг соя андохтааст ва як навъ ҳузни шоирона дар ҳар як асари онҳо мушоҳида мешавад. Вале ин хотираҳо танҳо барои ба риққат овардани хонанда ва дилсӯзии ӯро бедор кардан гуфта намешаванд, балки ғарази адибони ин насл бори дигар бозгӯ кардани даҳшату касофати ҷанг ва ба ин васила тарғиби сулҳу дӯстӣ ва қадршиносии зиндагии осоишта мебошад. Адибон ҳам дар он давраи нохуш ва ҳам дар замони осоишта аз сулҳу дӯстӣ ва ваҳдату ягонагии миллати тоҷик сухан гуфтаанд ва ба василаи каломи бадеъ афзалияти ин аъмолро аз ҷангу хунрезӣ ва якдигарбадбиниву ҷудоӣ баён кардаанд. Ба қавли М. Шакурӣ, «шоири лирик имкон дорад, ки бо сеҳри сухани бадеӣ торҳои ниҳонии дили инсонро ба садо орад ва тамоми ҳастии ӯро ба худи ӯ нишон диҳад» [152, с. 183].

Маълум аст, ки асари ҳаводиси нохуши ҷанги шаҳрвандӣ ба руҳияи адибони ин давр бетаъсир намонд ва онҳоро то андозае дилшикаставу ранҷур гардонид. Вале боз ҳам шоирони маҳкамиродае буданд, ки ин ҳама дарду ранҷро мардона таҳаммул намуда, мунтазири рӯзгори хушу босаодат гардиданд ва барои расидан ба ин рӯзи муборак худ низ ба василаи суханони руҳбаландкунанда саҳмгузорӣ карданд. Ғаффорали Сафарро низ метавон ба ҳамин гурӯҳ шоирон мансуб донист.

Барои мисол, дар ғазали зерини шоир аҳволи ҳамонвақтаи зиёиёни кишвар хеле хуб бозгӯ шудааст. Онҳо буданд, ки бо вуҷуди ҳама мушкилоти зиндагӣ алорағми душманони миллат мардона хандидаанд, то оби чашми онҳо душманонро шод нагардонад. Феъли «хандидан», ки ба ҳайси радифи ин ғазал интихоб гардидааст, на ифодагари шодиву хурсандӣ, балки баёнгари тан надодан ба мушкилоти зиндагӣ, мардона муқовимат кардан бо ин мушкилот аст:

Ҳамчу гул мардона бар хори чаман хандидаам,
Рағми душман дар дилам доғи Ватан хандидаам.
Гарчи тори ғуссаҳо дар синаам печида буд,
То саҳар монанди шамъи анҷуман хандидаам.
Хандаи дандоннамо бошад нишони аблаҳӣ,
Ман ниҳон аз чашми мардум дар сухан хандидаам...
Шишаи табъам агар бишкаст санги рӯзгор,
Ҳамчу як оина аз зарби шикан хандидаам [8, с. 112].

Ба ҳамин тартиб, ғазалиёти Ғаффоралӣ Сафар бо вуҷуди миқдоран кам будан ҳамчун як ҳиссаи мероси адабии шоир шоистаи таҳқиқ ва таҳлилу баррасианд. Сабаби ин шоистагӣ ҳам дар шаклу сохтори муносиб ва ҳам дар мазмуну муҳтавои дилписанду ҷолиб доштани ғазалиёти шоир аст. Бар замми ин, ғазалиёти Ғаффоралӣ Сафар аз моҳияти пандуандарзӣ низ бенасиб нестанд ва метавонанд имрӯз низ дар тарбияи ахлоқии ҷавонону наврасони даврони Истиқлол таъсиргузор бошанд.

### 1.2.3. Фардбайт

Яке аз жанрҳое, ки дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар мавқеи назаррас дорад, фардбайт мебошад. Дар маҷмуаи «Панҷаи овоз»-и шоир дар маҷмуъ 198 фардбайт мавҷуданд, ки шоир онҳоро зери унвони умумии «Ашкшорон» гирд овардааст.

Аслан, фардбайт барои адабиёти оламшумули форсӣ-тоҷикӣ бесобиқа нест ва мо намунаҳои олии ин жанрро дар осори бисёр шоирони гузаштаву имрӯз пайдо менамоем. Дар девони шоирони пешин намунаҳои ин жанр бо унвони «муфрадот» ва ё «фардиёт» ёд мешаванд. «Фардбайтҳо аксаран бадоҳатан, зимни таъсири ягон далели ҳаяҷонангезе, ки шоирро мутаассир кардааст, гуфта мешаванд» [77, с. 233].

Устод Худоӣ Шарифзода ин жанри шеъриро ба таври зайл тавсиф кардааст: «Байт воҳиди асосии маъноию шаклии шеър ва навъи хурдтарини асари манзум аст. Маҷмуи байтҳоро муфрадот мегӯянд... Муфрадот ҷамъи

байти фард ё байти муфрадот мегӯянд ва ба маънои байти танҳост. Байт ҳамчун навъи мустақили шеъри халқӣ низ маълум аст, ки онро фардбайт ҳам мегӯянд» [146, с. 272-273].

Дар адабиёти тоҷики даврони истиқлолият махсусан Рустам Ваҳҳобзода ба гуфтани фардбайтҳо таваҷҷуҳи хосса дорад ва дар ин ҷода аз пешқадамтарин шоирони муосири тоҷик низ ҳаст. Ахиран устод ҷамъи ин фардиёти худро, ки ба ҳазор расидаанд, дар маҷмуаи алоҳидае нашр намуда, пешниҳоди хонандагони хушзавқ гардонид [3], ки бешак аз иқдомоти хеле хуб ва қобили пайравии ҷавоншоирони даврони нав аст.

Бидуни шак, гуфтани фикру маънии мукаммалу барҷастае дар қолаби як байт кори саҳлу сода нест ва аз шоирони тавонманд низ маҳорату истеъдоди хоссаро тақозо дорад. Яъне, фардбайт гуфтан як навъ намоиши завқу салиқа ва табъи баланди шоирист. Таваҷҷуҳ ба фардбайтҳои Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки шоири мазкур аз ин муқаррароте, ки гуфтем, ба хубӣ огоҳӣ дорад ва кӯшиш менамояд, ки онро мувофиқи завқу салиқаи шоирии худ ва ҳамчун иқдоми қобили пазириши хонандагони хушзавқ иҷро намояд.

Пеш аз он ки ба таҳлилу баррасии мавзуъ ва мундариҷаи фардиёти шоир пардозем, рамзеро, ки ба ҳайси унвони ин байтҳо қабул гардидааст, баррасӣ кардан мехостем. Яъне, чаро шоир муфрадоти худро маҳз “Ашкшорон” номид? Ба андешаи мо, ҳамин унвон шаҳодат медиҳад, ки муфрадоти шоир аслан бозгӯи дарду доғи ҷамъиятест, ки шоир низ дар миёни онҳо зиндагӣ мекунад. Барои мисол, аз ҷумлаи ин дарду доғҳо таъсири манфии расму ойини ғарбӣ ба ҷавонону наврасони тоҷик аст. Маълум аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ падидаи ногузир аст, ки Тоҷикистон ва мардуми он аз ин падида яксӯ буда наметавонанд ва хоҳ-нохоҳ дар ин раванд аносири фарҳанги дигар қавму миллатҳо ба расму ойин ва фарҳанги мо низ таъсири худро мегузоранд. Ин ҳолат дар асл падидаи мусбат аст, ки моро бо олами пешқадамтару мутамаддинтар мепайвандад ва илму фарҳанги тоҷикро ба сӯйи пеш таҳрик медиҳад. Вале дар баробари ин ҷанбаи мусбат ҷаҳонишавӣ

тарафҳои нохубу зиёновар низ дорад, ки бадбахтона, онҳо тезтару зиёдтар ба насли ҷавон таъсири худро мегузоранд ва онҳоро то як андоза аз фарҳангу маданияти миллӣ дур мегардонанд. Ҳамин ҳолат шоиронро, ки аз ҷумлаи афроди огоҳи миллатанд, бетараф намегузорад ва онҳо дар осори худ хонандаи огоҳро аз таъсири ҳамин авомили манфӣ барҳазар доштан мехоҳанд. Дар байти зерини Ғаффоралӣ Сафар мо ҳамин гуна ҳушдорсозиро мушоҳида менамоем:

Насими Ғарб бӯи фаҳш меорад ба боғи Шарқ,
Худоё, шамъи моро боди дайду мекунад хомӯш [8, с. 172].

Баъзе мушоҳидаҳои шоир, бо вуҷуди он ки хулосаи мудаллали илмӣ нестанд, мантиқан дуруст менамоянд ва сабабгори ин намои дурусти онҳо тамсили ҳаётиест, ки ба ҳар як нафар ошност. Дар фарди зерин шоир сабаби зуд аз дунё рафтани одамони ҳушмандро дар пухтаву оқил будани онҳо донистааст ва чунонки меваи пухта ночор пеш аз дигар меваҳо аз дарахт меафтанд, одамони оқил низ дунёро зудтар аз дигарон тарк менамоянд:

Кӯтаҳии умри мардони хирад беҳуда нест,
Меваҳои пухта меафтанд зуд аз шохаҳо [8, с. 177].

Маълум аст, ки ин фикри гуфташуда фикри нав нест ва бисёре аз суханварони гузаштаву имрӯз ба он ишора кардаанд. Бо вуҷуди ин, тамсили истифодабурдаи шоир хелу мувофиқу баҷост.

Аз ҷумлаи дарду аламҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ки бо касофати ҷанги шаҳрвандӣ дер боз домангири мо буд, беқадрии аҳли илму дониш аст. Ин масъала то як андоза сабаби пастравии илму фарҳанги тоҷик дар ин даврон шуд ва бисёр намояндагони илму ҳунарро маҷбур кард, ки тарки Тоҷикистони азиз намоянд. Хушбахтона, Ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус Сарвари хирадманди он, сари вақт барои рафъи ин нуқсон камар бастанд ва имрӯзҳо давра ба давра рӯзгори аҳли зиё рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст.

Дар фардбайти зерини Ғафоралӣ Сафар низ ба дастгириву ёрмандии давлат муҳтоҷ будани аҳли илму фарҳанг иброз гардидааст. Шоир ин табақаи

мардумро ба дарахти пурмева монанд кардааст, ки боғбон ба хотири ҳифзи он ва меваҳои шаҳдбораш ба он поя мезанад:

Аҳли илму фазлро як такягаҳ бошад зарур,

Нахл чун пурбор бошад, поя бар он мезананд [8, с. 177].

Ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳаводиси нохуши он бо вуҷуди нокомиҳои зиёде, ки насиби миллати мо кард, барои мо як навъ дарси ибрат низ гашт. Дарсе, ки ҳаргиз бояд фаромӯш нашавад ва ҳамеша дар ёду хотири халқ бошад. Ин дарс дарси ваҳдату якдилии миллист, ки бо фаромӯшии он мо бо балои азиме рӯ ба рӯ шудем ва барои ин кирдори худ аз қисмат ҷабру ҷафои фаровон дидем ва дар охир пай бурдем, ки танҳо дар сурати якдилу якмаром будани миллат оромиву осудагиро кафолат додан имкон дорад.

Хушбахтона, дар ин даврони тантанаи ҷаҳолату ғафлат низ буданд афроди ҳушманде, ки барои иттиҳоди халқи мо саъю кӯшиши фаровон карданд ва оқибат ба ин амри хайр ноил гардиданд. Дар сафи пеши ин ҷавонмардон Пешвои маҳбуби миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон меистод, ки беҳтару бештар аз дигарон моҳияти ваҳдати миллиро дарк мекард ва чанд соли умри худро сарфи ин ҳадаф намуда, оқибат ба он ноил гардид ва тавонист, ки миллати порапорагаштаи тоҷикро аз нав муттаҳиду сарҷамъ гардонад. Заҳматҳои ин абармард дар саҳифаҳои таърихи миллат абадан сабт гардидаанд ва ҳаргиз аз хотири халқу миллат фаромӯш нахоҳанд шуд.

Дар қатори дигар афроди огоҳ шоирон низ дар ин давра халқи худро ба ваҳдату ягонагӣ ва худшиносии миллӣ даъват мекарданд. Минбаъд ин масъала ба мавзуи меҳварии адабиёти бадеӣ мубаддал гардид. Ба қавли шоири донишманд Камол Насрулло, «нақши бузургу боризи шеърро дар худшиносии миллӣ ва талқини ғояҳои баланди милливу инсонӣ, ташаккули инсон наметавон инкор кард» [95, с. 173].

Масъалаи мазкур дар ашъори гуногунжанри Ғаффоралӣ Сафар низ зиёд ба чашм мерасад. Фардбайти зер маҳз ба ҳамин масъалаи муҳимми шеъри имрӯз бахшида шудааст:

Иттиҳоди қавм душманро шикаст овардан аст,

Хиштҳо якҷоя бардоранд бори хонаро [8, с. 174].

Маълум аст, ки иқболу комёбии шахсиву ҷамъиятӣ ба андозаи илму дониш сахт вобаста аст ва танҳо инсони оқилу доно қудрати беҳтару хубтар кардани рӯзгори худу атрофиёни худро дорад. Ҳамин аст, ки шоирони ҳама давру замонҳо хонандаи осори худро ба илмомӯзиву донишандӯзӣ талқин кардаанд. Дар ҷаҳони имрӯз низ, ки даврони пешравии бесобиқаи илму фунун аст, бидуни илму маърифати воло ба муваффақияту комёбӣ ноил гардидани халқу давлат номумкин аст. Дар фардиёти Ғаффоралӣ Сафар низ мо ба байтҳои зиёде рӯ ба рӯ мешавем, ки маҳз ба хотири талқини илму маърифат бахшида шудаанд. Барои мисол, дар байти зерин шоир ҷаҳлу нодониро ба торикиву зулмот ва илму донишро ба офтобе монанд кардааст, ки қудрати аз миён бурдани ин тирагӣ ва равшану нуронӣ гардонидани зиндагонии инсонро дорад:

Ба нури илм мегардад ҷаҳони ҷаҳли кас равшан,

Шавад соя зи боло рафтани хуршед кӯтаҳтар [8, с. 172].

Масъалаҳои асосии дар фардиёти шоир баррасишаванда масоили ахлоқиянд. Ба қавли Ш. Ҳусейнзода, «равияи панду ҳикмат дар шеър ва умуман дар адабиёт, яке аз анъанаҳои хеле пурзӯр дар адабиёти китобию даҳонии халқи тоҷик буда, оинаи ақида ва ҷаҳонбинии халқ гардидааст» [136, с. 234].

Аз ҷумлаи масъалаи ахлоқие, ки дар осори бисёре аз адибони гузаштаву имрӯз тарғиб мегардад, масъалаи нигаҳдории сафои ботин, яъне софдилист. Дар байти зерини Ғаффоралӣ Сафар низ ҳамин масъала мавриди тарғибу ташвиқ қарор гирифтааст. Шоир инсони дилсофро ба оби поке монанд кардааст, ки офтобро оинадорӣ менамояд. Яъне, Худованд низ ҳамеша ҳимоятгари одамонест, ки дили мусаффо доранд:

Покдил аз файзи боло баҳраёб аст,

Оби пок оинадори офтоб аст [8, с. 182].

Масъалаи дигари ахлоқие, ки мавриди таваҷҷуҳи шоир қарор гирифтааст, мавқеъшиносист. Тибқи талқини шоир ҳар як инсон дар ҷамъият бояд мақому ҷойгоҳи худро шиносад ва аз ин мақом худро болотар нагирад, то шармандаву расво нашавад. Шоир барои мудаллал гардонидани ин андешаи худ аз санъати тамсил кор гирифтааст, ки ин тамсил низ туфайли иҳом пайдо кардани вожаи «гул» ба миён омадааст. Ба қавли шоир, бо он ки гул барои мардум азизу дӯстдоштанист, гуле ки дар чашм меафтад, боиси кӯрии инсон мешавад. Тавре ки гуфтем, вожаи гул дар байт иҳом дорад ва ғарази шоир як навъ бемории чашм аст, ки бо ин исм маъруф аст:

Кас надонад ҷои худ дар зиндагӣ расво шавад,
Гул агар дар дида афтад, чашм нобино шавад [8, с. 178].

Ин маънӣ, ки ризқ вобаста ба саъю кӯшиши инсон аст, фикри маълуму машҳур аст ва пеш аз Ғаффоралӣ Сафар низ суханварони зиёде ин нуктаро таъкид кардаанд. Барои мисол, шоҳбайти зерини Мавлоно аз «Маснавии маънавӣ» бозгӯи ҳамин маънист:

Гар таваккул мекунӣ, дар кор кун,
Кишт кун, пас такя бар Ҷаббор кун [2, с. 76].

Ғаффоралӣ Сафар ҳамин мазмунро ба таври худ иброз намудааст ва барои расидан ба ин ҳадаф аз тамсили ғалбер истифода кардааст. Кори ғалбер ба ҳар яки мо маълум аст, ки ба василаи сӯроххои зиёд донаи гандум ва ё дигар донагиро аз хасу хошок ва гарду ғубор тоза менамояд. Шоир ин сӯрохиҳоро ба чашмҳо монанд кардааст, ки аз миёни гарду ғубори рӯзгор, яъне заҳмати зиёд, ризқро ҷустуҷӯ менамояд:

Чу ғалберат кушодан чашм бояд, то тавон дидан,
Паси гарду ғубори зиндагӣ ризқи ту пинҳон аст [8, с. 173].

Ғарази шоир аз гуфтани ин байт талқини меҳнатдӯстӣ ва саъю кӯшиш аст. Шоир ба монанди ҳамтоёни бузурги худ хонандаи ибратпазирро водор менамояд, ки ҳаргиз бекору туфайлихор набошад, балки ҳамеша барои дарёфти ризқи ҳалол ҷаҳду талош намояд.

Ҳамин маънӣ дар як фарди дигари шоир ба ин тарз баён шудааст:

Одамӣ дар кор ёбад обутоб,

Мешавад гандида дар як ҷой об [8, с. 173].

Болотар мо дар бораи ба ашъори намояндагони сабки ҳиндӣ бештар таваҷҷуҳ доштани Ғаффоралӣ Сафар гуфта будем. Барои исботи ин иддао байтҳои зиёдеро мисол овардан мумкин аст, ки дар онҳо таъбиру ифодаҳои хосси намояндагони ин сабк мушоҳида мешавад. Масалан, Ғаффоралӣ Сафар чунин фардбайт дорад:

Нуқси андак беш тобад бар тани соҳибҳунар,

Чун либос озода бошад, тез гирад доғро [8, с. 180].

Фардбайти боло бо матлаи яке аз ғазалҳои Соиби Табрезӣ, ҳаммазмун аст ва маълум мешавад, ки  Ғаффоралӣ Сафар зимни навиштани фардбайти худ ҳамин мазмунро дар хотир доштааст. Байти Соиб чунин аст:

Айби покон зуд бар мардум ҳувайдо мешавад,

Дар миёни шири холис мӯй расво мешавад [23, с. 290].

Маълум аст, ки дар суханшиносии гузаштаи мо ин навъ ҳодисаҳои адабӣ аз ҷумлаи уюби шеър дониста мешуданд ва шоирони комил ҳама вақт аз роҳ додани ин айб иҷтиноб меварзиданд. Вале дар адабиёти имрӯз ҳодисаи мазкур маъмулист ва ҳеҷ кас низ ба он хӯрда намегирад.

Дар фардбайтҳои Ғаффоралӣ Сафар вожаву таркибот ва истилоҳоти хоси мардум низ мушоҳида мешаванд. Барои мисол, дар фардиёти зерин ибораву ифодаҳои «курчаки ёд», «гул задани хамири норасӣ», «лойи хелида» махсуси забони гуфтории мардуманд:

Курчаки ёдам гирифта дар шаби танҳоиям

Тоза созам барфи боми кулбаи бобоиям [8, с. 173].

***

Дар танӯри сина пухтам сатрҳои хомро,

Чун хамири норасӣ шеърам чаро гул мезанад? [8, с. 174].

***

Сахт шуд аз зарбаҳои зиндагӣ сутхони ман,

Лой, ки хелида шуд, девор мустаҳкам шавад [8, с. 174].

Хулоса, дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар дар баробари дигар анвои шеърӣ фардбайт низ мавқеи назаррас дорад ва дар мушаххас намудани маҳорати эҷодии шоир нақши муайян мебозад. Ғаффоралӣ Сафар дар навиштани фардиёт ба осори пандуандарзии ниёгони соҳибноми мо такя намуда, дар ин абёти худ масоили гуногуни пандуахлоқиро ба миён мегузорад. Дар меҳвари ин масоил тарғиб ва талқини хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва танқиду мазамматихулқу хӯйи ношоиста қарор гирифтаанд.

### 1.2.4. Чаҳорпора ва ашъори нимоӣ

Дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар баробари анвои суннатии шеъри форсӣ-тоҷикӣ шаклҳои нави шеърӣ низ мавқеи бориз доранд. Қисмати зиёди ашъори ғиноии шоирро чаҳорпора ва шеъри нав ташкил медиҳанд, ки онҳо дар маҷмуаи «Панҷаи овоз»-и ӯ гирд оварда шудаанд. Бо он ки баҳсҳо дар мавриди оғози шаклҳои нави шеър дар адабиёти тоҷик баҳсҳо зиёд аст [48; 50; 76; 89; 90; 94; 113; 133; 137...], мо ба андешаи устод Абдунабӣ Сатторзода мувофиқем, ки шеъри «Марши ҳурият»-и устод Садриддин Айниро (таълифаш соли 1918) аввалин шеъри бо тарзи нав навишташудаи адабиёти тоҷик медонад [112, с. 12].

Миқдори умумии шеърҳои дар вазну қаволиби нав навишташудаи маҷмуаи «Панҷаи овоз» 275-то буда, хуртарини онҳо 2 мисраъ ва калонтаринашон, ки шеъри «Тоҷикистон» аст, аз 47 мисраъ иборат аст. Чорпораҳои маҷмуа дар маҷмуъ 45-то мебошанд. Чаҳорпора, ки аз ҷумлаи маъмултарин жанрҳои манзуми адабиёти даврони муосир ба шумор меравад, аз ҷониби Ғаффоралӣ Сафар низ барои баёни матолиби гуногуни шоирона ба таври шоиста корбурд шудааст. Мавзуи чаҳорпораҳои шоирро масоили гуногуне, аз қабили васфи ишқу муҳаббат, ватану ватандорӣ, ситоиши ҷоннисории фарзандони сарфарози миллат ва дигар масоили ба зиндагии иҷтимоӣ марбут ташкил медиҳанд. Қисмати зиёди чаҳорпораҳои шоир дар васфи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, ононе, ки ба хотири халқи тоҷик ва давлати тоҷикон заҳмат кашидаанд ва дар бедории ҳисси ватандӯстӣ ва

ҳувияти миллии халқи худ нақше гузоштаанд, гуфта шудаанд. Ин ашхос аз намояндагони табақаҳои гуногуни иҷтимоиянд, яке подшоҳ, дигаре адиб ва ё ҳунарманд, савуми сарбоз, вале чизе, ки ҳамаи онҳоро барои мо азиз мегардонад, фидокории онҳо ба хотири халқу ватан аст. Ба қавли А. Ҳакимов, «тасвири инсон дар шеъри муосири тоҷик ... ҳаргиз аз хулқу атвор ва симои миллӣ худ бебаҳра нест» [132, с. 58].

Барои мисол, агар шоир дар шеъри «Исмоили Сомонӣ» аз сифатҳои ҳамидаи ин асосгузори аввалин давлати миллӣ сухан кунад, дар шеъри «Сурати қаҳрамон» фидокориву ҷоннисории Қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Сафар Амиршоевро васф менамояд. Аз дигар бузургони миллати тоҷик Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва Одина Ҳошиманд, ки ҳар яке дар рушду инкишофи адабиёту санъати тоҷик ва муаррифии миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми арзанда доранд.

Дар шеъри «Сурати қаҳрамон» шоир саҳнаи ҷонбозии Сафар Амиршоевро тасвир наменамояд, балки бо якчанд ишорае арҷгузории ояндагонро аз қаҳрамонии фарзанди далери халқи худ зикр мекунад. Мухотаби шоир сурати қаҳрамон аст, ки рӯ ба рӯи ӯ қарор дорад ва ҳамчун василаи иртиботи шоир бо қаҳрамон хизмат мекунад. Шоир бо он ки аз ҷавон рафтани қаҳрамони худ афсӯс мехӯрад, ин фидокориро барои бақои оянда лозим медонад ва мутмаин аст, ки Сафар Амиршоев дар зеҳну ёди мардум то абад ҳамин гуна ҷавону зебо боқӣ мемонад:

Орзуҳои ҷавонии ту монд
Аз ҷавониҳот дар дунё нишон.
Дар дифои навҷавониҳои мо
Ту ҷавон рафтию мемонӣ ҷавон [8, с. 33].

Дар чаҳорпораи дигар, ки «Шеъри бегазанд» унвон дорад, шоир аз фаъолияти пурсамари шоирии устод Мирсаид Миршакар сухан кардааст. Ғаффоралӣ Сафар дар ҳафт банди шеъри худ аз осори мондагори устод ёд меорад ва таъкид мекунад, ки имрӯз бисёре аз он орзуву ниятҳои дар осори

шоир баёншуда ба ҳақиқат мубаддал гардидаанд ва зиндагии мардум боз ҳам зеботару ободтар гардидааст:

«Панҷи нооромъ»-ро ором нест,
Зиндагӣ ҳам ёфт туғёни дигар.
Боз, хушбахтона, он қалби бузург
Бешсӯзиш гашту нооромтар [8, с. 43].

Қисмати зиёди осори манзуми Ғаффоралӣ Сафарро ашъори нимоӣ ва ё шеъри нав ташкил медиҳад. Дар мавриди шеъри нав ва хостгоҳи он адабиётшинос Мисбоҳиддини Назриқул андешаҳои ҷолибе баён кардааст, ки мо аз такрори ин гуфтаҳо иҷтиноб меварзем [94, с. 65-75]. Тафовути ин навъи шеърро аз шеъри суннатӣ Мисбоҳиддини Назриқул дар асари дигари худ бо унвони «Муқаддимаи шеършиносӣ» чунин баён кардааст: «Дар вазни нимоӣ ё худ арузи озод низ вазни арузӣ вуҷуд дорад, аммо теъдоди ҳиҷоҳо дар мисраъҳои шеъри нимоӣ мумкин аст ба ҳам баробар набошанд» [93, с. 14]. Ба ҳамин мазмун шоири донишманд Рустам Ваҳҳобзода ҷо доштани вазни арузро дар шеъри нав тасдиқ кардааст: «Шеъри нав (арузи нав) на танҳо арузро моҳиятан инкор накард, балки бисёр имконоти то ҳол нуҳуфта ва бакорнарафтаи арузро ошкор намуд ва ба кор андохт» [50, с. 80]. Мо ҳамин хусусиятро дар ашъори нимоии Ғаффоралӣ Сафар мушоҳида менамоем.

Шоир дар баробари анвои гуногуни шеър дар навиштани шеъри кӯтоҳҳаҷм низ дасти тамом дорад. Пӯшида нест, ки бар асари тангии домани ин навъи шеър имкони баёни андешаи том дар он ниҳоят маҳдуд аст ва танҳо шоири тавонманд метавонад, ки фикри тозаеро дар қолаби танги ин навъи шеърӣ иброз намояд.

Мушоҳида нишон медиҳад, ки Ғаффоралӣ Сафар дар ин масъала мушкил надорад ва ҳозир аст, ки дар шеъри кӯтоҳ низ андешаи наву ҷолиберо баён намояд. Барои мисол, дар шеъри «Ихтилоф» шоир нобаробарии иҷтимоиро, ки аксари вақт бар зиёни шахсиятҳои оқил аст, ба василаи образҳои тамсилии «дуд»-у «оташ» чунин тасвир кардааст:

Дудро меофарад оташ, вале

Ҷойи оташ ҳаст фаршу ҷойи дудаш ҳаст арш,

Даҳр ҷоҳилпарвар аст [8, с. 7].

Бо вуҷуди он ки ин шеърпора аз ҷиҳати шеърият он қадар баланд нест, вале боз ҳам мазмуни томе, ки дар он аст, онро қобили пазириш мегардонад. Албатта, беқадрии аҳли илму ҳунар дар адабиёти бадеӣ мавзуи нав нест ва тақрибан ҳар як шоири аз қисмат ва замона гиламанд дар ин мавзуъ чизе гуфтааст. Вале дар миёни ин ҳама шеърҳои шиквоӣ намунаҳои олиеро низ метавон дарёфт, ки фикре куҳна дар онҳо ба таври тозаву муассир баён гардидааст. Ғаффоралӣ Сафар низ кӯшиш намудааст, ки ҳамин фикри борҳо гуфташударо ба василаи образҳои мутазоди «дуд» ва «оташ» ба гунаи тозатар иброз намояд ва тавре мушоҳида мешавад, ба ин мақсади худ то андозае муваффақ низ гардидааст.

Образҳои «дуд»-у «оташ»-ро мо дар дигар шеъри кӯтоҳи Ғаффоралӣ Сафар, ки «Пастмартаба» унвон дорад, мушоҳида менамоем. Бо вуҷуди ваҳдати образҳо ҳар дуи ин шеър аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявӣ ба ҳамдигар мухолифанд, яъне натиҷагирӣ аз ҳолати тасвиршаванда дигаргуна аст. Агар дар шеъри аввал шоир аз як ҳолати гӯё табиӣ, яъне ҷаҳлпарвар будани дунё бо гиламандӣ ҳарф занад, дар шеъри дувум, баръакс, фикре баён мешавад, ки бо ҳама ғуруру манманӣ одами нодону ҷоҳил ва беҳунар, яъне дуд, сазовори эҳтирому эътиқоди доимӣ нахоҳад буд ва мақому мартаба ва қудрату тавони шахси оқилу доно, яъне оташро нахоҳад дошт:

Паст бошад қимати дуд,

З-он ки аз Модар –

Зи оташ

Хешро боло гирифт [8, с. 25].

Тавре медонем, яке аз вазифаҳои асосии адабиёти бадеӣ инъикоси ҳунармандонаи воқеият, баёни ҳусну қубҳи ҳаёти инсонӣ ва ба ҳамин васила таъсир гузоштан ба руҳияи инсонҳост, то қадршиноси беҳбудиҳо бошанд ва дар ислоҳи камбуду норасоиҳо кӯшиш намоянд. Яъне, бо вуҷуди он ки

«адабиёти бадеӣ як навъи соҳаи санъати нафис аст, ки зиндагӣ ва ҳаёти воқеии одамонро ба шакли суратҳо – образҳо нишон медиҳад» [88, с. 6], ҳадафи ин тасвир танҳо баёни воқеот набуда, балки мақсад таъсиргузорӣ ба инсонҳост. Аз таҳқиқи ашъори Ғаффоралӣ Сафар маълум мешавад, ки ӯ низ ҳамин муқарраротро ба хубӣ медонад ва кӯшиш менамояд, ки шеъри ӯ ба руҳияи хонандагон таъсиргузор бошад.

Яке аз вижагиҳои шеъри Ғаффоралӣ Сафар дар тарзи ифодаи лутфомези онҳост. Шоир дилхоҳ фикри тамоман ҷиддиро метавонад ба василаи танзу шӯхӣ ва ё ин ки кинояву таъриз баён намояд, то рағбати шунаванда ба он зиёда гардад, инчунин, барои мухотаб ин танқиди ба лутф гуфташуда муассир бошад. Ин тарзи баён низ аз ҷумлаи саноеи адабӣ ва услуби хосаи баён буда, дар осори бисёр шоирони гузаштаву имрӯз намунаҳои онро пайдо намудан имкон дорад. Устод Тӯрақул Зеҳнӣ дар «Санъати сухан» вобаста ба санъати киноя чунин гуфтааст: «Киноя маънои зид ва мухолифро қасд карда гап задан ва ба ибораи дигар, акси гапи гӯянда мурод аст» [58, с. 90].

Барои мисол, дар шеъри «Тугма» шоир ба як лутфи нозуке баъзе аз вакилони мардумиро барои бепарвоӣ ва бетафовутӣ нисбати қисмати халқ танқид кардан хостааст. Ба қавли шоир, онҳо  он қадар аз рисолати худ бехабаранд, ки раъйи хосаи худро надоранд ва тафовуте байни хубу зишт гузошта наметавонанд. Ҳамин маъниро шоир киноямез ба василаи образи «тугма» баён намудааст. Тугмаи воқеӣ, ки дар назари аввал яке аз ҷузъҳои назарногир ва беарзиши либоси одамӣ метобад, дар асл аз ҷузъиёти зарурии либос аст ва бидуни он сару либоси инсон комилу беайб наметобад. Тугмаи дигаре, ки ҳадафи тасвири шоир қарор гирифтааст, тугмаҳои овоздиҳии парлумон аст, ки ба василаи онҳо вакилони мардумӣ раъйи худро иброз медоранд. Маълум аст, ки ин тугма низ аз моҳияти беназире бархӯрдор аст ва вазифаи гаронтаре нисбати тугмаи аслӣ дорад, чаро ки на зебу шукӯҳи сару либоси инсон, балки тақдири одамон ба ин тугмаҳо вобаста аст:

Кист гӯяд:

Тугма беқадр аст?

Ҳаст андар тугмаҳои парлумон

Қисмати халқ [8, с. 25].

Дар маҷмуъ, кӯшишҳои Ғаффоралӣ Сафар барои «аз мавзуи доғи рӯз пайгирӣ намудан ва мушкилоти мавҷудро мавриди таҳлилу тасвири бадеӣ қарор додан» [76, с. 207] дар ҳар як шеъри хурдҳаҷмаш мушоҳида мешавад.

Гоҳо забони танзомези шоир хеле тезу тундтар мешавад ва ӯ бе ягон хотирбинӣ шахсони манфиатпараст - duздони моликияти давлатӣ ва ҷамъиятиро ҳадафи танқид қарор медиҳад. Барои мисол, дар шеъри «Дузд» шоир ҳолатеро тасвир менамояд, ки ҳангоми ба хонаи шахси мансабдоре, ки аз ҳисоби моликияти давлатию ҷамъиятӣ ҷоҳу ҷалоле пайдо кардааст, ворид мешуд,  саги соҳибхона ба ӯ ҳуҷум кард. Шоир сагро мухотаб қарор дода, танзомез ҳақиқатеро баён мекунад, ки худи соҳибхона нисбат ба меҳмони эҳтиёҷманде, ки ба хонаи ӯ меояд, ба ҷазо сазовортар аст:

Хонаро аз пули дуздӣ сохтанд,

Эй саг!

Дуздро не,

Аз чӣ моро мегазӣ?! [8, с. 26].

Сабаби ба шахсиятҳои пасту мағрур ва мансабталошони муфтхӯр созиш накардани худро Ғаффоралӣ Сафар ба ин тартиб шоирона баён менамояд:

Хонаро рӯпӯш кардан кори хайр аст,

Алҳазар! Гар

Хонаи ҷурму гунаҳ рӯпӯш гардад [8, с. 100].

Яъне, шоир бо ошкорбаёнии худ мехоҳад, ки айбу гуноҳи ин гуна афроди нолоикро фош намуда, онҳоро дар пеши мардум шармандаву шармсор созад. Ин кор шояд сабаби аз мансаб барканор гардидани ин афрод ва барҳазарии мардум аз онҳо шавад. Ҳамин мазмунро шоир дар як шеъри дигари худ бо унвони «Ханҷар» боз ҳам сахттару устувортар баён менамояд.

Дар ин ҷо шоир душманони манфиати мардумро на танҳо фош кардан мехоҳад, балки зидди онҳо мубориза бурданро маслиҳат медиҳад:

Чун ба дастам нест ханҷар,
Аз ғазаб,
Аз кин ба душман
Мӯйҳоям сих гашта,
Дар бадан ханҷар шавад [8, с. 100].

Истифодаи санъати тамсил дар ашъори Ғ. Сафар зиёд ба назар мерасанд. Тамсил «навъи истиорае аст ба тариқи мисол, яъне чун шоир хоҳад, ки ба маъние ишорате кунад, лафзе чанд, ки далолат бар маънии дигар кунад, биёраду онро мисоли маънии мақсуд созад» [108, с. 294-295]. Барои мисол, дар шеъри кӯтоҳи зерин шоир дар мисоли ғалбер ва сӯзан мақоми ҷамъиятии инсонҳоро муайян кардан хостааст. Аз диди шоир дар ҷамъият инсонҳое ҳастанд, ки бо вуҷуди имкониятҳои беҳудуд доштан манфиаташон ба ҷамъият заррае намерасад ва ба авзои иҷтимоӣ бетафовут ва бепарво муомила менамоянд. Ин гурӯҳи одамонро шоир ба ғалбер монанд мекунад, ки бо вуҷуди садҳо чашм доштан аз дидани манфиати мардум бенасиб аст. Гурӯҳи дигар, баръакс, имконияти ками худро сарфи хидмати мардум менамоянд ва дар ин роҳ аз манфиати шахсӣ низ сарфи назар мекунанд. Шоир ин гурӯҳи одамонро ба сӯзан монанд мекунад, ки бо вуҷуди урёнӣ сабабгори пайванд гардидани чокҳо ва даридаҳои ҷамъият мегардад:

Ғалбер, ки сад чашм кушодаст аз худ,
Дар мехи баланди хона овезон аст.
Сӯзан, ки назар ҳамекунад аз як чашм,
Танпӯши касон асту худаш урён аст [8, с. 27].

Намоди «сӯзан», ки дар шеъри боло намоди ҷавонмардони воқеист, дар дигар шеърҳои шоир низ мушоҳида мешавад ва қариб ки ҳамеша барои ифодаи мардони бооруу номус ва заҳматпеша. Барои мисол, дар шеъри кӯтоҳи зерин низ мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем. Шоир ду ҳолати ба ҳамдигар зидро тасвир намуда, якеро мавриди мазаммат ва дигареро

сазовори мадҳу ситоиш донистааст. Шеър дар қолаби қитъа гуфта шуда, аз ду байт иборат аст ва мухотаби шоир хонандаи ҳушманду зирак аст, ки аз осори адабӣ дарси мардонагиву некномӣ омӯхтан мехоҳад. Дар байти аввал шоир касони туфайлихореро, ки аз меҳнату заҳмати дигарон насиба кардан мехоҳанд, номарду дунҳиммат хонда, баръакс марди ҳақиқӣ онеро медонад, ки нон аз дастранҷи худ мехӯрад ва қудрати некӣ кардан ба дигаронро низ дорад. Шахси дувум аз фарти мардонагӣ барои роҳати дигарон тан ба ранҷу меҳнат медиҳад ва бо ифодаи шоиронаи Ғаффоралӣ Сафар, ҳамчу сӯзан бо урёнии худ боиси пӯшонидани дигарон мешавад:

Нест мардӣ ин ки аз қанди касон
Мекунӣ ҳар лаҳза ширин комро.
Ҳамчу сӯзан пеша кун мардонагӣ,
Бош урёну бипӯшон омро [8, с. 6].

Шеъри боло аз ҷиҳати мазмун ба рубоии машҳури устод Рӯдакӣ, ки ҳамчун қонуни ҷавонмардӣ шинохта мешавад, монанд аст. Дар ин рубоии машҳур Одамушшуаро дар пеши касоне, ки дам аз ҷавонмардиву сарафрозӣ мезананд, якчанд талаботеро пеш гузоштааст ва таъкид карда, ки бидуни ичрои ин талабот худро марди ҳақиқӣ шумоуридан норавост:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ! [20, с. 222].

Талабот, тавре мушоҳида мешавад, хеле сахту сангин аст ва агарчи ба одамони нотавон айб нагирифтан ва барои дармондае дасти ёрӣ дароз кардан осон намояд ҳам, кист, ки тавони нафси саркаши худро тобеъ карданро дошта бошад. Муддаои шоир низ таъкид кардани ҳамин нукта аст, ки ҷодаи ҷавонмардӣ роҳест пурхатару душворгузар ва на ҳар кас тавони ба ин ҷода қадам гузоштанро дорад. Бо ин ҳама душворӣ мардони ҳақиқиро мебояд, ки ҳатман равандаи ин роҳ бошанд ва ба баландномию хушкомӣ бирасанд.

Дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар низ айнан ҳамин мазмун, вале бо тарзи хоссаи шоир баён гардидааст. Намоди «сӯзан» низ, ки шоир барои ифодаи ҷавонмардони воқеӣ овардааст, дар шеъри устод Рӯдакӣ мушоҳида намешавад. Яъне, шоир муқаллиди маҳз набуда, дар либоси тоза пӯшонидани мазмуни маълум саъю кӯшиши муваффақона кардааст.

Дар тасвири шоир, зиндагӣ барои мардони воқеӣ арсаи намоиш додани хислатҳои ҳамидаи инсонист ва ҷавонмарди воқеӣ доимо мекӯшад, то бар ивази ранҷи худ роҳати дигаронро талаб намояд. Ин ҷавонмард ба монанди пилтаи чароғест, ки бо сӯхтани худ дунёи мардумро рӯшану нуронӣ мегардонад, боиси шодиву фараҳи онҳо мешавад ва рисолати зиндагии худро низ дар ҳамин медонад. Мазмуни баёнгардида дар яке аз шеърҳои кӯтоҳи шоир, бо унвони «Рӯшноӣ», чунин баён шудааст:

Зиндагӣ чун пилта метобад маро,
То бисӯзам дар чароғи ғам, мунаввартар шавам [8, с. 6].

Тасвироти шоиронаи Ғаффоралӣ Сафар аксаран бикру хотирмонанд ва ӯ дар доираи ду ё севу чаҳор мисраъ фикри хубу ҳамаписандеро гуфта метавонад. Барои мисол, дар шеъри зерин, ки ҳамагӣ аз се мисраъ иборат аст, мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем: Шоир ба заъфу нотавонӣ тан додан намехоҳад ва хостгори он аст, ки дар ёду хотири хонандаи худ ҳамеша ҷавону тавонманд боқӣ монад:

Пириямро мебарам бар дӯш
То лаби гӯр.
Пириямро гӯр хоҳам кард [8, с. 7].

Маълум аст, ки дар пасманзари ин маънии баёншуда чандин маънии дигаре ниҳон аст. Барои мисол, шоир пириро барои он хуш надорад, ки ӯро заифу нотавон гардонида, имкони некӣ кардани ӯро маҳдуд менамояд. Боз ин ки пирӣ ҳамчун намоди заъф ва ноумедӣ ба шоир писанд нест ва ҳатто дар куҳансолӣ низ шоир бо дили ҷавону руҳи ҷавонмардона буданро хуш дорад, барои ҳамин «пирии худро гӯр кардан» мехоҳад. Ҳамин «кашфи ҳиссиёти

ботинии қаҳрамони тасвиршаванда» [53, с. 252] сабабгори таъсирбахшии шеъри шоир гардидааст.

Аз дигар вижагиҳои ашъори хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар он аст, ки сарлавҳаи ин шеърҳо бо матн робитаи ногусастанӣ дошта, ҳамчун ҷузви таркибии шеър хизмат менамояд. То ҷое, ки гоҳо бидуни сарлавҳа манзури шоирро дарк кардан имкон надорад. Масалан, дар шеъри зерин, ки «Ҳикмати шамъ» ном дорад, мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

Номусу орро
Бар дӯш бурдан аст,
Бар рағми ину он
Хандида мурдан аст [8, с. 86].

Агар билфарз номи ин шеър намебуд, маълум намегардид, ки ҳадафи шоир чист ва кӣ ва ё чӣ номусу орро бар дӯш мебарад ва бар рағми ину он хандида мемирад. Маълум аст, ки фикр дар ин шеър ба таври маҷозӣ баён шудааст ва ғараз аз шамъ инсонҳои ҷавонмард ва фидокоре ҳастанд, ки зиндагии худро сарфи осудагии дигарон менамоянд ва бештар на барои худ, балки ба хотири дигарон ранҷ мекашанд.

Дар шеъри хурдҳаҷми зерин низ, ки «Гули сияҳгӯш» ном дорад, мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

Хотирам з-ин фоҷиа озурд:
Раст аз хуни Сиёвуш,
Чун Сиёвуш бармаҳал мурд [8, с. 87].

Тавре мушоҳида мешавад, шеърҳои боло ба чистон ва ё муаммо монанданд ва агар сарлавҳаи онҳо набошад, хонандаи ашъорро лозим аст, ки мувофиқ ба мазмуни шеър ва бо такя ба мантиқ предмети ҳадафи тасвири шоирро муайян намояд.

Дар маҷмуъ, дар баробари дигар анвои шеъри Ғаффоралӣ Сафар чаҳорпора ва ашъори дар шаклу қолаби нав навиштаи ӯ ҳамаписанду дилпазир буда, як зумра масоилеро дар бар гирифтаанд, ки имрӯз низ аз ҷумлаи масоили муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ба шумор мераванд.

Хулоса, ашъори гуногунжанри Ғаффоралӣ Сафар шаҳодат аз он медиҳанд, ки ӯро метавон ба қатори шоирони муваффақи даврони муосир, бахусус давраи Истиқлолият ворид кард. Бо он ки ӯ дар шаклу мазмуни шеъри имрӯзи тоҷик навоварие ворид накардааст, тавонистааст, ки дар ин қолабҳои пешин хишти сухани худро рехта бошад. Ба қавли шоир ва донишманди соҳибноми эронӣ Маликушшуаро Баҳор, «… Сабки ҳар нависанда ё гӯянда ҳокӣ аз тарзи бинишу идроки ӯст аз ҷаҳони берун ва чун ҳар кас оламро аз даричаи чашми худ мебинад, мо низ дар мутолиаи сабки вай бояд ҳамон муҳити маънавиро барои худ эҷод кунем…» [42, с. 20].

Шеъри Ғаффоралӣ Сафар шеъри иҷтимоист ва мавсуф рисолати шоирии худро, ки бозгӯйии ҳусну қубҳи ҳаёти иҷтимоӣ ва ба ин васила тарғиби муҳассаноти иҷтимоӣ ва хоҳиши ислоҳи камбудиҳои ҷамъияти инсонист, хеле хуб медонад. Ба ҳамин хотир, шеъри ӯ аз арзишу моҳияти беназири тарбиявию ахлоқӣ бархӯрдор аст.

## 1.3. Мавзуъҳои асосӣ ва мундариҷаи ғоявии ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар

Аз ҷумлаи муҳимтарин аносири осори адабӣ, ки пеш аз дигар унсурҳо ҷалби таваҷҷуҳ менамояд ва мазмуну мундариҷа ва ҳатто шакли асарро ба худ тобеъ мекунад, мавзуъ мебошад. Тибқи фаҳмиши маъмул, агар предмет ва ё ҳадафи тасвири адабиёти бадеиро инсон бидонем ва мутмаъин бошем, ки «яке аз мавзуоти асосии шеър тавсифи одам ва лаҳзаҳои умри одамист» [70, с. 244], пас мавзуи адабиёт ҳаёти инсон аст, ки вобаста ба паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ба чандин мавзуъ ва мавзуъчаҳои дигар ҷудо мешавад. Донишманди рус Г. Н. Поспелов оид ба мавзуъҳои осори адабӣ изҳори назар намуда, ба хулосае меояд, ки адабиёт «... бо ҳаёти иҷтимоии одамон алоқаманд аст. Мавзуи он, пеш аз ҳама, худи одамон бо ҷанбаҳои моддӣ ва маънавии муносибатҳои иҷтимоиашон мебошад. Ин ҳама он чизест, ки дар зиндагии одамон, амалҳову андешаҳо, таассурот ва тарзи зиндагӣ, шароити

муҳити онҳо ҳаст ва муносибатҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ашёиву хусусиятҳои хоси миллӣ ва таърихӣ онҳоро ба вуҷуд меорад» [100, с. 205].

Дар ин миён метавон аз маъмултарин мавзуоте, амсоли тасвири ишқу муҳаббат, ситоиш ва накуҳиши замон, тасвири табиат, васфи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, тарғиби ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ, эҳтирому арҷгузорӣ ба заҳамоти волидайн ва ғайраҳо ёдовар шуд, ки ҳам дар шеъри шоирони пешин ва ҳам шуарои имрӯз мавқеи густарда доранд. Бо вуҷуди он ки дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар баробари дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба адабиёти бадеӣ низ бетаъсир намемонанд ва шаклу мазмуну мавзуи онро ба худ мувофиқ месозанд, ҳастанд мавзуъҳое, ки мавзуоти ҷовидонии адабиёти бадеиянд. Мавзуоте, ки дар боло номбар намудем, аз ҷумлаи ҳамин мавзуъҳои ҷовидонӣ ва ҳамешагии адабиётанд. Ба қавли Р. Ҳодизода, «... дар эҷодиёти ҳамаи шоирон мо мавзуъ ва оҳангҳои ватандӯстӣ, интернатсионализм, муҳофизаи сулҳу озодӣ ва ғайраро мебинем» [135, с. 108].

Ин муқаррароте, ки гуфтем, ба шеъри Ғаффоралӣ Сафар низ рабт доранд ва дар анвои гуногуни шеъри ӯ мо мавҷудияти ин мавзуъҳоро мушоҳида менамоем. Дар ин миён яке аз маъмултарин мавзуоти шеъри Ғаффоралӣ Сафар, ки дар ҳама анвои шеъри ӯ ҳузури ҳамешагӣ дорад, мавзуи ватандӯстӣ мебошад.

Қисмати зиёди ашъори ватандӯстонаи Ғаффоралӣ Сафар, ки ба васфи ватан ва гиромидошту арҷгузории он бахшида шудаанд, дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи авроқ омадаанд. Маълум аст, ки рӯ овардани адибони тоҷик, аз ҷумла Ғаффоралӣ Сафар, ба мавзуоте, амсоли худогоҳиву худшиносии миллӣ заминаи иҷтимоию сиёсии худро дошта, ба Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ дорад. Ба қавли академик М. Имомзода, «Мавзуи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар даврони Шуравӣ мавриди назорати сахт қарор гирифта буд ва нависандагон имкон надоштанд, ки аз ҳадди эътидол фарохтар по

бигзоранд» [60, с. 3]. Аммо даврони Истиқлол ҳама ин маҳдудиятҳоро аз байн бурд.

Адибон аз ҷумлаи ҳассостарин афроди ҷомеа ба шумор мераванд ва табиист, ки авзои сиёсиву иҷтимоии мамлакат сараввал ба эҳсоси онҳо корагар мешавад ва онҳо таассуроти худро аз ин ҳаводиси хушу нохуш дар қолаби анвои манзуму мансур берун мерезанд. Баъди садсолаҳои бедавлатӣ Истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Тоҷикистон барои мардуми мо рӯйдоди бениҳоят хушоянд ва фараҳбахш буд. Вале, афсӯс ки душманони нотавонбин моро имкони баҳраманд будан аз меваҳои шаҳдбори истиқлолро надоданд ва домани поки кишвари азизи моро ба хоку хун оғушта карданд.

Ҳамин ҳолатро Ғаффоралӣ Сафар дар як шеъри худ бо унвони «Ҷангзада» хеле дардноку аламангез тасвир кардааст. Дар ин шеър шоир аз он афсӯс хӯрдааст, ки миллати тоҷик давоми садсолаҳо мавриди ҷабру зулми аҷониб ва хиёнаткориҳои фарзандони худ қарор мегирифт, сарзамини тоҷикон бошад, ба таври ҳамешагӣ ба майдони ҷангу бедодгариҳо табдил ёфта буд. Гӯё лаълҳои қиматбаҳои кӯҳистони ватан, ки бо ранги сурхи баланд назаррабоӣ ва дилситонӣ мекунанд, аслан сангҳоеанд, ки бо хуни шаҳидони бонангу номуси ватан рангин гаштаанд:

Тоҷикистон!
Тоҷикистон, хоки ту як умр чун майдони ҷанг аст.
Лаъли ту худ санг нест,
Балки лаъли хуни мардони бананг аст [8, с. 58].

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум низ, ки аз саҳифаҳои накбатбори таърихи миллат ба шумор меравад, сабабгори пайдоиши як зумра шеърҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла шеърҳои ватандӯстона, гардид, ки ба василаи ин ашъор шоирон ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандӯстии ҳамватанони худро бедор кардан мехостанд. Ба қавли адабиётшинос С. Аҳмадов, «Аксари шеъре, ки дар ин давра гуфта мешуд, оҳанги ҳазину ғамолуд доштанд ва то андозае руҳияи дунёбезорӣ дар онҳо ҳукмфармо буд. Бисёре аз шоирони ҷавон низ муҳри хомӯшӣ ба лаб заданд ва ё тарки ватани азизи худ намуданд. Вале боз

ҳам буданд шоироне, ки шуълаи умеди беҳбудиро дар дил доштанд ва дар ниҳоди мардум низ тухми орзуву умед мекоштанд» [39, с. 13]. Дар қатори ин шеърҳо аз навиштаҳои Ғаффоралӣ Сафар низ ном бурдан лозим аст, ки бо ҳисси баланди ватанпарастӣ гуфта шудаанд. Барои шоир гарди хоки ватан поку муқаддас ва меҳраш тамомнашавандаву беҳудуд аст ва ӯ мехоҳад, ки ҳамин ҳиссиётро ба дигар ватандорон низ талқин намояд:

Гарчи хоки доманатро,
Хоки поки доманатро
Бошадаш ҳадде агар,
Бошадаш хатте агар.
Лек хатти меҳри ту дар синаам,
Дар дили равшантар аз оинаам
Беҳудуд аст [8, с. 8].

Дар бораи мақом ва ҷойгоҳи мавзуи ватан дар шеъри муосир, роҳу равишҳои ифодаёбии ин мавзуъ дар осори адабӣ ва сабабу омилҳои ба ин мавзуъ рӯ овардани шоирон муҳаққиқони зиёде изҳори ақида кардаанд.

Ба андешаи мо, сабаби асосии ба ин мавзуъ рӯ овардани Ғаффоралӣ Сафар тақозои замон ва эҳсоси қарзи ватандории эҷодкор дар назди халқу ватан аст. Чунонки болотар ёдовар шудем, маҳз дар даврони Истиқлолият, махсусан солҳои аввали он, ки ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт ва бими аз байн рафтани давлати мустақили тоҷикон дар миён буд, шоир бештар ба гуфтани шеърҳои ватандӯстона машғул буд. Ӯ барои баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандӯстии насли ҷавони кишвари тоҷик китоби таърихи миллатро варақгардон намуда, сабақи гузаштагонро ёдовар мешавад. Сабақ ин аст, ки ниёгони сарбаланди мо, бо вуҷуди дар дарозои таърих бо ҷабру зулми истилогарони зиёд ва шӯру исёнҳои бениҳояти таърих рӯ ба рӯ шудан, пешорӯи ин ҳаводис сар хам накарданд. Дар таърихномаи ин миллати аззияткашида, вале сарбаланду гарданфароз саҳифаҳои зиёде аз қаҳрамониҳои фарзандони ҷасуру ғаюр: Деваштичу Спитамен, Маздаку Муқаннаъ, Темурмалику Восеъ ва даҳҳо нафари дигар нақл мекунанд. Ин

ҷавонмардони сарафрозу диловар ҳар яке дар замони худ бар зидди аҷониби истилогар мардона ҷангида, хоки ватанро ба хуни поки худ рангин кардаанд. Хоки ватан бо дашту саҳрои гулпӯш ва кӯҳҳои осмонбӯсаш барои онҳо марзи нангу номус ба ҳисоб мерафт ва онҳо ҳифзи ин сарзамини нозанинро қарзи фарзандӣ ва асбоби сарбаландии худ медонистанд. Зимни адои ин қарзи наҷиби ватандорӣ аксари ин қаҳрамонон ҷон ба ҷонофарин таслим карданд, вале сари болои худро пеши душман хам кардан нахостанд ва то ҳадди имкон барои ба хоки ватан надаромадани душман мубориза бурданд. Насли оянда низ баъди садсолаҳо номи ин қаҳрамононро ба некӣ ёд менамоянд ва назди матонату устуворӣ ва мардонагии онҳо сари таъзим фуруд меоранд:

Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Сарзамини олами афсонаҳо,
Чун китоби таърихатро боз созам,
Ҳаст тӯфонҳои исёне дар он.
Қаҳрамонҳои далерат ҳамчу Восеъю Муқаннаъ,
Маздаку Темурмалик
Назди ҳар ифриту ҳар яғмогаре сар хам накарданд,
Дар дифои марзу буми сарҳадат -
Марзу буми ору номус
Ҷон супурданд [8, с. 20-21].

Корномаи ин абармардон аз саҳифаи таърихи миллат зудуда нагаштаанд ва дар зеҳну ҳофизаи таърихии халқи тоҷик абадӣ боқӣ мондаанд. Инчунин, ҳар яке аз ин қаҳрамонони миллат барои наслҳои баъдӣ намунаи ибрат, ба таъбири маъмул, «идеал» хоҳанд буд. Тавре ки устод С. Табаров зикр кардааст: «Чи тавре ки ба инсон идеал даркор аст, ҳамин тавр дар назди тамоми намудҳои санъат, аз ҷумла адабиёти бадеӣ, вазифаи муҳим меистад, ки чунин идеалро ба воситаи образҳо, типу характерҳои типӣ ва тасвирҳои бадеӣ инъикос намоянд» [117, с.10].

Тоҷикистон, ки танҳо порае аз сарзамини аҷдодии мост, намунаҳоеро аз санъату маданияти волои ниёгон дар худ ҳифз кардааст. Имрӯз низ дар гӯшаву канори мамлакат нишонаҳое аз фарҳангу тамаддуни бостон рӯ аз ниқоби хок берун мекашанд ва дар муаррифии халқи тоҷик ҳамчун халқи қадимӣ ва соҳибтамаддун нақш мегузоранд. Ин намунаҳо, агар аз як тараф, шаҳодатномаи ифтихории миллати мо бошанд, аз сӯйи дигар, сӯзномаҳоеянд, ки аз вайронкорӣ ва зулму бедоди истилогарон қисса мекунанд:

Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Пораҳое аз «Абисто»,
Пораҳои ҳар сафоле,
Пораҳои хиштҳои хуфтаи дар зери хокат сол-соле
Порае аз нанги аҷдоди ман аст,
Порае аз сӯзу фарёди ман аст [8, с. 21].

Барои рафъи дарду андуҳ ва ҳасрати аздастдодаҳо боз ҳам боду ҳавои фараҳафзои Ватан, сангу хоки атрнок ва обҳои мусаффову ба сад дард давояш лозиманд. Ба қавли шоир, агар шохборони ватан қудрати ғамзудой дошта бошад, обҳои мусаффои дарёву чашмаҳои он оинаҳоеянд барои худогоҳиву худшиносӣ:

Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Ҳар гаҳе гарду ғубори ғусса бар ҷонам нишаст,
Шохборонҳои ту онро зудуд.
То шиносам хешро ман кистам,
По ба назди чашмаи обат ниҳодам,
Чашм бар оинаи обат кушодам [8, с. 20].

Ватан бо табиати зебову нозанин, кӯҳсори сарбаафлок ва таллу теппаҳои сабзу хурраму дилнишин, дашту саҳрои васеъ ва боғу бӯстони пурнеъмат, чашмаҳои ҷӯшон ва рӯду дарёҳои хурӯшонаш барои ҳар як ватандор азизу дӯстдоштанист. Ҳамин меҳру муҳаббатро шоирони

тавонманд ба василаи каломи дилошӯбу пуртаъсир изҳор менамоянд, тавре ки рассомони моницалам дар рӯйи коғаз хеле диданиву муассир тасвир менамоянд. Намунаҳои зиёде аз ин гуна меҳрномаҳоро мо дар китоби шеъри Ғаффоралӣ Сафар низ мушоҳида менамоем. Бо вуҷуди он ки «имрӯзҳо сухани тару тозае пас аз эҷоди осори пурқимати пешгузаштагону муосирони худ дар бораи Тоҷикистон гуфтан кори басе мушкил аст» [116, с. 194], Ғаффоралӣ Сафар кӯшиш кардааст, ки то ҳадди имкон дар васфи Ватан сухани муассиру дилнишин бигӯяд.

Барои мисол, дар ҳамин шеъри ҳадафи таҳқиқ пайванду алоқамандии инсон бо ҳама мавҷудоти Ватан: бо сангу кӯҳу обу хок ва ҳатто бо хасу хошоки Ватан эҳсос мешавад. Шоир ба таври тамсил ҳадс мезанад, ки ин доштаҳо ва дар канор парвардаҳои ватан ҳангоми зарурат ба инсони соҳибватан ёрии худро низ мерасонанд:

Тоҷикистон!  
Тоҷикистон!  
Ҳар даме ки сели дард омад ба девори танам,  
Санги дашту кӯҳҳоят,  
Талхкоҳи киштҷоят  
Пеши роҳашро бибаст,  
Шоҳини хушҳолию бахти баланд  
Бар сари китфам нишаст [8, с. 20].

Маълум аст, ки ин ақида муболиға ва ҳатто иғроқомез аст ва ҳеҷ гоҳ аҷрому аҷсоми беҷон ба инсон ёрии амалии худро расонида наметавонанд. Вале шоир низ танҳо ҳамин фикрро талқин карданӣ нест, балки хусусияти ғамзудоии ватан ва фараҳафзоии табиати онро маҷозан баён кардан мехоҳад. Тасвири ватан ва зебоиҳои табиати он аз ҷониби шоир танҳо ба хотири изҳори ғуруру ифтихор набуда, ӯ хонандаи худро водор мекунад, ки дар баробари дӯст доштани ватан ҳифзу нигаҳбонии онро низ ҳамчун қарзи фарзандӣ ва фарзи зиндагӣ аз хотир набароранд. Дар мавриди иҷрои қарзи

фарзандии худ ваъда медиҳад, ки дар ҳар як сатри шеъраш пояндагӣ ва сарфарозии ватани маҳбуби худро тараннум мекунад:

Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Дар нигини чашми ман чун мардумак бошӣ аён,
Ҳарфҳои ҳастию пояндагият
Дар дили ҳар сатри шеърам
Нақш бандад ҷовидон!
Тоҷикистон!
Тоҷикистон! [8, с. 21].

Омили асосие, ки ин навъ шеърҳоро барои хонанда ҷолиб мегардонад, на тасвиру таркибҳои тоза, балки мавҷудияти андешаи созанда аст. Ба қавли Муҳаммадалии Аҷамӣ, «Дастёбӣ ба шеъри асил аз тариқи тасвирҳои тоза ва таркибҳои равон ҳосил нахоҳад шуд, балки аз тариқи андеша, он ҳам андешаи баланд, сурат мегирад» [40, с. 9].

Яке аз мавзуъҳои мустаъмали шеъри Ғ. Сафар, ки бо мавзуи ватану ватандорӣ рабти ногусастанӣ дорад, васфи Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ мебошад. Барои Ғ. Сафар, ки даврони шуми ҷанги шаҳрвандиро пушти сар намуда, дарду доғи онро дар ҷисму ҷони худ таҳаммул кардааст, ба даст овардани ваҳдати миллӣ комёбии беназир ва рӯйдоди фараҳафзову дилпазир ба шумор меравад. Шоир қаноатмандии худро аз ин рӯйдод дар қолаби суханони мавзуни муқаффо ва хеле муассиру зебо баён намудааст. Ӯро ноободии муваққатии ватан дилшикаста не, балки боз ҳам барои ҷаҳду талоши созандагӣ ҳаристар месозад. Замоне ки дар воқеият бар асари ҷанги шаҳрвандӣ рӯзгори ҳар як ватандор ба шаби тор мубаддал гардид, шоир паноҳ ба олами хаёлоти худ ва умеду орзуҳои ободкоронаи худ мебарад. Ӯ бовар ва эътиқод дорад, ки бо ҷаҳду талош метавон ба ваҳдату ҳамдилӣ ноил гардид ва дар якҷоягӣ ватани ҷоноҷонро аз қайди зулмот берун овард:

Гарчи рӯзам тор шуд, майли саҳар дорам ҳанӯз,
Аз диёри орзуҳоям гузар дорам ҳанӯз.

Кохи ваҳдатро заволе дар миён афтодааст,
Баҳри тармимаш талоше аз дигар дорам ҳанӯз.
Зоғ дорад қар-қари беҳуда арчи ин замон,
Гӯш бар оҳанги мурғи нағмагар дорам ҳанӯз.
Тешаҳо бар кундаи сарсабзи оинам заданд,
Реша дар об аст, уммеди самар дорам ҳанӯз [8, с. 109].

Дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус Пешвои муаззами миллат, бунёдкориву созандагиро аз ҳадафҳои меҳварии давлат ва омили асосии пойдориву барқарории мамлакат ҳисобид.

Бо ҳамин мақсад дар давоми зиёда аз 30 сол садҳо корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ бунёд ёфта, даҳҳо ҳазор гектар заминҳои бекорхобида шодобу ҳосилхез гардонида шуданд. Дар миёни ҳамаи ин дастовардҳо Неругоҳи барқи обии Роғун мавқеи аввалин ва мақоми волотаринро дорост. Ба кор даромадани танҳо ду агрегати он норасоии қувваи барқро дар мамлакат тамоман аз байн бурд ва умед аст, ки баъди пурра ба кор даромадани ин неругоҳ Тоҷикистони азизи мо ба яке аз содиркунандагони асосии қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ё «энергияи сабз» дар ҷаҳон мубаддал мегардад.

Ин шоҳкории аср даҳсолаҳост, ки мавриди таваҷҷуҳи мардум қарор дорад ва ба мавзуи асосии адабиёти бадеӣ низ табдил ёфтааст. Адибони тоҷик ба хотири руҳбаланд намудани бунёдкорони Роғун дар васфу ситоиши ин неругоҳ ҳар як ба андозаи имкон ва тобу тавони эҷодии худ саъю кӯшиш кардаанд.

Таҳқиқи ашъори Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ низ дар тасвири бадеии ин иншоот комёбу муваффақ гардида, шеърҳои зиёдеро маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшидааст. Шоир дар як шеъри кӯтоҳи худ дуруст таъкид менамояд, ки ояндаи босуботи Тоҷикистон ба ин неругоҳ сахт вобастагӣ дорад. Ҳамин фикрро ӯ ба василаи намоди «ойинаи об» баён кардааст, яъне Роғун, дар тасвири шоир, ойинаи обиест, ки бахту иқболи ояндаи халқи Тоҷикистонро ойинадорӣ мекунад:

Соҳиби ойина шуд Роғун,

Халқ дар ойинаи обаш

Бахти худ мебинад акнун [8, с. 58].

Аз дигар манфиатҳои маънавии неругоҳи мазкур қудрати ваҳдатофарии он аст, ки мардуми манотиқи гуногуни Тоҷикистонро бо ҳам наздиктару пайвандтар гардонид. Аз як тараф, агар манфиати ҳамагонии онро ҳама мардум ҳис карда бошанд, аз сӯи дигар, туфайли иштироки намояндагони ҳама минтақаҳои Тоҷикистон дар бунёди Роғун дӯстиву ҳамраъйии халқи мамлакат боз ҳам қавитар гардид, ҳамин мазмунро Ғаффоралӣ Сафар дар як шеъри худ чунин баён намудааст:

Суғду Помир,

Рашту Қурғон,

Ҳамчунин Кӯлоб -

Гашт як ҷо панҷ ангушт.

Нест Роғунро дигар бим,

Бар даҳони бедаҳанҳо мезанам мушт [8, с. 59].

Бунёди Роғун, дар тасвири шоир, кори саҳлу сода нест, балки иқдоме мардона ва бозгӯи ғайрату шуҷоат ва матонату устувории миллати тоҷик аст. Бо бунёди иншооти мазкур халқи тоҷик тавонист, ки қудрати ободкорӣ ва бунёдгузории худро ба намоиш бигузорад. Асоси ин неругоҳ на танҳо аз оҳану сангу бетон, балки аз ғайрату шуҷоат, нангу номус ва тобу тавони халқи сарбаланди Тоҷикистон таркиб ёфтааст:

Деҳ Роғунро баҳо,

Дорӣ ар виҷдон.

Ёфт таркиб аз чаҳор ойин:

Қаҳрамонию далерӣ, аҳду паймон [8, с. 59].

Бо вуҷуди он ки бунёди ин шоҳкории аср натиҷаи заҳмати ҳазорон коргарону меъморон, дар маҷмуъ, тамоми халқи Тоҷикистон аст, пешоҳангу пешво ва ҳидояткору раҳнамои ягонаи ин мардум барои ободкориву созандагӣ, аз ҷумла сохтмони неругоҳи Роғун, Президенти мамлакат

Эмомалӣ Раҳмон аст. Дар ҳақиқат, сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун аз иқдомоти наҷиби Пешвои муаззами миллат аст, ки аз тарафи тамоми мардум дастгирӣ ёфт. Ин абармард, сарфи назар аз душвории вазъи иқтисодии мамлакат ва мухолифати бадкорони миллату давлат, аз иқдоми наҷиби худ даст накашид ва роҳи бахту саодату иқболро барои мардуми Тоҷикистон боз ҳам наздиктар гардонид. Ҳамин аст, ки адибони тоҷик, аз ҷумла Ғаффоралӣ Сафар низ, дар Роғунномаҳои худ заҳмату талошҳои Пешвои миллатро бо тасвири воқеъбинона арҷгузорӣ кардаанд. Ғаффоралӣ Сафар дар шеъри кӯтоҳи «Офтоби оли Раҳмон» ҳамин мазмунро ба таври зайл қаламӣ кардааст:

Нест бепушту панаҳ Роғун,
Ҳаст ӯро пуштибон.
Дар фазои беғубораш
Яккатозӣ мекунад чун офтобе
Оли Раҳмон [8, с. 59].

Тасвири моҳияту манфиат ва шаҳомати Роғун, инчунин тавсифи корномаҳои бемислу монанди созандагони он мавзуи як идда шеърҳои гуногунҳаҷми Ғаффоралӣ Сафарро ташкил додаанд. Дар баробари анвои гуногуни шеърҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда шоир силсилае аз рубоиёт дорад, ки ҳамин мавзуъро дар бар мегиранд.

Неругоҳи барқи обии Роғун дар тасвири Ғаффоралӣ Сафар «шаҳномаи бахт», «сармояву тоҷу тахт» ва «минуйдарахт»-и халқи Тоҷикистон аст, ки азояндаи босаодати ин халқу миллат шаҳодат медиҳад:

Шаҳномаи бахти халқ Роғун, Роғун,
Сармояву тахти халқ Роғун, Роғун.
Ҳаст аз самарат даҳони мардум ширин,
Минӯйдарахти халқ Роғун, Роғун [8, с. 60].

Дар ҳамин маврид мазмунан зикр намудани нуқтаи назари донишманди рус М. Бахтин муносиб менамояд, ки мақсад аз эҷоди асари бадеӣ образнок ва ҳадафрас баён намудани як фикри муайян аст [41, с. 17]. Мақсади

Ғаффоралӣ Сафар низ аз овардани тасвироти шоиронаи боло таъкиди зарурати бунёди неругоҳи Роғун аст, ки барои халқи тоҷик манфиати бешумор дорад. Шоир хуб дарёфтааст, ки ин неругоҳ субҳи босафои миллати мост, ки занги яъсу ноумедиро аз дилҳои мардум зудуда, садҳо мушкилоти хурду бузурги давлати моро осон мегардонад. Бахусус, дар даврони саноатикунонии босуръати мамлакат неругоҳи мазкур нақши калидӣ дорад, чунки бо ёрии он метавон корхонаҳои гуногуни саноатиро ба кор даровард ва ба ҳамин васила ҳам мушкилоти моддии мардумро бартараф намуд ва ҳам вазъи сиёсию иқтисодии мамлакатро беҳтару хубтар гардонид:

Роғун, Роғун, субҳи сафоӣ, Роғун,
Занги дили моро бизудоӣ, Роғун.
Сад уқдаи мушкили ватандориро
Бо панҷаи гирот кушоӣ, Роғун [8, с. 60].

Шоир мутмаин аст, ки Неругоҳи барқи обии Роғун баъди пурра ба кор даромадан бо кудрати нурофарии худ боиси равшану нуронӣ гардидани мамлакат ва омили асосии русурхиву сарбаландии халқи Тоҷикистон хоҳад шуд:

Ангораи қавми тоҷдорон Роғун,
Зангӯлаи дасти обшорон Роғун.
Бишкуфт ба гулшани ватандории мо
Чун лолаи сурхи рӯи ёрон Роғун [8, с. 61].

Азбаски Неругоҳи барқи обии Роғун ба рӯшаниву гармӣ муносибат дорад, шоир зимни тасвири он аз дини аҷдодии миллати тоҷик - дини Зардуштӣ ёд кардааст, ки мазҳари он низ офтобу оташ, яъне манобеи нуру рушноӣ ва гармиву ҳароратанд, яъне, халқи тоҷик ҳанӯз аз даврони бостон ин ду атои Худовандӣ - равшаниву гармиро парастиш мекард ва минбаъд низ бо илму ҳикмат барои бо дасти худ ҳосил намудани ин аносир саъю кӯшиш менамуд. Дар замони нав натиҷаи ҳамин талошу кӯшишҳо бунёди неругоҳҳои зиёди барқи обӣ, аз ҷумла НБО Роғун, гардид. Иншооти мазкур ҳар қадар халқу миллати мо ва дӯстони моро шод гардонда бошад, барои

душманони мамлакат пайғоми нохуше гардид, ки онҳоро аз вайронии Тоҷикистон ноумед сохт. Дар тасвири Ғаффоралӣ Сафар неругоҳи мазкур боиси болидарухӣ ва сарафрозиву хушдилии халқи Тоҷикистон шуд:

Роғун, Роғун, ҳикмати Зардушт туӣ,
Бар фарқи рақибони Ватан мушт туӣ.
Бе бодаву бе айёғ мастем ҳама,
Ангуршароби мо ба чархушт туӣ [8, с. 60].

Дар рубоии зерин шоир аз Роғун бо ифодаҳои «пайки умед», «тифли хирад», «тарабафзо» ёд намуда, бунёди онро далели побарҷоии миллат дар мазҳаби Зардушт медонад. Вале ифодаи шоиронаи охир ҳаргиз исботи он нест, ки миллати тоҷик имрӯз низ зардуштимазҳабанд, балки матлаби шоир аз ин ифода арҷгузорӣ ва қадрдонии халқи мо ба нуру рушноист, яъне чунонки гузаштагони мо офтобу оташро мазҳари суҷуду ибодат қарор дода буданд, мо - пасояндагон низ ин ду унсури ба ҳамдигар монанд, манобеи гармиву рушноиро муқаддасу сутуданӣ медонем, чунки бидуни онҳо ҳаёт дар рӯи замин номумкин аст:

Роғун, Роғун, пайки умеди мойӣ,
Тифли хирадӣ туву тарабафзойӣ.
Бо бунёди ту мекунад тоҷики ман
Дар мазҳаби Зардуҳишт побарҷойӣ [8, с. 60].

Аз дигар мавзуъҳое, ки дар ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар мушоҳида мешавад, васфи манзараҳои табиат аст. Таҳқиқи анҷомдодаи мо дар мавриди мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоир нишон медиҳад, ки аз ҷониби Ғаффоралӣ Сафар тасвири манзараҳои табиат низ ҳунармандонаву шоирона сурат гирифтааст. Маълум аст, ки тасвири табиат аз мавзуоти ниҳоят маъмул ва серкорбурди шеъри форсӣ-тоҷикист. Бахусус, шоирони қасидасарои адабиёти классикии мо дар ташбиби қасоиди худ ба тасвири манзараҳои табиат пардохта, дар ин маврид доди суханро додаанд. Аз дидгоҳи шоиронаи онҳо ягон фасли сол ва вижагию мушаххасоти онҳо берун намондааст. Бо вуҷуди ин шоирони хушқариҳаи имрӯз низ тавонистаанд, ки

зимни тасвири манзараҳои табиат танҳо побанди сужаву тасвироти шоирони салаф нагардида, сухани тозае аз худ гуфта бошанд.

Маълум аст, ки ғарази адибон аз тасвири табиат танҳо баёни зебоиҳои муҳити атроф нест, балки зимни ин тасвирот андешаҳои иҷтимоии онҳо низ хуб баён мешавад. Ба қавли Маҳмуди Футуҳӣ, «тасвирпардозӣ имкони тасарруф дар ашё ва ҷаҳонро барои одамӣ фароҳам меорад ва ба ӯ фурсат медиҳад, ки то бо дасткорӣ дар аносири табиат матлабу мақсуди худро биофаринад, нокомиҳоро ҷуброн кунад, эҳсоси худро дар ашё бирезад ва бо падидаҳои берун аз қаламрави забони худ сухан бигӯяд» [126, с. 39].

Таҳқиқи ашъори Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад ки ӯ низ дар тасвири тозаи табиат муваффақу комёб аст ва қудрати гуфтаи ҳарфи хоссаи худро дорад. Барои мисол дар шеъри кӯтоҳи зерин, ки аслан мазмуни иҷтимоӣ дошта, бозгӯи зиндагии душвори мардум дар даврони ҷанги шаҳрвандист, мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

Осмони барзгар дасти сахо бикшод,
Донаи борон даруни ҳавз хирман шуд.
Нимашаб аз барқ чун аз орзуи нони серӣ
Дидаи бечорае як лаҳза рӯшан шуд [8, с. 88].

Дар шеъри кӯтоҳи зерин низ, ки ҳамагӣ аз се мисраъ иборат аст, мо тасвири шоиронаи шабро мушоҳида менамоем. Шоир шабро ба модари фарзандгумкардае монанд менамояд, ки ба хотири боздиди фарзанд чашмдарроҳ аст. Дар ин шеър санъатҳои ташбеҳ ва истиора мавқеи хосса доранд. Агар ба модари фарзандгумкарда шабоҳат додани шаб ба санъати ташбеҳ далолат намояд, ифодаи чашмҳои шаб истиораи ситораҳост:

Ҳаст шаб чун модари фарзандгумкарда,
То дарояд аз дараш фарзанд,
Бо ҳазорон чашм дорад интизорӣ [8, с. 9].

Дар шеъри манзаравии зерин шоир хуршеди ба абр рӯпӯшшударо ба чашме шабоҳат додааст, ки парда гирифтааст ва барои боз ҳам нурониву равшан гардидан ба теғи ҷарроҳӣ ниёзманд аст:

Чашми хуршед,

Пардапӯшат кардааст абри хазон.

Теғи ҷаррохӣ куҷост?! [8, с. 15].

Зоҳирон, вожаи «хуршед» аз мафҳумҳои серкорбурди ашъори манзаравии Ғаффоралӣ Сафар мебошад. Ин ҳолат бесабаб нест, чаро ки ивазшавии фаслҳои сол ва ранггардонии табиат низ ба ҳолату ҳаракати хуршед сахт вобаста аст. Масалан, дар шеъри зерин шоир аз миён рафтани зимистон ва расидани баҳори нозанинро чунин зебову шоирона тасвир менамояд:

Панҷаи гирои хуршед

Каштали сарди зимистонро гирифт.

Барфҳои сояхам

Пораи пироҳани чоки зимистонанд [8, с. 17].

Дар шеъри манзаравии зерин шоир шаби торику беситораро ба модаре шабоҳат додааст, ки фарзандҳои худро аз даст додааст ва аз ин рӯ сиёҳпӯшу азодор аст:

Чанд тифли кавкабаш мурд,

Ҳамчу модар

Шаб сияҳпӯшу азодор аст [8, с. 26].

Шоири донишманд Аскар Ҳаким оид ба корбурди тасвироти шоирона чунин гуфтааст: «Тавсифу тасвир ва манзаранигорӣ бо мароми эҷодии ҳар шоир пайванди ногусастанӣ дорад. Агар дар мароми эҷодии шоир ифодаи маъниҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, зебоишинохтӣ бартарӣ дошта бошанд, онҳо барои барҷаста ва маҳсусу тасаввуршаванда ифода карданашон ба кор меравaнд» [134, с. 12]. Ин гуфтаҳо дар мавриди ашъори манзаравии Ғаффоралӣ Сафар низ сидқ доранд ва ҳамин иртиботи мантиқии тасвири табиат бо муддаои шоир дар ҳар як шеъри тасвирии ӯ мушоҳида мешавад.

Маълум аст, ки дар ашъори шоирони дирӯзу имрӯз аз ҳама фаслҳо зиёдтар фасли баҳор мавриди тасвироти шоирона қарор гирифтааст ва шоирони хушқариҳа бо ҳар ранг манзараҳои ин фасли нозанинро тасвир

кардаанд. Бештари шеърҳои манзаравии Ғаффоралӣ Сафар низ ба тасвири фасли баҳор бахшида шудаанд. Шоир дар ин шеърҳои худ қудрати эҳёгарии фасли баҳор ва манзараҳои нотакрори онро тасвир менамояд.

Азбаски нишонаи асосии фасли мазкур борони нарму навозишкор ва насими шӯху беқарор аст, шоир низ бештар ба ҳамин аносири баҳор диққат додааст. Барои мисол, шоир дар шеъри «Ҳурмати борон» ҳолати дамидани гулу гиёҳ ва қад кашидани дарахтонро аз илтифоти борон тавре тасвир намудааст, ки гӯё онҳо ба хотири эҳтироми боронро ба ҷо овардан аз ҷой бармехезанд:

Ба ҳурмати қудуми обияш
Гиёҳу нахлҳо ба по шаванд [8, с. 94].

Ҳанӯз пеш аз он ки баҳори эҳёгар фаро мерасад, кулли мавҷудоти рӯйи замин, аз ҷумла инсон, омадани онро эҳсос мекунанд ва ҷону ҷисмашон барои пешвози он омода мешавад:

Нест гарчи фасли Наврӯз,
Дар дили ман ҷунбиши шавқи баҳорон аст,
Чашмҳои сурхи бехобам
Лолаҳои арғувон аст [8, с. 95].

Дар тасвири шоиронаи Ғаффоралӣ Сафар борон ошиқи шайдои замин аст ва ба хотири бӯса рабудан худро аз осмон ба замин меафканад:

Нест ошиқ ҳеҷ кас монанди борон бар замин,
К-аз барои бӯсае
Хешро меафканад аз осмон [8, с. 95].

Васфи баҳори гулбадомон ба манзараҳои нотакрори он дар ашъори гуногунжанри Ғаффоралӣ Сафар мавқеи хоса дорад. Барои мисол, дар шеъри зерин, ки мо чанд байташро ба ҳайси намунае меорем, шоир фасли нозанини баҳорро хеле зебову дилписанд васф кардааст. Дар ин абёт мафҳумҳое, амсоли «аз оби борон кокул доштани баҳор», «ҷамолакбофии нахлҳо» аз тозагии тасвири шоиронаи баҳор шаҳодат медиҳанд:

Биборад ҳусн аз рӯи баҳорон,
Ки дорад кокуле аз оби борон...
Само аз шодияш кӯбад нақора,
Занад бар чодараш гул аз шарора.
Чу мурғон орзуҳо пар кушоянд,
Ҷамолакбоф шохи нахлҳоянд [8, с. 40].

Хулоса, ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар дар баробари дигар муҳассаноте, ки дорад, аз ҷиҳати мавзуъ ва мазмуну мундариҷа низ бою раногоранг аст. Шоир ба ҳайси мавзуоти ҳадафи тасвири хеш масоилеро қарор додааст, ки ҳам ба табъу завқи хонанда хуш меоянд ва ҳам дар тарбияи ахлоқии ӯ ҳиссагузор буда метавонанд. Барои мисол, мундариҷаи ғоявии иддаи зиёде аз шеърҳои ӯро васфу ситоиши ватан ва талқини зарурати ҳифзу нигаҳбонии он ташкил медиҳад.

Дар ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар оҳанги ватандӯстона хеле баланду шуниданӣ мушоҳида гардида, ӯ ба монанди аксар шоирони ҳамзамони худ якҷо бо мардум ғаму шодии як даврони ҳассоси зиндагонии халқу давлатро таҳаммул намуда, эҳсоси худро ба василаи каломи мавзуну мухайял ба дигарон расонида тавонистааст. Мақсад аз ин бозгӯии ҳаводиси гузашта бедор кардани ҳисси ватандӯстии насли имрӯзу оянда аст, ки шоир ба онҳо зарурати аз саҳву хатои гузашта ибрат омӯхтан ва ба қаҳрамонии ниёгони шарафманди худ пайравӣ карданро талқин мекунад.

### 1.4. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар

Яке аз аносири зотии каломи манзуму мансури адабӣ воситаҳои тасвири бадеиянд, ки матлаби адибонро боз ҳам ороставу дилпазир ва ҳадафрасу муассир мегардонанд. Суханварони аз моҳият ва арзиши ороязҳои адабӣ огоҳ ҳамеша кӯшиш ба он доштаанд, ки мазомин ва матлаби мавриди тасвирро бо ороязҳои гуногуни адабӣ ороста, шуниданӣ ва дилчасптар гардонанд. Бо ҳамин мақсад адибони воқеӣ дар осори манзуму мансури худ аз саноеи маънавию лафзие, аз қабили ташбеҳу истиора, тавсифу таҷнис,

муболиғаву иғроқ, кинояву маҷоз, ташхису такрир, тамсилу талмеҳ, суолу ҷавоб, тарсеву мувозана ва ғайраҳо фаровон истифода кардаанд. Дар қатори ин адибон метавон аз Ғаффоралӣ Сафар низ ном бурд, ки дар асарҳои худ орояҳои адабиро ба таври аҳсан ба кор бурдааст.

Аз ҷумлаи воситаҳои тасвири бадеӣ, ки дар ашъори Ғаффоралӣ Сафар ҳузури ҳамешагии онро мушоҳида менамоем, санъати ташбеҳ аст. Таҳқиқ дар ашъори шоир муайян кард, ки дар шеъри ӯ анвои гуногуни ташбеҳ, аз ҷумла ташбеҳи равшан, пӯшида, баргашта, измор ва аз ҷиҳати сохт мураккабу таркибӣ истифода гаштаанд. Қисмати зиёди ташбеҳоти осори Ғаффоралӣ Сафарро ташбеҳи равшан ташкил медиҳад, ки дар он баробари дигар аносири ташбеҳ адоти ташбеҳ ва ё ёридиҳандаи монандӣ низ мушоҳида мешавад.

Маълум аст, ки санъати ташбеҳ аз ҷумлаи маъмултарин санъатҳои бадеии осори адабӣ буда, дар шеъри ҳама шоирони гузаштаву муосир ба таври фаровон истифода шудааст. Табиист, ки дар ин ҳолат ташбеҳи тозаву нав гуфтан барои шоири хушқариҳа ва тавонманд низ кори душвору заҳматталаб аст. Бо вуҷуди ин, шоирони асил дар ҳар як давру замон кӯшиш кардаанд, ки барои предмети ҳадафи тасвири худ шабоҳатҳои наву нодир ва ногуфта пайдо намоянд. Аз ҷумла, Ғаффоралӣ Сафар низ дар ин ҷода саъю кӯшиш намуда, то як андоза муваффақ низ гардидааст. Барои мисол, дар як шеърпораи худ шоир саҳрои пахтакорро ба осмони ситоразор монанд кардааст, ки ба сари худ ташбеҳи наву тоза аст:

> Саҳрои пахтакор –
> Чархи ситоразор,
> Чун маҳ нишаста духтаре дар киштии кабуд,
> Гӯё ситора ғун кунад бо азми устувор (8, с. 34).

Шабоҳат додани саҳрои пур аз пахтаҳои шукуфта ба осмони ситоразор бар пояи мантиқ устувор аст, ки дар ин ташбеҳ ваҷҳ ва ё сабаби ташбеҳ, аз як сӯ, сапедиву назаррабоӣ ва аз сӯйи дигар, зиёдии онҳост, ки аз ҳама чизи атроф онҳоро назаррасу мумтоз мегардонад. Дар байти дувум духтари ба мошини пахтачинӣ нишаста ба моҳ монанд карда шудааст. Бо вуҷуди он ки

шабоҳат додани духтар ба моҳ аз ташбеҳоти куҳнаву обшустаи шеъри форсист, вале дар якҷоягӣ бо ташбеҳи боло маҳз ҳамин ташбеҳ пайванди мантиқии матлаби шоирро таъмин менамояд. Ҳолати бо мошин пахта чидани духтар ба ҳолате монанд карда шудааст, ки моҳи дурахшон ситораҳои атрофи худро дар равшании худ ноаён мегардонад ва боз ҳам аз нури онҳо дурахшонтар мегардад. Ба киштии кабуд, яъне мошини пахтачинӣ нишастани духтар низ ба он монанд аст, ки моҳ дар осмони кабуд назаррабоӣ мекунад. Яъне, на танҳо духтар ба моҳ ва пахта ба ситора монанд карда шудааст, балки мошини кабуди пахтачинӣ низ ба осмони кабуд шабоҳат дода шудааст.

Дар як пора аз шеъри «Гаҳвора» низ ташбеҳи сареҳ ва ё ташбеҳи равшан мушоҳида мешавад. Дар ин шеърпора гаҳвора ба замини чархгардон ва канори он ба оғӯши модар монанд карда шудааст:

Набошӣ як даме осуда ҳаргиз,
Ба монанди замини чархгардон.
Канори туст чун оғӯши модар,
Ки созад тифлро марди намоён [8, с. 28].

Дар шеъри болозикр гаҳвора ва канори он ташбеҳшаванда ва замину оғӯши модар ташбеҳкунанда буда, вожаҳои «монанди» ва «чу» адоти ташбеҳанд. Ваҷҳи ташбеҳ бошад дар байти аввал ҷунбишу ҳаракат ва дар байти дувум ҳузуру ҳаловатест, ки аз канори гаҳвора ва низ аз оғӯши модар ҳосил мешавад. Ҳамин адоти ташбеҳ, яъне ёридиҳандаи монандӣ доштан, ташбеҳи фавқро ба ташбеҳи равшан мансуб мегардонад.

Маълум аст, ки аз ҷумлаи чор унсури ташбеҳ ваҷҳ ва ё сабаби ташбеҳ аст, ки дар бештари маврид зикр намегардад, чунки бидуни зикр низ хусусият ва ё ҳолати монанд байни ташбеҳшавандаву ташбеҳкунанда маълум аст. Барои мисол, вақте ки гул ҳамчун ташбеҳкунанда ва духтар ва ё зан ҳамчун ташбеҳшаванда зикр мешаванд, бидуни баёни лафзӣ низ маълум аст, ки хусусиятҳои зебоиву назокат ва рангу бӯи дилнишину дилпазир доштан аломатҳои муштараки байни ин ҳар ду, яъне ваҷҳи ташбеҳанд. Ҳамин ҳолатро мо дар шеърҳои Ғаффоралӣ Сафар низ мушоҳида менамоем. Вале

дар баъзе аз шеърҳои шоир баробари дигар аносири ташбеҳ, яъне ташбеҳшавандаву ташбеҳкунанда ва адоти ташбеҳ сабаб ва ё ваҷҳи ташбеҳ низ мушоҳида мешавад. Барои мисол, дар байти аввали шеърпораи зерин, ки ба ҳайси мисол оварда мешавад, сифати «пуршӯрӣ» ва дар байти дувум «шайдогарӣ» ваҷҳи ташбеҳанд. Дар маҷмуъ, дар ҳар як мисраи чорпораи зер ташбеҳе мавқеъ дорад, ки дутоӣ онҳо ба ошиқ ва дутои боқимонда ба маъшуқ мутааллиқанд:

Пуршӯр чу дарёӣ,
Ман мавҷи ҳавасҳоям.
Шайдогари дилҳоӣ,
Ман ошиқи шайдоям [8, с. 9].

Дар шеъри кӯтоҳи зерин низ ташбеҳи равшан мавқеъ дорад. Дар он ҳар яке аз чор унсури ташбеҳ мушоҳида мешавад:

Ҳаст шаб чун модари фарзандгумкарда,
То дарояд аз дараш фарзанд,
Бо ҳазорон чашм дорад интизорӣ [8, с. 9].

Тавре мушоҳида мешавад, дар шеъри фавқуззикр «шаб» ташбеҳшаванда буда, «модари фарзандгумкарда» ташбеҳкунанда ва калимаи «чун» адоти ташбеҳ мебошад. Ҳолати «интизорӣ», ки ҳам ба ташбеҳшаванда ва ҳам ба ташбеҳкунанда муштарак аст, сабаб ва ё ваҷҳи ташбеҳ аст.

Воситаи тасвири бадеии дигаре, ки дар ашъори Ғаффоралӣ Сафар зиёд истифода гардидааст, санъати истиора мебошад. Шоир аз ҷумлаи анвои гуногуни ин санъати бадеӣ, бештар истиораи изофӣ ва ё киноягиро истифода кардааст. Барои мисол, дар шеърпораи зерин ибораву ифодаҳои «шонаи кӯҳсор», «лона мондани моҳу хуршед (дар шонаи кӯҳ)», «хатти ҷабини кӯҳ» истиораи изофианд:

Рӯзу шаб рӯйи шонаи куҳсор
Моҳу хуршед лона мемонанд.
Аз хатти дар ҷабинашон буда
Хатшиносон чи қиссаҳо хонанд [8, с. 6].

Тавре мушоҳида мегардад, фарқи истиораи муқарраръ аз истиораи изофӣ ва ё киноягӣ дар он аст, ки агар дар истиораи навъи аввал ба ҷойи як мафҳум мафҳуми дигар истифода шавад, дар истиораи киноягӣ истиорашаванда бо соҳибистиораи худ ба воситаи изофат баста мешавад. Ба ҳамин тартиб, дар истиораи изофии «шонаи кӯҳсор» калимаи «шона» истиорашаванда буда, вожаи «кӯҳсор» соҳибистиора аст. Яъне, кӯҳ ба монанди инсоне тасаввур гардидааст, ки шонаҳои паҳну васеъ дорад. Дар истиораи дуюм бошад, моҳу хуршед парандаҳое фарз гардидаанд, ки тавони дар фарози кӯҳ лона гузоштан доранд.

Дар шеърпораи зерин ибораву ифодаҳои «коғази рух», «хомаи нигоҳ», «ҳуруфи ишқ», «таблак задани дил» ва ҳам вожаи «бастакор» ифодаҳои мустаоранд. Дар истиораи аввал истиорашаванда «коғаз» буда, калимаи «рух» соҳиистиора аст. Агар шоир ҳамин матлаби худро ба василаи ташбеҳ адо кардан мехост, мебоист на «коғази рух», балки «рухи ҳамчун коғаз (сафед)» мегуфт. Шоир дар истиораи дувум калимаи «нигоҳ»-ро бо «хома» пайванд дода, як истиораи изофӣ сохтааст, ки дар он вожаи аввал (хома) истиорашаванда буда, калимаи дуюм (нигоҳ) соҳибистиора мебошад. Дар истиораи охирин ба ҷойи калимаи «дил» истиораи он «бастакор» истифода гардидааст:

Бар коғази рухат
Бо хомаи нигоҳ навиштам ҳуруфи ишқ.
Таблак бизад дилам,
Ин бастакор матни маро дар наво кашид [8, с. 42].

Дар шеъри зерин низ санъати истиора хеле ҳунармандона истифода шудааст. Чизи дигаре, ки дар шеъри фавқуззикр ҷалби таваҷҷуҳ менамояд, корбурди калимаву таркиботи мардумӣ, аз қабили «каштал» ва «сояхам» мебошад. Дар маҷмуъ, дар ин шеъри мавриди назари мо «панҷаи гирои хуршед», «каштали сарди зимистон», «пораи пероҳани зимистон» барин ифодаҳои мустаор мавҷуданд:

Панҷаи гирои хуршед

Каштали сарди зимистонро гирифт.

Барфҳои сояхам

Пораи пероҳани чоки зимистонанд [8, с. 17].

Талмеҳ низ аз ҷумлаи orояҳои адабиест, ки дар ашъори Ғаффоралӣ Сафар ба таври фаровон истифода шудааст. Аксари талмеҳоти ашъори шоир ишора ба шахсиятҳо ва воқеаву ҳаводиси таърихӣ менамоянд. Барои мисол, Зардушт, Искандар, Исмоили Сомонӣ, Кисро, Сиёвуш, Темурмалик, Восеъ, Ҳофизи Шерозӣ аз ҷумлаи шахсиятҳои таърихиянд, ки дар ашъори Ғаффоралӣ Сафар талмеҳан зикр гардидаанд. Маълум аст, ки бо номи ҳар яке аз ин шахсиятҳо рӯйдодҳои гуногуни таърихӣ марбутанд, ки ғарази асосии шоир низ ба ёд овардани ҳамин ҳаводис аст.

Барои мисол, шеъри хурдҳаҷми зерин дар васфи созандагони Роғун гуфта шудааст ва шоир иртиботу пайванди нурофарии насли имрӯзро бо оташпарастии ниёгон, ки низ ба хотири гиромидошти нуру рӯшноӣ ва гармӣ буд, бо ба ёд овардани номи паямбари оташпарастон – Зардушт, зикр кардааст:

Руҳи Зардушт

То бигардад шод.

Оташи ӯро ба Роғун

Мекунем эҷод [8, с. 59].

Хулоса, ашъори Ғаффоралӣ Сафар, дар баробари дигар муҳассаноти шакливу мазмуние, ки доранд, бо санъатҳои гуногуни бадеӣ низ ороста буда, ин саноеъ бар лутфи гуфтор ва ҷазобати маънавии шеърҳои шоир афзудаанд. Бо он ки мо ба хотири парҳез аз зиёдагуфторӣ бо овардани чанд намуна аз шеърҳои бо орояҳои адабӣ оростаи шоир иктифо кардем, дар ҳар як шеъри ӯ воситаҳои дигари бадеӣ низ, аз қабили тазоду муқобала, тавсиф, таҷнис, тамсил, суолу ҷавоб, кинояву маҷоз хеле ҳунармандонаву баҷо истифода гардидаанд.

# БОБИ 2. НАЗМИ БАЧАГОНАИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР

## 2.1. Вижагиҳои сабкӣ ва услубии ашъори бачагонаи шоир

Яке аз қисматҳои асосӣ, арзишманд ва ба таҳқиқ ниёзманди осори манзуми Ғаффоралӣ Сафарро ашъори бачагона ташкил медиҳанд. Пажӯҳиш дар шеъри шоир нишон медиҳад, ки ӯ дар навиштани ин навъи шеър маҳорати хосса дорад. Шеърҳои бачагонаи шоир муассиру дилнишин ва содаву равон буда, ба табъу завқи кӯдакони синну соли гуногун мувофиқ эҷод гардидаанд. Маълум аст, ки Ғаффоралӣ Сафар шоири мушоҳидакор ва дақиқсанҷ буда, пеш аз эҷоди шеърҳои бачагона олами бачаҳоро хеле хуб омӯхтааст ва ҳамин аст, ки ба кӯдакони гуногунсол  чӣ гуфтан ва чӣ гуна гуфтанро хеле хуб медонад ва кӯшиш менамояд, ки матлаби ӯ барои хурдсолон фаҳмову ақлрас бошад.

Масъалаҳое, ки шоир дар шеърҳои бачагонаи худ ба миён мегузорад, ба дунёи кӯдакону наврасон иртиботи бевосита доранд. Барои мисол, маълум аст, ки барои кӯдак азизтарин ва наздиктарин шахс модар аст, ки касе ва ё чизи дигаре ӯро иваз карда наметавонад ва дар пеши кӯдак қадру манзалати модарро  нахоҳад дошт.

Ҳамин аст, ки кӯдак тамоми чизи писандида ва барояш дилпазирро ба модар муқоиса менамояд ва бо вуҷуди изҳори мафтунии худ аз ин чизҳо онҳоро дар муқоиса бо модар ночизу беарзиш меҳисобад. Дар шеъри бачагонаи «Ситораи модар» мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

Боҳарорат, пурҷило
Ситораҳои фазо.
Вале ситорае ҳаст,
Бале, ситорае ҳаст.

Ки гарм асту пурзиё,
Ҳузур диҳад ҷони мо.
Он, ки гарму хуштар аст,
Ситораи модар аст [5, с. 3].

Муҳаққиқон борҳо қайд карданд, ки навиштани шеъри бачагона кори хеле заҳматталаб ва душвор аст. Шоире ба гуфтани ин навъи шеър қодир аст, ки аз дунёи рангоранги бачаҳо, табъу завқ ва майлу муроди бачаҳо огоҳ бошад ва имкону ҳавсалаи ба ин дунёи зебову рангоранг даромадан дошта

бошад. Ба қавли Юсуф Акбаров, «бачагони ҳар синну сол табиату завқ ва хислатҳои хос доранд. Бинобар ин барои навиштани асар барои бачагони ин ё он синну сол тағйироти психологӣ ва тарзи тафаккури онҳоро хуб донистан лозим аст. Дар сурати ғайри риояи ин талабот асари адиб на ба бачагон лозим аст ва на ба калонсолон» [29, с. 192].

Таҳқиқи шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ дар ин масъала мушкил надорад ва тафовути синнусолии бачаҳоро хеле хуб дарк менамояд. Бо дарки ҳамин муқаррароте, ки аз ҷониби муҳаққиқи адабиёти бачагона – Юсуф Акбаров қайд гардидааст, шоир андозаи фаҳму дарк ва завқу ҳаваси бачагони гуногунсолро ба назар гирифта, барои онҳо шеър мегӯяд. Яъне, агар барои кӯдакони хурдсол шеър гӯяд, аз мураккаббаёнӣ ва тафсилоти барзиёд худдорӣ намуда, бештар аз ҳунари тасвиргарӣ ва равону шево сухан гуфтани худ истифода мебарад. Кӯшиш мекунад, ки воқеаи ҳаётӣ ва ё тахайюлии тасвиркардаи ӯ аҷибу ақлтасхиркунанда бошад ва кӯдаконро мафтун карда тавонад. Зимни барои кӯдакони синни мактабӣ шеър гуфтан бошад, ӯ бештар ба ҷанбаи таълимӣ ва тарбиявӣ доштани шеъри худ аҳамият медиҳад.

Маълум аст, ки хурдсолон дунёро ба чашми худ мебинанд ва хулосабарории онҳо низ аз рӯйдоду ҳаводис танҳо махсуси ҳисси дунёшиносии онҳост. Бо вуҷуди он ки ин ҳисс аксаран бо иштибоҳ тавъам аст, хаёлоти рангин ва олами афсонавии кӯдакон марғубу дилписанд аст. Барои мисол, дар як шеъри Ғаффоралӣ Сафар, ки «Себи шакархӯр» ном дорад, мо ба ҳамин гуна ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии кӯдакон рӯ ба рӯ мешавем. Сужаи ин шеър ҷолиб ва мароқангез буда, шоир воқеаи хандаовареро нақл мекунад, ки мувофиқи он Шараф ном писарбача бехи дарахти себро кофта, ба он ҷо шакар меандохт. Вақте ки бародараш аз ӯ сабаби ин амалашро мепурсад, ӯ ҷавоб медиҳад, ки мехоҳад себи туршмаззаашонро ширину бомазза гардонад:

Додарчаи ман Шараф
Беле гирифта ба каф,
Гирди себеро мекофт,
Онҷо шакар меандохт.
Сабабашро ҳамон дам
Аз додарам пурсидам.
Шараф бигуфто: -Ако,
Ин себи туршамонро
Бехашро қандин кунам,
Таъмашро ширин кунам [5, с. 6].

Тавре мушоҳида мешавад, воқеаи тасвиркардаи шоир барои хонандаи хурдсол боварибахш ва ба фаҳм наздик аст ва онҳо аз ин амали қаҳрамони асар ба завқ меоянд.

Маълум аст, ки кӯдакон ниҳоят кунҷков буда, ҳар чизеро ба зудӣ шинохтан ва сабаби ҳар як воқеаеро донистан мехоҳанд. Ҳамин майлу хоҳиш боис мегардад, ки онҳо аксаран аз воқеаву ҳаводис хулосаҳои нодуруст, вале аҷибу диққатҷалбкунанда мебароранд. Кӯдакон бо мушоҳидаи касҳову чизҳо ва ё ҳолатҳои гуногун шабоҳате ба онҳо аз олами иҳотакардаи худ ҷустанӣ мешаванд ва хулосабарории онҳо низ дар асоси ҳамин шабоҳату монандиҳо сурат мегирад. Барои мисол, кӯдакон шояд борҳо аз калонсолон шунида бошанд, ки табхол, ки дар лаб ҳувайдо мешавад, натиҷаи тарсу ваҳми инсон аз ягон рӯйдоди даҳшатангез ва ваҳмовар аст. Дар ҳамин асос қаҳрамони яке аз шеърҳои Ғаффоралӣ Сафар қорчҳоеро, ки баъди садои даҳшатноки тундар дар рӯйи замин пайдо мешаванд, ба табхолҳое монанд кардааст, ки дар лаби замини аз тундар тарсида рӯидаанд:

Бисёр ҳам баланде
Садои тундар омад,
Аз раҳраву подаҷо,
Аз равзани дар омад.
Чунон тарақ-туруқ кард,
Замин ба ларза омад.
Дар лабаш табхолаҳо
Аз қорчҳо баромад [4, с. 4].

Бо вуҷуди ин ки нодурустии фикри гуфташуда барои калонсолон маълум аст, онҳо аз тасаввур ва қудрати хаёлпардозии кӯдакон ба завқ меоянд. Ба ҳамин монанд тасаввури кӯдакона дар шеъри дигари Ғаффоралӣ Сафар, бо унвони «Сармо», мушоҳида мешавад. Мувофиқи ин тасаввур оби ҷӯй аз сармои зимистон тарсида, дар ҷойи худ шах шудааст ва дар зери пардаи ях худро пинҳон кардааст:

Сармои имсол
Бераҳм омад.
Дуд аз димоғи
Ҷӯйча баромад.

Гурдакаф шуда,
Ҷӯйча шах шудаст.
Аз тарс пинҳон
Зери ях шудаст [4, с. 6].

Хурдсолон ботини поку беолоиш доранд ва ҳамин руҳи поку наолуда онҳоро на танҳо бо одамон, балки ба ҳама махлуқот ҳамдарду ғамшарик мегардонад. Кӯдакон нисбат ба дигар афроди ҷомеа ҳассостару таъсирпазиртаранд ва ҳар як рӯйдоди хушу нохуши зиндагӣ ба осонӣ дар руҳияи онҳо асар мегузорад ва онҳо ба ин ҳаводис ба андозаи фаҳму дарк ва қуввату тавони худ вокуниш нишон медиҳад. Бахусус, таваҷҷуҳи онҳо ба ҳайвоноту парандагони хонагӣ калон аст ва худро як навъ барои нигоҳубин ва ҳифзу парвариши онҳо масъул меҳисобанд. Онҳо бо тақлиду пайгирӣ аз калонсолон ба мурғон обу дон медиҳанд ва аз обу алафи гову гусфандон хабардорӣ менамоянд. Ҳамин ҳолат дар шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар низ тасвири бадеии худро ёфтааст. Ба қавли устод Р. Амонов, «бедор ва пурқувват кардани ҳисси дилсӯзии бачагон нисбат ба табиат, нисбат ба ҳайвонот ва парандагон дар ҳамаи замонҳо аҳамияти махсус дошт» [32, с.85]. Ғаффоралӣ Сафар бо дарки ҳамин масъулияти ба дӯши адиби бачагон вогузоршуда дар шеърҳои худ дар баробари тасвири ҳисси дилсӯзии кӯдакон ба олами ҳайвоноту наботот ҳамин ҳиссро дар вуҷуди онҳо парвариш додан мехоҳад.

Барои мисол, дар шеъри зерин мухотаби қаҳрамони хурдакак мурғи хонагист, ки баъди гаштугузори озодона дар берун ба катак даромадан намехоҳад. Кӯдаке, ки масъули нигоҳубини ин мурғ аст, ӯро бо навозишу дӯстдорӣ ба катак раҳнамоӣ кардан мехоҳад. Дар ин хитобаи ӯ баробари ваъдаи дону об тарс додан аз беҳимоятӣ низ мушоҳида мешавад. Яъне, барои мурғ ягона ҷойи амну бехавф катаки маҳкам аст, вагарна ӯ аз чанги рӯбоҳ наҷот ёфта наметавонад:

Биё,биё, мурғакҷон,
Катак даро, мурғакҷон.

Нарав ту бар ҷои дур,
Донат партофтаам, хӯр.

Ҳоло ки зимистон аст, Агар ту гум кунӣ роҳ,
Хунукӣ ҳукмрон аст. Афтӣ ба чанги рӯбоҳ [4, с. 3].

Ба қавли мунаққиди пуркор Юсуф Акбарзод, «Диққати бачагонро бештар ҳайвоноту парандагон ба худ ҷалб менамоянд. Бинобар ин дар асарҳои бачагона парандагону ҳайвонот ба сифати инсон иштирок доранд ва амал мекунанд. Вале бо ин гапҳо масъала ҳал намешавад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки чунин асарҳо пур аз ҷӯшу хурӯш, шодию фараҳ ва самимият буда, хеле шавқовар, содаю кӯтоҳ ва ба доираи фаҳмиши бачагон мувофиқу мутобиқ бошанд» [29, с. 193].

Таҳқиқи шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ аз ин муқаррароту талаботи адабиёти кӯдакону наврасон огоҳ аст ва кӯшиш менамояд, ки шеъри ӯ ба табъу завқи хонандаи хурдсол мувофиқ бошад ва аксари вақт ин саъю кӯшишҳои ӯ ба мақсад мувофиқ сурат мегиранд. Барои мисол, дар яке аз шеърҳои кӯдаконаи ӯ, ки «Кабк» унвон дорад, мо натиҷаи ҳамин саъю кӯшиши муваффақонаро эҳсос менамоем. Шоир дар ин шеъри худ бо алфози содаву равон ва шевову дилнишин ин парандаи зебои кӯҳистони тоҷикро тавре тасвир намудааст, ки дилхоҳ хонандаи хурдсолро ба завқ меорад:

Мисли арӯси зебо Қақраи ширин дорӣ.
Худатро дода оро. Усмаи абрӯи ту,
Ҳай хуб мехиромӣ, Нигоҳи дилҷӯи ту
Марғуб мехиромӣ. Зебаки кӯҳсор аст,
Куртаи нақшин дорӣ, Шеъраки обдор аст [4, с. 15].

Тавре мушоҳида мешавад, Ғаффоралӣ Сафар саъю кӯшиш кардааст, ки шеърҳои бачагонааш содаю равон ва ба табъу завқи кӯдакон мувофиқ бошанд ва ба ин мақсади худ хеле хуб ноил низ гардидааст. Дар масъалаи тарзи баён умумияте байни ашъори шоир ва эҷодиёти шифоҳии мардум мушоҳида мешавад, вале ин хусусияти хоссаи эҷодиёти шоири мазкур набуда, тавре муҳаққиқони зиёде изҳори назар кардаанд [31; 36; 47; 70; 83; 85; 86; 97; 118 ...], ба осори аксари шоирони дирӯзу имрӯз хос аст.

Яке аз мавзуъҳои зиёд баррасишаванда дар шеърҳои бачагона, аз ҷумла шеъри бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар, тасвири фаслҳои сол аст. Чунки кӯдакон, ки аслан бо бозӣ сару кор доранд, ҳар як фаслро бесаброна ба хотири бозиҳои гуногун мунтазир мешаванд. Онҳо ҳам ҳар як фасли солро бо рамзҳои дилнишину дилпазир ва шӯру шавқи бозиҳояшон писандида, аз фарорасии онҳо шоду масрур мегарданд ва дигаронро низ ба шодии худ шарик кардан мехоҳанд. Барои мисол, зимистон яке аз фаслҳои дӯстдоштаи бачагону наврасон ба ҳисоб меравад, чунки бачаҳо дар ин фасл бозиҳои зиёде доранд, ки имкони бозидани онҳо дар дигар фаслҳо мавҷуд нест. Ҳамин муҳаббати бачаҳоро ба фасли зимистон Ғаффоралӣ Сафар чунин тасвир кардааст:

| | |
|---|---|
| Ана, боз омад | Гулдаста созам |
| Фасли зимистон, | Ман аз гули барф. |
| Шуд аз гули барф | Аз шодии он |
| Олам дурахшон. | Тозам ҳар тараф [4, с. 22]. |

Барф ба сари худ маводест, ки кӯдакон аз он бозичаҳои гуногун месозанд. Ба ҳамин хотир онро дӯст медоранд ва бориданашро бесаброна мунтазир мешаванд. Кӯдакон барфро аз дӯстдории зиёд ба ҳама чизҳои арзишманду зебое, ки медонанд, монанд мекунанд:

| | |
|---|---|
| Барфаки рахшон борид, | Бингар, ки чи коре шуд! – |
| Мисли дурру марворид. | Замин садафкорӣ шуд! [5, с. 24]. |

Вале на ҳама вақт фасли зимистон хушиву хурсандиро дар пай дорад. Агар хунукии қаҳратун бошад, ҳам бачагон аз имконияти бозӣ кардан маҳрум мешаванд ва ҳам аҳволи парандагону дигар ҳайвоноти хурди адирӣ хеле бад мешавад. Дар ин маврид ҳайвоноту парандагон ба ёрмандии инсон ниёзманданд, ба ҳамин хотир рӯйи ниёз ба сӯйи хонаҳои мардум меоранд, то онҳоро аз нобудӣ раҳоӣ бубахшанд. Мардуми оқилу ҳушёр ва таҷрибадор низ ин масъулияти худро дар назди табиату олами вуҳуш дарк менамоянд ва барои аз сармо эмин доштани парандагону ҳайвонот кӯшиш мекунанд. Қаҳрамони хурдсоли шеъри «Зимистон» бо додари худ Фарид ҳамин

масъулияти фарзанди инсонро дар назди дигар сокинони сайёра дарк менамоянд ва кӯшиш мекунанд, ки нисбат ба тақдири парандагони сармобурда бетараф набошанд, ба онҳо дону об диҳанд ва барояшон паноҳгоҳе созанд, ки аз хавфи сармо эмин бошанд:

Барфи лак-лакӣ борид,
Ҳама ҷо пур шуд аз барф.
Ба ҳавлиамон гунҷишк
Шуд қатор аз ҳар тараф.

Мани додарам Фарид
Дар коса дон гирифтем.
Барои гунҷишкакон,
Баҳри «меҳмон» гирифтем.

Бе дона монда онҳо,
Гуруснаву сарсонанд.
Аз гуруснагӣ поро
То дари хона монанд.

Хонача кардем аз чӯб,
Мондем дона он ҷо.
Гунҷишкакон дон хӯранд.
Шод шавад дили мо [4, с. 26].

Ба табиат ва мавҷудоти он бетафовут набудани кӯдаконро Неъматҷон Файзуллоев чунин шарҳ додааст: «Ҳар чизи зебо, ки дар табиат ҳаст, барои инсон ва ба хотири инсон офарида шудааст ва ҳастиву зиндагии инсон бидуни робита ва ҳамоғӯшӣ бо он асосу маънӣ надорад... Хусусан, кӯдакон, ки аз баду неки ҷаҳон, аз зиддиятҳо, аз амалу кирдори хайру шарр ва маънии ҳастиву нестӣ огаҳии тамом надоранд, ба ҳар чизе, ки дучор меоянд ё ба чашмашон метобаду мехӯрад, эҳтирому самимияту садоқат зоҳир мекунанд ва ҳама ҷондори рӯйи заминро ҳамроҳу тимсоли хеш эҳсос мекунанд. Вазифаву рисолати инсонии калонсолон – волидайну аҳли байт ва аҳли ҷомеа ин аст, ки ба насли наврас аз айёми туфулият нисбат ба ин ҳама олами зиндаву ғайризинда, ба ҳар чизи зебо, ки барои инсон халқ шудааст, ҳисси эҳтирому арҷгузорӣ бедор кунанд, нисбат ба он меҳру муҳаббат парвариш диҳанд» [121, с. 76-77].

Муҳаббати кӯдакон ба ҳайвоноти хонагӣ, бахусус сагу гурба, аз касе пӯшида нест. Аз ҷумла бачаҳо ба сагҳо алоқаи хосса доранд ва кӯшиш менамоянд, ки калонсолон ба онҳо сагчае тақдим кунанд ва онҳо дар тарбияи ин сагча саҳим бошанд. Саг барои онҳо минбаъд ҳамроҳу ҳамсафари хуб ва рафиқи маҳбубу вафодоре мешавад, ки дар ҳеҷ маврид онҳоро танҳо

намегузорад ва аз ҳама хавфу хатарҳо онҳоро нигаҳбон мешавад. Ҳамин ҳолате, ки гуфтем, дар шеъри бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар, ки «Хайбар» унвон дорад, тасвир гардидааст. Қаҳрамони хурдсоли шеър аз он ифтихор дорад, ки ӯ ҳатто дар шаби торик ба ҳар куҷо рафта метавонад ва аз чизе тарсу ҳарос надорад, чунки саги ӯ – Хайбар ҳамроҳу ҳамсафари ӯст:

| | |
|---|---|
| Шаби торик аст, аммо | Худам танҳо равонам, |
| Равам хонаи тағо. | Дар кӯчаҳо равонам. |
| Не ҳамсафар бобоям, | Аз чизе наметарсам, |
| Не ҳамсафар момоям. | Аз чизе намеларзам. |
| Не ҳамроҳам акоям, | Зеро ки Хайбари ман |
| Не ҳамроҳам укоям. | Меравад бар-бари ман [4, с. 10]. |

Маълум аст, ки аз ҳама фаслҳо дӯстдоштатарин барои бачаҳо фасли баҳор аст. Дар ин фасл бачаҳо аз бедор гардидани дигар мавҷудоти табиат ба шӯру шавқ омада, ба бозиҳои гуногун машғул мешаванд. Шоир дар мисоли тасвири шавқу шӯри яке аз унсурҳои табиат – бод бедоршавии табиатро хеле зебову гӯшнавоз ба қалам овардааст. Аз сайри олам баргаштани насими форам, коғазро печондану пӯфакро ғелондан, бӯйи қоқуву ҳулбуро овардани он ва дар охир рӯйи ҳавлиро руфта рафтани бод, дар ҳақиқат, рӯйдодҳои фараҳбахши пайдарпайе ҳастанд, ки аз шунидани онҳо кӯдакон ба завқу шавқ меоянд. Инчунин истифодаи ҳунармандонаи шоир аз санъати тарсеъ, ки қариб дар ҳар як байт мавқеъ дорад, шеъри мазкурро ҷолибу дилчасптар гардонидааст:

| | |
|---|---|
| Насими форам омад, | Бӯи ҳулбӯ овард ӯ. |
| Аз сайри олам омад. | Бигуфтамаш: - Марҳабо, |
| Коғазеро печонда, | Ба ҳавлии мо даро! |
| Пӯфакеро ғелонда. | Ҷавобе ногуфта рафт, |
| Бӯи қоқу овард ӯ, | Ҳавлимонро руфта рафт [4, с. 32]. |

Тавре ки устод Абдушукури Абдусаттор адабиёти кӯдаконро тавсиф кардааст: «... шеъри кӯдакону наврасон бояд дар баробари он ки ба онҳо забон омӯзонад, зеҳну завқи мусиқиашонро тақвият диҳад, ба онҳо зиндагӣ

омӯзад, дар бораи ҳодисаҳои муҳити атроф, олами ҳайвоноту наботот, парандагону хазандагон, касбу ҳунар, расму оин ва суннатҳои милливу мардумӣ ахбори маърифатӣ диҳад. Аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки барои он ки шеър маҳбубу марғуби кӯдакону наврасон буда тавонад, бояд дар баробари содагии алфозу равонии авзон дорои маълумоти маърифатӣ ва омӯзандагӣ низ бошад...» [28, с. 107].

Тавре мушоҳида мешавад, Ғафоралӣ Сафар низ ҳамин муқарраротро медонад ва кӯшиш менамояд, ки шеъри барои кӯдакон навиштаи ӯ ҳамаи ин аломату хусусиятҳоро дошта бошад.

Дар баробари дигар хусусиятҳо равонию сабуквазнӣ ва фасоҳати забонии шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар диққатҷалбкунанда аст. Ҳамин хусусиятҳо шеъри ӯро барои кӯдакони синну соли гуногун ҷолибу ҷозиб мегардонанд. Шоир хуб медонад, ки «забонро нағз надониста, онро ба ҳукму фармони худ надароварда, асари хуб, асари комил ва шоиста офаридан муҳол аст» [52, с. 5]. Инчунин лутфи зебои шоирона, ки дар ҳар як шеъри бачагонаи ӯ мушоҳида мешавад, ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Барои мисол, ба яке аз шеърҳои бачагонаи шоир, ки «Сухангӯ» ном дорад, таваҷҷуҳ менамоем:

Хоҳарчаи ман Лола,
Лолаҷони яксола
Дина сухандонӣ кард,
Дина суханронӣ кард.
Бобо шоду момо шод,
Додо шоду ако шод.
Аз забонаки Лола,
Лолаҷони яксола
Очаҷонам сухан гуфт,
Меҳрубонам сухан гуфт [5, с. 7].

Лутфи суханро аз ҷумлаи аносири доимии шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар донистан мумкин аст. Ӯ дар ҳар як шеъри барои кӯдакон, бахусус кӯдакони синни томактабӣ, эҷодкардаи худ кӯшиш менамояд, ки гуфтораш латифу дилписанд ва шевову равон бошад. Барои мисол, шеъри «Ширин набудааст»-и ӯро овардан мумкин аст. Шеъри мазкур дар баробари латофату салосати забон лутфи нозуки шоиронае дорад, ки ба олами кӯдакон махсус аст. Зудбоварӣ, ки махсуси табиати кӯдакон аст, дар ин шеър хеле зебову баҷо тасвир ёфта, дилхоҳ хонандаро ба завқ меорад:

Модарҷон, эй модарҷон,
Модарҷони меҳрубон.
Додарам ширин гуфтед,
Кулчаи қандин гуфтед.

Дина ӯро бӯсидам,
Бӯсидаму фаҳмидам:
Мисли кулчаи қандин
Набудааст ӯ ширин [5, с. 8].

Муҳаққиқони адабиёти бачагона борҳо қайд кардаанд, ки бозӣ дар зиндагии кӯдакон ва раванди дунёшиносии онҳо нақши хеле муҳим дорад. Аз ҷумла, нависандаи соҳибноми рус Максим Горкий чунин қайд кардааст: «Кӯдак бо ҳар чиз бозӣ мекунад ва олами ҳастиро, ки ӯро иҳота кардааст, пеш аз ҳама ва осонтар аз ҳама дар бозӣ ва ба воситаи бозӣ дарк менамояд... бо сухан ҳам бозӣ мекунад» [51, с. 13].

Ғаффоралӣ Сафар низ ҳамин хусусияти асосии табиату мизоҷи кӯдаконро медонад ва кӯшиш менамояд, ки шеъри бачагонаи ӯ аз доираи завқу ҷаҳонбинии кӯдакон берун набошад. Ҳамин аст, ки дар ҳар як шеъри барои кӯдакон навиштаи ӯ оҳанги бозӣ ҳукмрон аст. Барои мисол, дар шеъри зерин, ки «Шона» ном дорад, шоир фикри худро ошкору рӯирост нагуфта, бо сухан бозӣ мекунад. Сараввал сифатҳои гуногуни ин «шона» ва барои дигарон ноёбу дастнорас будани онро зикр карда, танҳо дар охир маълум менамояд, ки ин «шона»-и ноёб панҷаҳои навозишкори момоянд:

Шонае дорам,
Бисёр дилкаш.
Дар мағозаҳо
Наёбӣ мислаш.
Агарчи шахшӯл,
Тобад мулоим.

Вақти силааш
Хоб ояд доим.
Қадри шонаам
Аз ҳама болост.
Ин шонаи ман
Панҷаи момост [5, с. 10].

Дар шеъри «Лӯхтаки мо»-и Ғаффоралӣ Сафар ҳамин ҳисси суханбозӣ, як навъ бо муаммо баён кардани фикр ва бо оҳанги дӯстдориву навозиш сухан гуфтани шоир мушоҳида мешавад. Мушоҳида мешавад, ки шоир ҳисси муаммописандии кӯдаконро медонад, барои ҳамин фикрро яку якбора ва ошкор баён намекунад, балки як навъ онро тобдору печида ва ба чистон монанд пешниҳод менамояд.

Мазмуни шеър чунин аст, ки аҳли хонадони қаҳрамони лирикии шеър – хурду калон лӯхтакбозӣ мекунанд ва аз ин кори худ ҳаловат мебаранд. Барои хонандаи шеър ин ҳолат аҷиб метобад, ки наход тамоми аҳли оила, ҳатто калонсолон низ, чун кӯдакон лӯхтакбозӣ намоянд. Вале дар байти охир маълум мешавад, ки ин лӯхтак лӯхтаки муқаррарӣ нест, балки кӯдаки ширинрӯи хонадон, тифлаки хурдсол ва дӯстрӯест, ки барои ҳама азизу дӯстдоштанист ва ба ҳамин хотир ҳар як аъзои оила бо ӯ бозӣ карданро дӯст медоранд:

| | |
|---|---|
| Аҳли хонадони мо | Чӣ гуна лӯхтак аст ӯ, |
| Лӯхтакбозӣ мекунанд. | Медонӣ, дугонаҷон? |
| Бо лӯхтаки дасташон | Лӯхтаки хонаи мо – |
| Сарфарозӣ мекунанд. | Хоҳаракам Гулҷаҳон [4, с. 9]. |

Дар шеъри дигари Ғаффоралӣ Сафар, ки «Гӯшвора» ном дорад, мо ҳамин тарзи баёни фикрро мушоҳида менамоем. Қаҳрамони ин шеър саравлал гӯшвораи худро хеле тавсиф намуда, ба он сифатҳои «зебо», «якто», «чун марҷон ҷилодор» медиҳад ва танҳо дар охир ошкор мекунад, ки ин гӯшвораи таърифӣ, бемислу монанд ва ҳасадбарангез як хӯшаи олу будааст:

| | |
|---|---|
| Зебост гӯшвораам, | Кӣ овардаст, аз куҷо? |
| Яктост гӯшвораам. | Бобоям наовардаст, |
| Дар офтоби тобон | Момоям наовардаст. |
| Ҷило диҳад чу марҷон. | Ин гӯшвори зебо- |
| Медонӣ, гӯшвораро, | Хӯшаи олуи мо [5, с. 9]. |

Яке аз вижагиҳои шеъри бачагона хусусияти тасвирӣ доштани он аст. Яъне, ашё, ашхос, рӯйдод ва ё манзараи мавриди тасвири шоири бачагон бо муҳимтарин ва назаррастарин нишонаҳояш, ки барои бачагон низ ин нишонаҳо то ҷое маълум аст, тавсиф мешавад. Нависандае, ки барои кӯдакон эҷод мекунад, хуб медонад, ки барои кӯдакон тафсилоти барзиёд зимни нақл кардани рӯйдодҳо ва воқеаҳои пурмоҷаро писанд нест. Ба хотири ҳамин танҳо лаҳзаҳои мушаххас ва диққатҷалбкунандаи воқеаҳо дар шеъри кӯдакона нақл карда мешаванд.

Адабиётшинос С. Аҳмадов зимни баррасии ашъори бачагонаи Ғаффор Мирзо фикрҳои ҷолибе гуфтааст, ки ин фикрҳоро нисбат ба ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар низ гуфтан имкон дорад. Ба қавли ин муҳаққиқ, «Ғаффор Мирзо ба кӯдакон на ҳамчун одами калонсол, балки ҳамчун рафиқи ҳамсинну сол муроҷиат намуда, бо забону тарзи баёни хоси онҳо гап мезанад ва гӯё худи ӯ низ баробари кӯдакон аз рӯйдоди аҷибу ғариби нақлкардааш завқ мебарад. Шоир медонад, ки бачаҳо фалсафафурӯшӣ ва насиҳатгӯйии хушку холиро дӯст намедоранд ва бештар тасвири воқеаҳои гуногуни аҷоиб ва муболиғаангез онҳоро ба ваҷд меорад. Ба ҳамин хотир, ӯ дар ягон асари бачагонаи худ рафтореро ошкор маҳкум ва ё таҳсин намекунад, балки ҳаракат ва ё ҳолатеро тавре ҳикоя мекунад, ки худи хонандаву шунавандаи хурдсол ба осонӣ мақсади ӯро фаҳмида, аз воқеа хулоса баровarда метавонад» [37, с. 19].

Чунонки рассом бо тасвир намудани чеҳраи нафаре кӯшиш мекунад, ки симои ботинии қаҳрамони худро низ бо якчанд ишораҳои назаррас барои тамошобин кушояд, нависандаи бачагон низ ба василаи ҳамин ишораҳои кӯтоҳ бояд матлаб ва мақсади худро ба хонанда равшан карда тавонад. Маълум аст, ки ин муқаррароте, ки гуфтем, кори саҳлу сода нест ва аз эҷодкор маҳорат ва қудрати эҷодиро тақозо дорад. Таҳқиқи ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ дар ин маврид то андозае муваффақ аст ва тавони ба хонандаи хурдсол расонидани фикри худро дорад.

Шеъри «Деҳа»-и Ғаффоралӣ Сафар аз ҷумлаи шеърҳои тасвирии бачагона аст, ки дар он шоир манзараи деҳаро хеле дилнишину таъсиргузор тасвир кардааст. Аз рӯйи ин тасвир мо тимсоли деҳаеро мушоҳида менамоем, ки дар гирдогирди он дарахтони ар-ар монанди аскарон саф кашидаанд. Чашмаҳое, ки дар оғӯши ин деҳа ҷӯш мезананд, монои дили тапандаи деҳа ҳастанд, ки якҷо бо ташвишу тараддуди ҳаррӯзаи мардум зиндагонии деҳаро ойинадорӣ мекунанд. Аз дигар нишонаҳои ин деҳа лолаҳое ҳастанд, ки болои бомҳо оташпораҳоро мемонанд. Шабонгаҳ деҳа ба кӯдаке монанд аст, ки бо садои нарму дилнишин ва модаронаи ҷӯйи об ба хоб меравад:

Гирдогирди деҳи мо
Сафи дар саф ар-ар аст.
Истода дар ҳифзи деҳ
Ҳар яке чун аскар аст.
Ҷӯшиши чашмаҳояш
Чун қалби бедори ӯст.
Ташвиши мардумонаш
Гармии бозори ӯст.

Лолаҳои боми он
Чун лахчаҳои тар аст.
Чашми чароғҳояш
Чашмакии ахтар аст.
Шабона деҳаи мо
Монанди тифл хоб аст.
Аллагӯяш чу модар
Як ҷӯчаи пуроб аст [4, с. 3].

Тавре мушоҳида мешавад, аз ҷумлаи воситаҳои тасвири бадеие, ки дар шеъри боло мавқеи назаррас дорад, санъати ташбеҳ аст. Дар маҷмуъ, дар шеъри фавқуззикр ҳафт ташбеҳ мавҷуд аст, ки панҷтои онҳо ташбеҳи равшан ва дутои боқимондааш ташбеҳи пӯшидаанд. Дар чор ташбеҳи равшан вожаҳои «чун» ва шакли мухаффафи он «чу» ба ҳайси адоти ташбеҳ истифода шуда, дар як ташбеҳ калимаи «монанди» ёридиҳандаи монандӣ аст. Чизи дигаре, ки дар ташбеҳоти ин шеър ҷалби таваҷҷуҳ менамояд, барои кӯдакон фаҳмо ва даркшаванда будани онҳост. Барои мисол, кӯдакон шояд борҳо дар синамо аскарони паҳлуи ҳам сафкашидаро дида завқ бурда бошанд ва сафедорони бар ба бар қадкашидаро ба сафи аскарон монанд кардани шоир ба дарку фаҳм ва ҳам ба табъу завқи кӯдакон мувофиқ меояд.

Шеъри «Таблак» низ ба гурӯҳи шеърҳои тасвирии Ғаффоралӣ Сафар дохил мешавад. Дар ин шеъри бачагона низ табиати муаммописанди кӯдакон ба назар гирифта шудааст. Хонандаи хурдсол бо шунидани мисраву байтҳои аввали шеър гумон мекунад, ки сухан дар бораи таблаки муқаррарӣ меравад, вале тавре аз идомаи шеър маълуми ӯ мешавад, ин садои ба навозиши табл монанд, ки аз шуниданаш ҷону дил ҳузур мекунад, садои ба замин бархӯрдани қатраҳои борон аст:

Садои таблак ояд
Аз наздику дур.
Аз садояш мекунад
Ҷону дил ҳузур.

Таку туку таку тук
Овози таблак.
Боронаки баҳорӣ
Мезанад чӯбак [4, с. 6].

Шеъри «Шамолак» низ аз ҷумлаи шеърҳои дилнишини тасвирии Ғаффоралӣ Сафар мебошад. Дар ин шеъри бачагона шоир ба тасвири шамоли нарму навозишкори баҳорӣ пардохта, бо баёни якчанд аломати он ҳузуру ҳаловатбахшияшро барои инсонҳо таъкид кардааст. Аз ҷумлаи орояҳои адабие, ки дар ин шеър истифода шудаанд, тавсиф ва ҳам такрир аст, ки дар якҷоягӣ сабабгори фасоҳат ва равонию хушоҳангии шеъри мавриди назар гардидаанд:

Шамолаки навбаҳор,
Шамолаки беқарор.
Ҳур-ҳури ҳур мевазад,
Бо сад сурур мевазад.

Бо панҷаҳои гармаш,
Бо панҷаҳои нармаш.
Бар зулфи сабза шона
Ҳар дам занад шодона [4, с. 24].

Дар шеъри «Шодӣ» низ як манзараи зебои табиӣ тасвир гардидааст. Шеъри мазкур хеле кӯтоҳ буда, ҳамагӣ аз чор мисраъ иборат аст. Он як лавҳаи табииро дар бар мегирад, ки иборат аст аз вазидани шамол ва ҷунбидани шохаҳои дарахтон. Дар тасвири шоир шамолаки навбаҳор сарояндаест, ки садои дилнишинаш раққоса, яъне ниҳоли сафедорро ба рақс кардан водор мекунад:

Сурудаке мехонад
Шамолаки навбаҳор.

Чапак зада мерақсад
Ниҳолаки сафедор [4, с. 22].

Маълум аст, ки кӯдакон дар баробари дигар аносири зебои табиӣ ба гулҳо низ таваҷҷуҳи хосса доранд. Умуман, зебоӣ ва назаррабоӣ, инчунин бӯйи хушу дилкаши гулҳо диққати бачаҳоро хеле зуд ба худ машғул медорад. Ҳамин аст, ки кӯдакон чидани гул, тақдим кардани гул ва ҳамчунин туҳфа гирифтани гулро дӯст медоранд. Аз ҷумлаи гулҳои дӯстдоштаи бачаҳо гули лола аст, ки дар талу теппаҳои диёри азизи мо хеле зиёд вомехӯрад. Дар деҳоти кӯҳистон бошад, он биноҳое, ки боми гилӣ доранд, баҳорон пур аз гулҳои лола мешаванд. Азбаски ин гул бо қаду қомати зебо ва оростаи худ ба арӯс монанд аст, мардум онро «лолаарӯсак» низ меноманд.

Дар шеъри «Лолаарӯсак» Ғаффоралӣ Сафар ба тасвири ҳамин гули зебои табиат пардохтааст:

Бисёр зебост,
Шодии дилҳост.
Боби тамошост
Лолааpӯсак.
Сар-сари ёла,
Бар-бари ёла
Зарринпиёла
Лолааpӯсак.
Чеҳрааш хандон,
Куртааш алвон.
Мисли арӯсон
Лолааpӯсак [4, с. 30].

Дар шеъри «Дард куҷо шуд?» Ғаффоралӣ Сафар ба василаи лутфи зебои шоирона боз ба тавсифу ситоиши модар ва арзиши дӯстдориву меҳрубонии беназири ӯ пардохтааст. Сюжети ин шеър аз забони кӯдаке нақл карда мешавад, ки зимни бозиву бесарии бачагӣ аз мошини худсохти худ меафтад, дар натиҷа дасташ осеб мебинад. Ӯ барои даво ёфтан ба ҷойи дур дар суроғи духтур намеравад, балки давон ба назди модараш меояд ва дарди худро ба ӯ мегӯяд. Модар низ ба ӯ доруи таскинбахш медиҳад, вале ин дору чизи дигаре не, балки бӯсаест, ки модар ба ҷойи дардманди дасти писари худ мезанад ва якбора ӯро солиму бардам мегардонад.

Тавре мушоҳида мешавад, воқеаи ҳадафи тасвир он қадар аҷибу ғариб нест, балки рӯйдодест, ки мо дар зиндагии худ борҳо бо он рӯ ба рӯ шудаем, ҳатто дар кӯдакӣ шояд ҳамин гуна дардро таҳаммул карда бошем ва ҳамин гуна дору аз модари худ гирифта бошем. Вале, бо вуҷуди назарногирии рӯйдод шоири аз завқу ҳаваси кӯдакон огоҳ тавонистааст, ки ҳамин як воқеаи одиву муқаррариро ба як шеъри зебову таъсирбахш табдил диҳад:

«Мошин»-и худро рондам,
Ба ҳар тараф давондам.
Ногаҳ парӯ афтидам,
Дар лаби ҷӯ афтидам.
Дастакам каме хун шуд,
Медонӣ, ҳолам чун шуд?
Ба ҷои дур нарафтам,
Назди духтур нарафтам.
Модарҷонам муччӣ кард,
Надонам, куҷо шуд дард? [4, с. 5].

Шоирони аз табиату мизоҷи кӯдакон огоҳ медонанд, ки агар барои кӯдакон нақле кардан хоҳӣ, бояд ин нақл аҷибу мафтункунанда бошад ва шавқу завқи онҳоро таҳрик диҳад. Эҷодкори ҳунарманд метавонад, ки ин гуна рӯйдодҳоро аз ҳаёти худи бачаҳо мушоҳида карда, бо тарзу услуби ба худи бачаҳо писанд боз ба онҳо нақл кунад.

Дар ин навъи шеър барои ҷалб намудани диққати бачаҳо мисраву байтҳои аввал хеле муҳиманд ва агар шоир ба ҳамин нуктаи муҳим диққат надиҳад ва дар гуфтани оғози шеър номуваффақ бошад, кӯдакон ба хондан ва ё шунидани давоми шеър шавқманд намешаванд. Тавре мушоҳида мешавад, Ғаффоралӣ Сафар низ ин вижагиҳои шеъри бачагонаро хеле хуб медонад ва ҳамеша кӯшиш менамояд, ки шеъри ӯ аз нахустин мисраъҳо диққати хонандаи хурдсолро ҷалб намояд ва ӯро ба шунидани идомаи матлаб роғиб гардонад. Барои мисол, дар шеъри зерин, ки «Дорбоз» унвон дорад, мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем. Дар оғози шеър қаҳрамони шоир нақл менамояд, ки додари хурдсоли ӯ чун дорбозон дар рӯйи сим бемалол меравад. Дар ҳақиқат, барои кӯдакон шунидани ин фикр аҷиб аст ва онҳо идомаи шеърро шунидан мехоҳанд, то бифаҳманд, ки чӣ гуна додари хурдсоли қаҳрамони шеър ба ин кор муваффақ гардидааст. Яъне, ҳам ҳисси тааҷҷубу нобоварӣ ва ҳам шавқмандӣ ба донистани роҳи расидан ба ин муваффақият бачагонро ба шунидани идомаи шеър шавқманд мегардонад. Вале дар идомаи шеър маълум мегардад, ки додари қаҳрамон дар болои симе ҷасурона даву тоз мекунад, ки дар фазо кашида нашудааст, балки дар замин аст. Ин фаҳмиш хонандаи хурдсоли шеърро ба хандидан ва завқ бурдан моил мекунад:

| | |
|---|---|
| Додарам Салмон | На тарсу биме |
| Чун дорбозон | Ӯро аз ин аст. |
| Рӯ-рӯи симе | Зеро ки симаш |
| Меравад тозон. | Рӯи замин аст [4, с. 5]. |

Шеъри боло аз бисёр ҷиҳат ба шеъри бачагонаи Ғаффор Мирзо «Рустамро кӣ Рустам кард?» [13, с. 29] монанд аст.

Тасвири ҳаёти пуробу ранги бачагон аз мавзуоти асосии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар аст. Мо дар шеърҳои гуногуни бачагонаи шоир тасвири лавҳаҳои ин ҳаёти пурнишоту пуробу ранги кӯдаконро мушоҳида менамоем. Барои мисол, дар шеъри «Расм» шоир ҳолатеро тасвир кардааст, ки мувофиқи он духтараке бо гурбаи худ дар рӯйи коғаз расми ҳавзи пуроберо мушоҳида менамоянд, ки моҳиёни зиёде дар он шино доранд.

Духтарак аз тамошои ин манзара хеле хушҳол мешавад, вале гурбаи ӯ аз ин ҳолат рашк бурда, хостгори хӯрдани моҳиҳо мешавад:

Дар рӯи коғаз
Ҳавзи пуроб аст.
Моҳичаҳояш
Дар печутоб аст.
Хоҳаракам дид,
Гардид хурсанд.

Лекин ба гурба
Наомад писанд.
Гурбаи нодон:
«Мехӯрам!» - гӯён
Як ҳамла карду
Бишуд пушаймон [4, с. 6].

Ҳолате, ки дар шеъри боло тасвир ёфтааст, бо вуҷуди аҷоиб будан бо воқеият тавъам аст. Ҳар яки мо борҳо ин гуна ҳолатҳоро дар ҳаёти воқеӣ мушоҳида кардаем, ки ҳайвонот аз ҷумла сагу гурба чӣ гуна бо расму тасвири ашёҳо ҳамчун чизи ҷондор бозӣ мекунанд ва бо ин тасвирот ҳамчун рафиқ ва ё рақиб муносибат менамоянд.

Барои калонсолон рафтору гуфтор ва ҳар як ҳаракати кӯдакони хурдсол боиси завқ бурдан мегардад. Кӯдакон ниҳоят мушоҳидакору ҳамзамон таъсирпазиранд ва ба ҳар як ҳаракати калонсолон диққат дода, кӯшиши такрор намудани ин ҳаракотро менамоянд, новобаста аз он ки аз уҳдаи ин корҳо мебароянд ё не. Дар ибтидои умр тақлид аст, ки инсон бо такя бар он рафтору гуфтори муносибро ёд мегирад. Қаҳрамони шеъри зерини Ғаффоралӣ Сафар кӯдакест, ки афтону хезон роҳ рафтани ӯ атрофиёнро ба завқ меорад. Сабаби дуруст роҳ рафта натавонистани кӯдак ин аст, ки ӯ пойафзолҳои гуногунро дар пой кардааст ва тасаввур кунед, ки ин пойафзолҳо боз на аз худи кӯдак балки аз калонсолон бошанд. Ин саҳнаи завқоварест, ки ҳар яки мо шояд борҳо дар зиндагӣ бо он рӯ ба рӯ шуда бошем, вале боз ҳам такрор ба такрор аз ин саҳна завқ бурда метавонем. Дар шеъри «Тамошо» ҳамин ҳолат хеле хубу дилписанд тасвир шудааст:

Чун аз ҳавлӣ баромад
Додарчаи ман Сафо.
Афтону хезон мерафт,
Буд саҳнаи тамошо.

Хурду калон механдид,
Сафо ҳайрону хамӯш.
Дар як пои ӯ мӯза,
Дар як пои ӯ калӯш [4, с. 14].

Дар шеъри «Овоз» низ ҳамин гуна саҳнаи тамошобоб тасвир ёфтааст. Қаҳрамони ин шеъри бачагона Ҳодии хурдсол аз он меболад, ки нисбат ба ҳама бародарони бузургсоли худ қоматбаландтар аст. Сабаби ин қоматбаландии Ҳодӣ дар он аст, ки ӯ болои китфи бобо нишастааст:

Аз дарвозаи ҳавлӣ
Овози шодӣ омад. -
Овози додарчаи
Хурдиам Ҳодӣ омад:

- Ана бубин, акоҷон,
Аз ҳаматон болоям.
Нигаҳ кунам, нишастаст
Сари китфи бобоям [4, с. 21].

Ба ҳамин тартиб, ашъори барои кӯдакон эҷоднамудаи Ғаффоралӣ Сафар аз ҷумлаи осори арзишманди ӯ ба шумор рафта, маҳз ҳамин ашъор мавсуфро ҳамчун шоири хушсалиқае, ки ҳам барои калонсолон ва ҳам барои кӯдакон шеърҳои дилнишину муассир эҷод карда метавонад, муаррифӣ менамоянд. Шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар бо сабку услуби дилнишин гуфта шуда, хонандаи хурдсолро ба осонӣ ва ба зудӣ маҷзуб ва мафтуни худ гардонида метавонанд. Лутфи шоиронаи Ғаффоралӣ Сафар, ки дар ин навъ шеърҳои худ истифода мебарад, сабабгори фасоҳату назокати гуфтор ва дилнишину муассир гардидани ашъори ӯ шуда, хонандаи хурдсолро ба хондану шунидани ин шеърҳо моил месозад.

## 2.2. Ҷанбаи тарбиявӣ ва маърифатбахшии ашъори бачагонаи шоир

Маълум аст, ки мақсади дилхоҳ намояндаи адабиёти бачагона танҳо ба завқ овардани хонандагон ва болидаруху хурсанд намудани онҳо нест, балки мақсад ва ҳадафи асосии онҳо дар руҳияи ахлоқи неки инсонӣ тарбия намудани хурдсолон аст. Чунонки устод Раҷаб Амонов қайд кардаанд: «Адабиёти бачагона ба ҳамаи он талаботҳое, ки мо нисбат ба эҷодиёти баландсанъат ва пурмазмуни бадеӣ дорем, бояд пурра ҷавоб диҳад. Аз ин ҷиҳат, он аз адабиёти калонсолон қатъан фарқ намекунад. Бо вуҷуди ин, адабиёти бачагона хусусиятҳои хос дорад. Ба зиммаи он, пеш аз ҳама, вазифаи таълиму тарбия вогузошта мешавад, яъне адабиёти бачагона ҳам аҳамияти таълимӣ ва ҳам аҳамияти тарбиявӣ касб мекунад» [32, с. 21].

Ғаффоралӣ Сафар низ аз моҳияти таълимию тарбиявии адабиёти бачагона огоҳ аст ва ҳамин аст, ки дар ашъори бачагонаи худ масоили гуногуни ахлоқиро ба миён мегузорад ва ҳам то андозае ба кӯдакону наврасон нуктаҳои ибтидоии илму донишро омӯзондан мехоҳад.

Барои мисол, донистани қадру қимати неъматҳои бебаҳое, ки сабабгори зинда монанди инсонанд, аз ҷумла обу нон, аз ҷумлаи масоилест, ки дар шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар баррасӣ гардидаанд. Дар шеъри «Қадри нон» қаҳрамони ҳадафи тасвир бачаест, ки аз рӯйи таъкиди калонсолон қадру қимати нонро медонад ва ба ҳамин хотир дар зери по дидани онро намехоҳад. Ӯ аз момои худ шунидааст, ки касе қадри нонро намедонад, хору залил ва бечора хоҳад шуд. Маълум аст, ки нон дар маҷмуъ ифодагари тамоми неъматҳои моддист, ки қадршиносӣ аз онҳо эҳтироми ранҷу заҳмати калонсолон аст, ки дар омода кардани ин неъматҳо саҳм гузоштаанд. Яъне, ба василаи эҳтироми нон инчунин кӯдак ба қадри меҳнату заҳмат расиданро меомӯзад:

| | |
|---|---|
| Дар вақти бозӣ | Аз рӯйи замин |
| Бо ҷӯраҳоям | Чида гирифтам. |
| Дар қади кӯча | Ба гуфти момо |
| Дар пеши поям | Нонро кунӣ хор, |
| Нонрезаҳоро | Ба як бурда нон |
| Дида гирифтам, | Ту мешавӣ зор [4, с. 12]. |

Ғаффоралӣ Сафар зимни навиштани ашъори бачагона ба ҷанбаи тарбиявӣ доштани ин шеърҳо таваҷҷуҳи зиёд медиҳад ва кӯшиш менамояд, ки шеърҳои ӯ дар баробари моҳияти завқию зебописандӣ, ки хоси шеъри бачагона аст, моҳияти барҷастаи тарбиявӣ низ дошта бошанд. Ба ҳамин хотир ӯ дар ин навъ ашъори худ масъалаҳои гуногуни ахлоқиро ба миён мегузорад. Аз ҷумлаи ҳамин масоил арҷгузору сипосгузор будан ба аҳли заҳмат аст, ки рӯзирасони ҳама ба шумор меравaнд. Шоир мехоҳад, ки хонандаи хурдсоли шеърҳои ӯ қадрношиносу носипос набошад, балки ороста бо хислатҳои шоистаи инсонӣ ба воя расад. Дониста бошад, ки муҳайё намудани ризқу рӯзӣ ва зиндагии ором осуда он қадар саҳлу сода нест, балки меҳнату

заҳмати хастагинопазирро тақозо дорад, ки насли калонсол ба хотири фарзандони худ ба ин ранҷу заҳмат тан медиҳанд. Яъне, шоир «хурдсолонро аз дарк кардани одитарин мафҳумҳо ба фамидану дарк намудани мавзуъҳои нисбатан калон сафарбар менамояд» [46, с.103].

Барои мисол, дар шеъри «Гавҳар» шоир бо илтифоти писандидаи шоирона ба тавсифи гавҳаре мепардозад, ки гӯё гаронбаҳову арзишманд аст ва назири худро дар дунё надорад. Дар баробари ин гавҳар тамоми сангҳои қиматбаҳои дигар қадру манзалати худро аз даст медиҳанд, чунки он гавҳари одиву муқаррарӣ нест, балки гавҳари оби ҷабин аст, ки деҳқон барои муҳайё намудани ризқу рӯзии мо – инсонҳо ба замин мерезад:

Он гавҳари кӣ бошад
Ба хоки тира ғалтон?
Аз гавҳари ҳақиқӣ
Даҳчанд қимат аст он.

Он гавҳаре, ки гӯям
Муждаи обу нон аст,
Яъне ки қатраоби
Пешонаи деҳқон аст [4, с. 4].

Аз хурдӣ кӯдаконро дар руҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия кардан аз урфу одатҳои ҳамидаи ниёгони мост. Барои он ки кӯдакон ба муфтхӯрӣ ва туфайлихор будан одат накунанд, калонсолон фарзандонашонро дар хурдии онҳо ба навъҳои гуногуни меҳнати дастӣ ошно мекунанд. Гоҳо кӯшиш мекунанд, ки бо коре онҳоро шарики худ гардонанд. Барои мисол, ҳангоми сохтани чизе аз фарзандон хоҳиш мекунанд, ки як гӯшаи онро дошта истанд ва ба ҳамин васила худро дар кори падар шарик ҳисобанд. Ба ҳамин тартиб кӯдак аз кори кардаи худ сарфарозу масрур мегардад ва зимнан кайфияти бо заҳмати худ нон хӯрданро ҳосил мекунад. Вале дар ин миён ҳастанд кӯдаконе, ки аз нозбардории зиёдатии падару модар меҳнатбезору коргурез ба воя мерасанд. Қаҳрамони шеъри «Зӯр»-и Ғаффоралӣ Сафар ба гурӯҳи ҳамин гуна бачаҳои меҳнатбезор мансуб аст. Ӯ дар назди рафиқонаш худро зӯру тавоно нишон диҳад ҳам, аз кор кардан ва заҳмат кашидан метарсад:

- Ман зӯраму ман зӯрам,
Бо зӯриям машҳурам. -
Таъриф мекунад худро
Пеши бачагон Асо.

Вале Асоҷони мо,
Вале паҳлавони мо
Аз кор кардан тарсад,
Чун барги бедларзад [4, с. 27].

Маълум аст, ки шеъри боло хусусияти ҳаҷвӣ дошта, шоир ба василаи ҳаҷву масхараи Асо хонандаи хурдсоли худро аз хислати бади ӯ, яъне коргурезии ӯ барҳазар доштан хостааст. Забони кинояомези шеър низ барои хурдсолон фаҳмост ва кӯдакон ба осонӣ мақсаду мароми шоирро мефаҳманд ва дарк менамоянд, ки шоир ҳамчун насли калонсол меҳнатбезору туфайлихор тарбия ёфтани бачаҳоро намехоҳад. Ҳамин хусусияти адабиёти бадеиро ба назар гирифта, А. Сайфуллоев «ҳар як нависанда ба андозае педагог-тарбиятгар мебошад» [110, с. 61] гуфтааст.

Масъалаи дигари ахлоқие, ки дар шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар баррасӣ гардидааст, некукорӣ ва ёрӣ расондан ба дигарон мебошад, ки ин кирдори шоёни таҳсин миёни мардум бо истилоҳи «кори савоб» маъруф аст. Дар яке аз шеърҳои шоир, ки низ «Кори савоб» ном дорад, писарбачае бо дархости мӯйсафеди раҳгузар ба ӯ як коса об медиҳад ва туфайли ин кори худ шоду хуррам мегардад. Чунки ӯ аз калонсолон шунидааст, ки об додани як инсони ташна беҳтарин кор аст ва савоби бениҳоят дар пай дорад:

| | |
|---|---|
| Марди пире раҳгузар | Дар коса обаш додам, |
| Гуфто ба ман: Эй писар, | Аз кардаи худ шодам. |
| Ташнаам, обам биёр, | Ташнаеро диҳӣ об, |
| Беҳоламу бемадор. | Беҳтарин кори савоб [4, с. 10]. |

Маълум аст, ки калонсолон ба василаи тарғиби ҳамин гуна корҳои савоб аз кӯдакӣ фарзандони худро ба некукориву ҷавонмардӣ омӯхта кардан мехоҳанд. Натиҷаи ҳамин навъ тарбия аст, ки минбаъд дар ҷамъияти инсонӣ одамон ба ҳамдигар ба осонӣ созиш мекунанд ва дар ғаму шодии якдигар шарик мегарданд. Агар ҳамин навъ тарбия набошад, носозиву хушунатҳо дар ҷамъият зиёдтар рӯй медиҳанд ва дунё боз ҳам пурошӯбтар мегардад.

Ба қавли донишмандон, кӯдак ба монанди саҳифаи нонавиштаест, ки калонсолон имкон доранд дар он ҳар ҳарфе, ки дилашон мехоҳад, нақш кунанд. Яъне, агар хостгор бошанд, ки фарзанди онҳо дузду роҳзан ва ё мардумфиребу туфайлихор ба воя расад, онҳоро дар ҳамин руҳия тарбия мекунанд, вале агар баръакс некукору ҷавонмард ба воя расонидани

фарзандони худро мехоҳанд, ҳамин гуна амалҳои неку савобро ба онҳо меомӯзонанд.

Гоҳо шоир барои таъсирбахштар шудан масоили ахлоқиро дар қолаби тамсил баён менамояд. Ин тарзи ифодаи фикр, дар ҳақиқат, муассир ва диққатҷалбкунандатар аст, чунки бачаҳо шунидани афсона ва ҳар гуна нақлу ривояти ҷолибро дӯст медоранд. Ғаффоралӣ Сафар дар шеъри «Ғуки таърифӣ», ки дар асоси масали русӣ эҷод гардидааст, хислати худписандиро танқид кардан хостааст. Мувофиқи ин масал ғук аз хоб бархоста, ба сурудхонӣ ва васфу ситоиши худ медарояд. Ӯ худро аз ҳама зеботару олуфтатар ва донотару тавонотар тасвир менамояд, вале ин тавсифу ситоиши бепояи ғуки фурумоя ба лаклак ҳеҷ намефорад ва лаклак дар ивази рафтори норавои ғук ӯро фуру мебарад:

| | |
|---|---|
| Рӯзе баромад аз об | Хона лаби ҷӯ дорам, |
| Ғӯке, ки хест аз хоб. | Ҷомаи хушрӯ дорам. |
| Созу тарона сар кард, | Лаклак шунид овояш, |
| Гӯши ҳамаро кар кард. | Таърифи норавояш, |
| Вақ-ваққунон бигуфто: | Чанг заду ӯро бурд, |
| - Манам чӣ гуна зебо, | Ғӯки таърифиро хӯрд [4, с. 19]. |

Масъалаи ахлоқие, ки дар шеъри бачагонаи боло мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, танқиди хислати худписандӣ ва ғуруру манманист. Шоир гуфтан мехоҳад, ки шахси мағруру худписанд оқибат ба сазои аъмоли нохуби худ гирифтор мешавад, чунки дар худписандии ӯ дигарон коҳиш дидани иззати нафси худро мебинанд. Ба ҳамин хотир, инсон бояд хоксору фурутан бошад, то касеро нохост озурдаву хашмгин насозад.

Яке аз хислатҳои хуби инсонӣ, ки кӯдак бояд аз хурдӣ ба он одат кунад, камгӯӣ ва бо калонсолон муносибати самимӣ кардан аст. Дар маҷмуаи «Офтобаки қолинбоф»-и Ғаффорали Сафар ҳамин мазмун низ ба қолаби як шеъри зебои кӯдакона даровард шудааст. Қаҳрамони ин шеър кӯдакест, ки аз падару модар ва ё бобову бибии худ тарбияи хуб гирифтааст ва медонад, ки дар назди бузургсолон нишастан хуб аст, вале на барои фикри худро ба

онҳо талқин кардан, балки ба хотири шунидани суханони ҳикматомӯзи онҳо. Хомӯш нишастан дар ин гуна нишастҳо ба кӯдак имкон медиҳад, ки фурсати шунидан ва ҳазм карда тавонистани бисёр маълумотҳои даркориро дар бораи оламу одам дошта бошад. Табиист, ки ин шунидаҳо доираи ҷаҳонбинии кӯдаконро васеътар менамояд ва барои маърифатомӯзии онҳо ба ҳайси як зербиное хизмат карда метавонанд. Албатта, агар маҳфил маҳфили калонсолони бомаърифату оқил бошад. Аз мазмуни шеър низ маълум аст, ки шоир нишастан дар ҳама маҳфилҳои калонсолонро дар назар надорад, балки фақат ҳамон маҳфилҳое, ки дар он ҷо имкони шунидани фикрҳои оқилона ва маърифатбахш мавҷуд аст:

| | |
|---|---|
| Назди калонҳо, | Омӯзам сухан |
| Пеши меҳмонҳо | Аз дигарон ман. |
| Менишинам хап, | Хомӯшӣ авлост, |
| Намезанам гап. | Хомӯшӣ тиллост [4, с. 6]. |

Дар бораи ҷанбаи тарбиявӣ ва маърифатбахшии адабиёти кӯдакон муҳаққиқони зиёде изҳори назар кардаанд. Барои мисол, Н. Файзуллоев, ки дар бораи адабиёти бачагона ва вижагиҳои он таҳқиқоти судманде анҷом дода, як силсила асару мақолаҳои арзишманди илмӣ таълиф намудааст, дар ин бора чунин изҳори назар кардааст: «Яке аз муҳимтарин вижагиҳои ғоявию эстетикии назми муосири кӯдакон, ки ба вусъат гирифтани назару биниш ва донишу тафаккури хурдсолон мусоидат мекунад, пайваста қувват гирифтани асосҳои маърифатии шеър маҳсуб мегардад» [121, с. 245]. Ҳамин вижагие, ки аз ҷониби муҳаққиқи муҳтарам таъкид гардидааст, дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар низ хеле хуб мушоҳида мешавад. Яъне, Ғаффоралӣ Сафар низ хонандаи хурдсоли худро танҳо ба завқ овардан намехоҳад, балки дар қолаби шеъри латифи бачагона ба ӯ панди судманде доданист, ки дар тарбияи ахлоқии ӯ ба кор меояд. Бо он ки ӯ низ аз ошкор мазаммат кардани хулқу хӯи нохуби қаҳрамони хурдсоли худ иҷтиноб меварзад, аз баъзе ишораҳояш маълум аст, ки ӯ ин хислатҳои қаҳрамони худро хуш надорад ва хонандаи худро низ ба дурӣ ҷустан аз ин хасоис даъват кардан мехоҳад. Дар

шеъри «Одати бад» мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем. Қаҳрамони ин шеър Воҳидҷон хонандаи мактабест, ки ба дарсҳо ҷиддӣ таваҷҷуҳ намекунад, ба ҷойи дарси худро тайёр кардан ба ҳар кори дигар овора аст. Ба ҳамин хотир, яъне ба хотири он ки ӯ фаъолияти ҳаррӯзаи худро аз рӯйи нақшаи муайян ва дуруст ба роҳ монда наметавонад, ҳамеша корҳои ӯ нимкора ва нотайёр боқӣ мемонанд ва ҳар амале, ки ӯ анҷом медиҳад, бефоида ва бебаракат аст:

| | |
|---|---|
| Додари ман Воҳидҷон | Ҳама аз вай норизо, |
| Ҳар гоҳ аз мактаб ояд, | Кори ӯ нимкора аст. |
| Китобу дафтарашро | Гар накунад итоат |
| Ба ҳар ҷо мепартояд. | Шахсе ба реҷаи кор, |
| Дарсаш накарда тайёр, | Ҳисоби кораш гум аст |
| Ба ҳар кор овора аст. | Кораш надорад барор [4, с. 31]. |

Яке аз масъалаҳои муҳими ахлоқӣ, ки аз хурдӣ кӯдаконро ба он роғиб ва мутаваҷҷеҳ гардонидан лозим аст, тарғиби сулҳу дӯстист. Бояд кӯдакон аз хурдсолӣ чӣ будани сулҳу дӯстиро бидонанд, ба қадри он бирасанд ва моҳияту арзиши онро дониста бошанд. Аз падару модар ва дигар калонсолон шунида бошанд, ки бидуни сулҳу дӯстӣ ханда дар лабе гул намекунад ва ҳеҷ кас бидуни он худро орому осуда ва хушбахт ҳисобида наметавонад. Ба ҳамин хотир арҷгузорӣ аз сулҳ вазифаи ҳар як инсони солимфикр ва бофаросат аст. Кӯдакон низ бо пайгирӣ аз калонсолон сулҳу дӯстиро қадршиносӣ менамоянд ва кӯшиш мекунанд, ки дар давраҳои кӯдаконаи онҳо низ сулҳу дӯстӣ доимо барқарор ва пойдор бошад. Ба ҳамин тартиб, кӯдаконе, ки дар ин руҳия тарбия ёфтаанд, фардо кӯшиш мекунанд, ки ҳамеша сулҳу оромиро пойдор нигаҳ доранд ва аз ҷангу хушунат дур бошанд.

Бо дарназардошти ҳамин нуктаҳое, ки гуфтем, мавзуи сулҳу дӯстӣ ва тарғибу ташвиқи он аз мавзуъҳои ҳамешагӣ ва маълуму маъруфи адабиёти бачагонаи тоҷик аст ва ҳар як нависандаи бачагон кӯшиш кардааст, ки дар ин мавзуъ асарҳо ва ё асари алоҳидае гуфта бошад. Аз ҷумла Ғаффоралӣ

Сафар низ дар чанд шеъри бачагонаи худ ба баррасӣ ва ташвиқу тарғиби мавзуи мазкур машғул гардидааст. Барои мисол, дар шеъри «Кабӯтари ман» шоир кӯдакеро тасвир кардааст, ки дар рӯйи коғаз расми кабӯтареро мекашад, ки дар осмони софу беғубор озодона сайру гашт дорад. Дар ин расм инчунин одамони гуногунмиллату гуногуннажод низ тасвир ёфтаанд, ки ба парвози кабутар бо ҳавас нигоҳ карда истодаанд. Азбаски парвози озодонаи кабӯтар рамзи сулҳу осудагист, мардум бо шавқу ҳавас ва бо шодиву хурсандӣ ӯро тамошо мекунанд:

Рӯи коғаз кашидам
Як сурати кабӯтар.
Озод мепарад он
Аз болои кӯҳу ҷар.
Мардумони ҳар қитъа
Шоданд дида онро.
Чашми худро нагиранд
Аз кабӯтари зебо.
Аз чӣ кабӯтари ман
Маҳбуби одамон аст?
Кабӯтари сафедам
Рамзи сулҳи ҷаҳон аст [4, с. 24].

Ба мавзуи сулҳу дӯстӣ таваҷҷуҳ доштани Ғаффоралӣ Сафар аз ҳамин низ маълум мешавад, ки аввалин шеъри маҷмуаи «Офтобаки қолинбоф» маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шудааст. Шеъри мазкур «Сулҳ» ном дошта, як навъ хитобаест, ки аз забони кӯдакони дунё гуфта шудааст. Ин кӯдакон бо як овоз ҷангро маҳкум менамоянд, чунки аз забони калонсолон пайомад ва оқибатҳои нохуши онро шунидаанд. Онҳо пай мебаранд, ки бақову устувории зиндагӣ дар рӯйи сайёра аз сулҳу осоиш сахт вобастагӣ дорад. Ба ҳамин хотир ба ҷангҷӯён лаънату нафрини худро изҳор карда, шармандагиву беобрӯии онҳоро хостгор мешаванд, то дигар ягон касро гумроҳ карда, ба гирдоби ҷангу ҷӯш даровара натавонанд.

Аз рӯйи вазни нисбатан вазнини шеър маълум мешавад, ки он на барои кӯдакони хурдсол, балки барои бачаҳои нисбатан калонсолтар навишта шудааст. Мазмуни нисбатан оқилона ва дар пояи мантиқ устувори шеър низ ҳамин иддаои моро тасдиқ менамояд:

Сухан аз сулҳ меронам ҳамеша,
Суруд аз сулҳ мехонам ҳамеша.
Бинои муқтадири зиндагиро
Бақо аз сулҳ медонам ҳамеша.

Туро, эй ҷангӯ, шарманда бинам,
Миёни хоку хун афканда бинам.
Раҳатро тиратар аз шоми тира,
Таноби орзуят канда бинам.

Ба ҷуз осудагӣ фикре надорем,
Ба ҷуз сулҳу сафо зикре надорем.
Миёни чорсӯи зиндагонӣ
Ба роҳи дӯстӣ по мегузорем [4, с. 3].

Қисмате аз шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар ба тарбияи маърифатии кӯдакон бахшида шудаанд. Яъне, шоир зимни ин шеърҳо хостгори он аст, ки хонандаи хурдсоли худро ташвиқи хондану илм омӯхтан намояд ва мушоҳида мегадад, ки ин ғарази шоир иҷрошаванда ва қобили қабул аст. Ғаффоралӣ Сафар хуб медонад, ки «шоири бачаҳо аз фалсафафурӯшиву шиорпартоӣ дида, бояд зиёдтар ба рӯйдоди таъсирбахш ва пандомӯзи зиндагӣ рӯ орад ва хулосабарориву натиҷагириро аз ин ҳаводис ба худи бачаҳо ҳавола намояд» [79, с. 4].

Маълум аст, ки кӯдакон чун бори аввал ба мактаб ва ё боғчаи бачагон мераванд ва ба омӯхтани ҳарфу ҳиҷо машғул мешаванд, барои хубтар дар хотир гирифтани ҳарфҳо аз рӯйи шабоҳати зоҳирӣ онҳоро ба ҳар чиз монанд мекунанд. Барои мисол, қаҳрамони шеъри «Ҳарфи «А» чӯби заминченкуниро, ки низ аз ду поя иборат буда, ин пояҳоро чӯби дигаре ба

ҳам мепайвандад ва дар зоҳир ба ҳарфи «А» монанд аст, маҳз ба ҳамин ҳарф шабоҳат додааст. Ин шабоҳатсозӣ, агар аз як тараф сабабгори ханда гардад, аз тарафи дигар хушзеҳнии кӯдакро нишон медиҳад:

Ҳамроҳи модарҷонам
Дина рафтам ба саҳро
Ҳарфи шиносе дидам,
Қадам мемонд ҳар ҷо.

Ҳарфи шиносам чӣ буд
Медонед, эй бачагон?
Чӯби заминченкунӣ
Будааст «А»-и калон [4, с. 31].

Хулоса, шеърҳои барои кӯдакон эҷоднамудаи Ғаффоралӣ Сафар, дар баробари дигар ҷиҳатҳои аҳсане, ки доранд, аз моҳияти хеле хуби тарбиявию маърифатбахшӣ низ бархӯрдоранд. Шоир дар ин шеърҳои худ масъалаҳои гуногуни ахлоқиро ба миён гузошта, ба василаи тасвири оқибати аъмоли хубу бад хонандаи хурдсоли худро ташвиқ ба некукорӣ ва дурустрафторӣ кардааст.

## 2.3. Вижагиҳои шаклӣ ва мазмунии чистону тезгӯякҳои Ғаффоралӣ Сафар

Пӯшида нест, ки осори адабӣ, бахусус осори адабие, ки барои кӯдакон эҷод карда мешаванд, дар баробари моҳияти завқию зебописандӣ ва арзиши тарбиявию ахлоқӣ аҳамияти тақвияти зеҳну идрок ва инкишофи нутқро низ доро ҳастанд.

Аз ҷумлаи жанрҳои адабиёти кӯдакон, ки дар инкишофи зеҳну идроки онҳо нақши муносиб дорад, жанри чистон аст. Чистон аз жанрҳои маъмули адабиёти бачагона ба шумор меравад. Чистонгӯӣ ва чистонёбӣ як навъ бозии дилхушкунандаи зеҳнист, ки кӯдаконро ба андешидан водор мекунанд ва ба ҳамин васила ҳисси даррокӣ ва хушзеҳнии онҳоро тақвият мебахшанд. Тавре устод Р. Амонов қайд кардааст: «Дар ҳаёти маънавии бачагон чистонгӯӣ ва чистонёбӣ мавқеи калон дорад. Бисёр-бисёр чистонҳои ғалатӣ мавҷуданд, ки эҷодкунандагони онҳо одамони мушоҳидакор, нозукбин ва хушзеҳн будаанд, ба олам бо назари дақиқ чашм андохта, аниқтарин аломат ва хислатҳои

ҳодисаҳо ва предметҳоро муқаррар намудаанд. Ҳар як чистони хуб асари мукаммал аст, дар қолаби шеъри равону покиза ва ё насри мусаҷҷаи хушоҳанг эҷод гардидааст» [32, с. 21].

Ба ин хусусиятҳо ва аҳамиятҳои нисбат ба жанри чистон пешниҳодкардаи устод ҳаминро илова кардан лозим аст, ки чистон дар тарбияи зеҳну идроки бачаҳо нақши хеле муҳим мебозад. Яъне, дар баробари он ки чистонёбӣ машғулияти шавқовару хушоянди бачагон аст, он ҳисси хушзеҳниву даррокии кӯдаконро инкишоф медиҳад. Кӯдакон вақте ки ба василаи аломату хусусиятҳо аз пайи дарёфти номи чизе мешаванд, ҳисси диққат ва таваҷҷуҳи худро низ такмил медиҳанд. Бо дарназардошти ҳамин сифатҳо ва хусусиятҳои арзишманди чистон бисёре аз адибони бачагон кӯшиш кардаанд, ки барои бачаҳо чистонҳои наву тоза эҷод намоянд. Аз ҷумла як қисмат асарҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафарро низ чистонҳо ташкил медиҳанд, ки шоир онҳоро барои кӯдакони синну соли гуногун эҷод кардааст. Шоир дар пайравии чистонҳои мардумӣ чистонҳои ҷолибу мароқовар гуфта тавонистааст. Барои мисол, ба чистони зерин диққат медиҳем, ки ба номи қуттии гугирд гуфта шудааст:

Шаст додари бечора
Хобанд дар як гаҳвора [4, с. 35].

Ғаффоралӣ Сафар кӯшиш кардааст, ки чистонҳои ӯ бештар ба чизу рӯйдодҳои наву замонавӣ ва ба ҳаёти бачагони имрӯз дахлдор бахшида шуда бошанд, то ки кӯдакон дар ёфтани номи чизҳои мавриди назар ба мушкилӣ дучор нашаванд. Дар сурати баръакс, яъне нофаҳмо ва аз фаҳмиши кӯдакон дур будани ашёи ҳадафи тасвир шавқу ҳаваси онҳо дар ёфтани номи ин чизҳо аз байн меравад. Аз ин рӯ ӯ дар чистонҳои худ хеле зиёд калимаҳои барои кӯдакон фаҳмои ифодагари ин предметҳоро истифода мебарад. Барои мисол:

Чун вагонҳои қатор
Корашон бурдани бор.

(мӯрчаҳо)

Маълум аст, ки гуфтани чистон нисбат ба эҷоди дилхоҳ жанри дигари адабиёти бачагона душвортару заҳматталабтар аст. Чунки нависандаи чистонро мебояд сараввал ба муҳимтарин аломату хусусиятҳои ашёву рӯйдоди ҳадафи тасвир диққат диҳад ва баъдан ин вижагиҳоро дилкашу назаррабо баён намояд. Инчунин, зимни баёни ин вижагиҳо кӯшиш кунад, аз калимаву таркиботе истифода барад, ки ҳам хушоҳангу ба табъу завқи кӯдакон мувофиқ ва ҳам ба фаҳму дарки онҳо наздик бошанд. Мушоҳидаи чистонҳои Ғаффоралӣ Сафар муайян менамояд, ки ӯ дар ин масъала мушкил надорад ва метавонад предмети ҳадафи тасвирро хеле зебову диққатҷалбкунанда ва ҳамчунин ба воқеият наздик тасвир намояд, то кӯдакон зимни дарёфти ин чистонҳо зиёд ба мушкил рӯ бу рӯ нагарданд. Масалан, дар чистони зерин, ки ҷавобаш сӯзан аст, шоир ин ашёро тавре тасвир кардааст, ки дарёфти он барои кӯдакон мушкили зиёд ба бор намеорад:

Ҳамаро ӯ пӯшонад,
Худаш бараҳна монад [4, с. 37].

Як хусусияти вижаи чистонҳои мардумӣ ба ҳаёти ҳамарузии мардум иртиботи ногусастанӣ доштани аломату хусусиятҳои дар он зикршаванда мебошад. Муҳаққиқи адабиёти бачагон, шодравон Раҷаб Амонов чистонро ҳамчун жанри маъмули адабиёти гуфторӣ муаррифӣ намуда, дар бораи вижагиҳои он чунин гуфтааст: «Ҳар сифатеро, ки дар чистонҳои халқӣ тасвир ва ё ишора мешавад, бахубӣ тасаввур кардан мумкин аст, зеро он дар табиат, дар зиндагӣ, дар гирду атроф вуҷуд дорад. Осмон ва чизҳое, ки аз он ҷо ба назар мерасанд, замин ва бисёр чизҳое, ки дар рӯйи замин вуҷуд доранд, табиат, парандаю ҳашарот, растаниҳо, инсон ва узвҳои он, предметҳои рӯзгор, олами меҳнат, техника ва бисёр чизҳои мансуби маориф, маданият, илм мавзуи чистонҳо қарор гирифтаанд» [32, с. 25].

Ҳамин хусусиятҳоеро, ки гуфта шуданд, дар чистонҳои Ғаффоралӣ Сафар низ мушоҳида кардан мумкин аст. Маҳорати чистонгӯии Ғаффоралӣ Сафар боз дар ин зоҳир мешавад, ки ӯ дар баробари тасвири симову сурати

зоҳирии ашё ва ё ҳайвони пурсидашаванда хулқу хӯ ва ё вазифаву мавқеи ӯро низ баён карда метавонад. Барои исботи ин иддао чистони зеринро, ки дар бораи хорпушт аст, мисол овардан мумкин аст:

Сар то пояш пури хор,
Аммо худаш беозор [4, с. 37].

Чистони зерини Ғаффоралӣ Сафар низ ба чистонҳои мардумӣ хеле монанд аст ва ҳамзамон, бо воқеият рабти бевосита дорад. Чистони мавриди назар ба номи қайчӣ гуфта шудааст. Кӯдакон бо ин асбоб аз он ҷо ошноӣ доранд, ки борҳо дар дасти модари худ онро дидаанд ва аз вазифааш низ ба хубӣ огоҳанд. Ба ҳамин хотир, вақте ки бачаҳои хушзеҳнтар ин чистонро мешунаванд, пеш аз ҳама номи қайчӣ ба забонашон меояд:

Бедаҳону бедандон
Мебурад чақон-чақон [4, с. 37].

Барои собит намудани иртиботи қавии чистонҳои Ғаффоралӣ Сафар бо чистонҳои мардумӣ мисолҳои зерин низ, ки аз маҷмуаи «Офтобаки қолинбоф»-и шоир иқтибос шудаанд, далели хубе буда метавонанд:

Аз хӯрдани ҳама чиз
Надорад серӣ ҳаргиз.
*(Оташ)*

Беҷону безабон аст,
Дар хона посбон аст.
*(Қулф)*

Бо вуҷуди кору бор
Ҷои он паси девор.
*(Ҷорӯб)*

Маълум аст, ки кӯдакон нисбат ба калонсолон кунҷкобтару мушоҳидакортар мешаванд ва ҳама чизро донистан мехоҳанд. Шояд барои калонсолон, ки бештар пайи дарёфти ризқу рӯзии фарзандонанд, ҳама чизҳои гирду атроф муқаррарӣ ва якранг тобанд, вале муҳити атроф барои кӯдакон

рангорангу тамошокарданист. Онҳо ба ҳама чиз бо чашми диққат ва бо ниҳояти мушоҳидакорӣ менигаранд. Дар ин миён чизе, ки аз ҳама зиёдтар диққати кӯдаконро ба худ машғул медорад, осмон ва аҷроми осмонист. Ҳамин хусусияти бачаҳоро ба назар гирифта, Ғаффоралӣ Сафар иддае аз чистонҳои худро маҳз ба осмон ва аҷроми осмонӣ – офтобу моҳтоб ва ситораҳо бахшидааст. Барои мисол, чистони зерин ба номи осмон гуфта шудааст. Дар он муҳимтарин ва барои кӯдакон фаҳмотарин нишонаҳои осмон гуфта шудааст:

Рӯймоле дидам зебо,
Дорад ситорагулҳо.
Танҳо худаш пӯшонад
Рӯи ҳама ҷаҳонро [4, с. 37].

Ба чистони боло монанд чистони зерин низ ба осмон ва яке аз ҷирмҳои намоёни он моҳтоб вобаста аст. Тавре ки гуфтем, кӯдакон тамошо кардани осмон ва аҷроми осмониро дӯст медоранд ва дар ин миён моҳтоб ҷойи хоссаи худро дорад. Кӯдакон пур шудан ва холӣ гардидани моҳро шояд борҳо тамошо карда бошанд, ба ҳамин хотир бо шунидани чистони зерин ба зеҳнашон пеш аз ҳама исми маҳтоб мерасад:

Аввал чу дос бошад,
Пас гардад монанди нон.
Хоҳӣ, бигирӣ онро,
На ин бошаду на он [4, с. 37].

Чистони зерин низ ба номи маҳтоб гуфта шудааст, вале шоир дар ин чистони худ аломатҳои дар чистони пеш гуфтаашро такрор накардааст, балки боз барои маҳтоб аломатҳое овардааст, ки аз рӯйи онҳо кӯдакони хушзеҳну мушоҳидакор ба исми маҳтоб гуфта шудани чистони мазкурро ба осонӣ мефаҳманд:

Як лаълии заррин аст,
Ҷояш арши барин аст.
Шаб мебарояд, аммо
Равшангари замин аст [4, с. 38].

Пӯшида нест, ки гӯяндаи чистон бояд саъй намояд, предмети ҳадафи тасвири ӯ ба олами бачаҳо наздик бошад, то бачаҳо онро аз рӯйи аломатҳое, ки баён мегардад, шинохта тавонанд. Масалан, чистони зерин, ки ҷавобаш «туб» аст, махсуси дунёи бачаҳо ва як васила ва ё унсури бозии ҳаррӯзаи онҳост ва билфарз агар дар назди калонсолон гуфта мешуд, онҳо ба осонӣ ба фаҳму дарки моҳияти он намерафтанд, вале кӯдакон бо андаке диққат ба аломати зикргардида ҷавоби чистонро меёбанд:

Гарчи бегуноҳ
Бошад наздамон,
Лекин ҳар лаҳза
Шатта хӯрад он  [4, с. 36].

Чистони зерин низ ба номи тӯб гуфта шудааст ва тавре мушоҳида мешавад, шоир тавонистааст, ба василаи якчанд ишора муҳимтарин аломату хусусиятҳои ин асбоби бозии бачаҳоро баён намояд. Ба ҳамин хотир, дар ёфтани ҷавоби чистон бачаҳои зираку нуктафаҳм ба душворӣ рӯ ба рӯ намешаванд:

Бедаст асту бепо аст,
Хӯрокаш аз ҳаво аст.
Чу кафтари бозигар
Дар дасти бачаҳо аст [4, с. 38].

Ба қавли муҳаққиқи адабиёти бачагона Неъматҷон Файзуллоев, «Чистон, асосан, ба хотири сайқалу парвариш додани ақлу тафаккур, парвози баланду дури хаёлоти инсон, дақиқбинию адофаҳмӣ, дарки амиқи моҳиятҷӯёнаи чизу ашё, ҳодисаю воқеа, чашмандози фарроху дақиқ ва барои бетафовут набудан ба ҳар чизе, ки ба назари инсон мерасаду ба он иртибот

пайдо мекунад, гуфтаву навишта мешавад ва аҳамияти бузурги маърифативу маънавӣ, зеҳнию равонӣ ва ахлоқию эстетикӣ дорад» [121, с. 137-138].

Ҳамин муқаррароте, ки нисбат ба жанри чистон аз ҷониби Н. Файзуллоев баён шудааст, дар чистонҳои Ғаффоралӣ Сафар низ мушоҳида мешаванд. Ӯ низ кӯшиш менамояд, ки чистонҳои гуфтааш ҷолибу дилписанд бошанд ва ба табъу завқи бачаҳо мувофиқ оянд ва ҳамзамон, моҳияти маърифативу ҷаҳоншиносӣ дошта бошанд. Барои мисол, ба чистони мазкур диққат медиҳем, ки барои об гуфта шудааст. Шоир дар ин чистон аломатҳои зиёдеро, ки об дорад, баён намекунад, балки танҳо ду нишонаи асосии он: ду ҳарф доштан ва сабабгори сарсабзии дунё будани онро зикр мекунад. Маълум аст, ки аз рӯйи ҳамин ду нишона низ хонандаи зирак барои чи гуфта шудани чистонро дарк мекунад, чунки ҳатто кӯдак низ ба об вобаста будани ободии дунёро медонад ва агар кӯдаки чистонро шунида каме нобоварӣ дошта бошад, барои барҳам хӯрдани шакку гумони ками ӯ нишонаи дигар, ки ду ҳарф доштан аст, ёрӣ медиҳад:

Ду ҳарфу як ҷаҳон маънист онро,
Аз он сарсабзу хуррам рӯи дунё [4, с. 37].

Ҳамин хусусиятро мо дар чистони дигари Ғаффоралӣ Сафар, ки ба исми «хурӯс» гуфта шудааст, мебинем. Зимни гуфтани ин чистон низ шоир аз тафсилоти барзиёди аломату хусусиятҳои хурӯс сарфи назар кардааст ва танҳо назаррастарин аломатҳои онро, ки баландовоз будан, дар сар тоҷ доштан ва боғурур роҳ рафтан аст, баён кардааст:

Меравад овози ӯ то дури дур,
Дар сараш тоҷ асту дар гашташ ғурур [4, с. 37].

Касе, ки барои бачаҳои хурдсол чистон мегӯяд, бояд доираи муносибат ва равобити онҳоро бо муҳити атроф дар назар дошта бошад ва номи чизҳоеро пурсон шавад, ки кӯдак бо онҳо ва аломатҳояшон ошноии хуб дошта бошад. Мушоҳида ва таҳқиқи чистонҳои Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ ҳамин муқарротро хеле хуб медонист ва аз рӯйи он амал

мекард. Барои мисол, фароштурук, ки бо номҳои парасту ва достак низ шинохта мешавад, аз ҷумлаи парандагонест, ки бо одамон хеле наздик зиндагӣ мекунад, яъне маҳз дар сақфи айвону таги долони мардум лона мегузорад. Ба ҳамин хотир чистони зерини Ғаффоралӣ Сафарро кӯдаки зираку доно бо андак тааммул меёбад:

Дар сақфи айвон
Хонааш овезон [4, с. 28].

Бояд гуфт, ки дар осори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар, аз ҷумла дар чистонҳои ӯ, таъсири эҷодиёти шифоҳии мардум хеле хуб мушоҳида мешавад. Вале ин хусусият танҳо хосси асарҳои адиби мазкур набуда, ба осори аксари суханварон хос аст. Чунонки Воҳид Асрорӣ қайд намудааст: «Анъанаи муносибати адабиёт ва фолклор нисбат ба халқҳои дигари Осиёи Миёна дар тоҷикон хеле қадимӣ буда, ҳар нависандаи тоҷик аз вай бебаҳра намондааст» [35, с.169].

Тавре ки болотар низ ёдовар шудем, аксари чистонҳои Ғаффоралӣ Сафар ба ҳаёти бачаҳо иртиботи бевосита доранд. Барои мисол, дар фасли зимистон яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи бачаҳо сохтани Бобои барфӣ аст. Онҳо аз барф Бобои барфӣ сохта, дар гирди он мерақсанду бозӣ мекунанд ва бадеҳист, ки бо ҳама аломатҳояш ошноянд. Ба ҳамин хотир, бо шунидани ин чистони Ғаффоралӣ Сафар қисмати зиёди бачаҳо пай мебаранд, ки ҷавоби он «Бобои барфӣ» аст:

Бобо дорем аҷоиб,
Аҷоибу ғароиб.
Аз танҳоӣ натарсад,
Аз хунукӣ наларзад.
Лекин метарсад бобо
Аз офтоби доимо [4, с. 28].

Зимни гуфтани чистонҳо аз назари Ғаффоралӣ Сафар ҳаёти мактабии бачаҳо низ дур намондааст. Барои мисол, дар чистони зерин, ки ба номи

китоб гуфта шудааст, шоир дар баробари он ки зеҳну идроки хонандаву шунавандаи хурдсоли худро сайқал додан мехоҳад, бори дигар арзишу моҳияти китобро ба онҳо гӯшзад кардан мехоҳад:

Монанди ҳар муаллим
Касро медиҳад таълим [4, с. 28].

Ғаффоралӣ Сафар дар қисмате аз чистонҳои худ қасдан унсурҳоеро ҷо менамояд, ки ба ҳаёти мактабӣ ва маълумоти дар мактаб ҳосилнамудаи кӯдакон вобастаанд. Ба ҳамин васила ӯ донишу маълумоти хонандаи хурдсоли худро то андозае тақвият додан мехоҳад. Барои мисол, кӯдакон ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ дар бораи аломатҳои китобат маълумоти мухтасаре ҳосил менамоянд ва вазифаи ҳар як аломатро то ҷое медонанд. Шоир барои он ки ҳамин дониши кӯдаконро як андоза мустаҳкам намояд, барои аломатҳои китобат чистон гуфтааст. Аз ҷумла чистони зерин ба номи аломати нуқта гуфта шудааст:

Ҳар ҷо, ки ӯ ёбад мақом,
Он ҷо шавад ҳар гап тамом [4, с. 28].

Чистонеро, ки мо дар боло ба ҳайси намуна овардем, метавон шартан чистони таълимӣ номид, чунки онро муаллимони синфҳои ибтидоӣ метавонанд дар дарсҳои алоҳидаи худ ба хотири мустаҳкам кардани мавзуи дарсӣ истифода баранд.

Дар миёни чистонҳои Ғаффоралӣ Сафар чистонҳое кам нестанд, ки мувофиқ ба замони нав гуфта шудаанд ва дар онҳо исми чизе пурсида мешавад, ки танҳо дар даҳсолаҳои охир ба ҳаёти иҷтимоии мардум ворид гардидаанд. Барои мисол, дар чистони зерин шоир аз хонандаву шунавандаи худ исми ҳисобкунаки барқиро пурсидан мехоҳад. Дар назари аввал чунин метобад, ки гуфтани аломатҳои умдаи ин чиз ба тавре ки барои кӯдакон фаҳмо бошад, кори осон нест, вале шоир аз уҳдаи ҳалли ин мушкил ба осонӣ мебарояд. Шоир барои дарёфти номи ин асбоб се аломати асосии онро баён мекунад, ки кӯдакон аз рӯйи ин се аломат ба осонӣ набошад ҳам, бо андаке

диққат додан номи ин асбобро меёбанд. Ин аломатҳо иборатанд аз фақат ба ҳисоб машғул будан, қаламу китобро истифода набурдан ва ҳамеша бехато ҳисоб кардан:

Бе қаламу китоб аст,
Кораш фақат ҳисоб аст.
Дар ҳисобаш хато нест,
Кори ӯро баҳо нест [4, с. 38].

Муҳаққиқони адабиёти кӯдакон зимни муаррифии жанри чистон дар баробари баёни арзишмандии он дар тақвияти зеҳну идрок хусусияти тарбиявӣ доштани иддае аз онҳоро низ гӯшзад намудаанд. Аз ҷумла Н. Файзуллоев вобаста ба хусусияти мазкури жанри чистон чунин гуфтааст: «Чистон имрӯз дар адабиёти кӯдакони тоҷик на танҳо як воситаи асосии ба ҳаракат даровардани ақлу донишу савод, ҳофизаву зеҳн ва тахайюлу тафаккури инсонист, балки нирую воситаи муҳимми парвариши завқу салиқаи бадеӣ, зеҳну хотирот, ахлоқу одоби ҳамида ва, умуман, тарбияи маънавии кӯдакону наврасон гардидааст» [121, с. 141].

Мо ба ин иддаои муҳаққиқи муҳтарам ҳамовоз гардида, қайд менамоем, ки ба василаи таҳқиқу баррасии чистонҳои Ғаффоралӣ Сафар низ дурустии ин иддаоро собит намудан мумкин аст. Яъне, шоири мавриди назари мо зимни гуфтани чистон барои бачаҳо вазифаи тарбиявии осори адабиро низ фаромӯш накардааст ва саъй намудааст, ки дар чистонҳои алоҳидаи худ баробари парвариши неруи зеҳнии хонандаи хурдсоли худ дар тарбияи ахлоқии ӯ низ саҳмгузор бошад.

Яке аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, ки сабабгори рафоҳияту осудагии инсонҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ мегардад, ҳамраъйӣ ва ҳамкории онҳо дар зиндагист. Дар ин бора дар адабиёти бадеии мо шоҳбайтҳои зиёде гуфта шудаанд, ки ҳар яке ба ваҷҳи аҳсан моҳияти ваҳдату ягонагиро бозгӯ менамоянд. Ғаффорали Сафар ҳамин мазмунро на дар байти алоҳида, балки дар қолаби жанри чистон баён доштааст. Чистони мазкур ба номи ангуштон

гуфта шуда, дар он ангуштон ба панҷ бародари бо ҳамдигар мушфиқу меҳрубон монанд карда шудаанд, ки ҳамеша мададрасони якдигаранд ва дар якҷоягӣ аз иҷрои дилхоҳ кори мушкилу сангин ба осонӣ мебароянд:

Панҷ бародарон
Бо ҳам меҳрубон.
Дар иҷрои кор
Ҳозиранд аз ҷон [4, с. 38].

Мушоҳида мешавад, ки ғарази шоир аз эҷоди чистони боло танҳо тақвият бахшидани зеҳну идроки хонандаи хурдсоли худ нест, балки ӯ мехоҳад, хурдсолон арзишу моҳияти ваҳдату ягонагиро дарк намоянд ва донанд, ки инсонҳо танҳо дар якҷоягӣ аз уҳдаи осон намудани бисёр мушкилиҳо мебароянд ва барои худ зиндагии орому осуда ва серу пурро таъмин мекунанд.

Дар чистони дигари Ғаффоралӣ Сафар масъалаи дигари ахлоқӣ, ки ба масъалаи боло ҳамрангу ҳамоҳанг аст, яъне тарғиби сулҳу осоиш ба миён гузошта шудааст. Дар ин чистон шоир мехоҳад иброз намояд, ки вожаи «сулҳ» барои тамоми мардуми сайёра вожаи азизу дӯстдоштанист. Ҳеҷ кас ҷангу нооромиро намехоҳад, чунки ҷанг оқибатҳои касофатборе аз пай дорад ва танҳо вайрониву нобасомонӣ боқӣ мегузорад. Бо дарки ҳамин ҳолатҳо шояд хонандаи хурдсол, ки аз устодон ва ҳам аз бузургсолони оилаи худ борҳо моҳият ва арзиши сулҳу оромиро шунидааст, ҷавоби чистони зеринро ёбанд:

Ба ҳар намуди забон
Садои хуш дорад он [4, с. 39].

Қадршиносӣ ва арҷгузорӣ ба меҳнати дигарон аз ҷумлаи дигар масъалаҳои ахлоқист, ки дар чистонҳои алоҳидаи Ғаффоралӣ Сафар мо тарғиби онро мушоҳида менамоем. Барои мисол, чистони зерин ба номи пахта гуфта шудааст, вале шоир зимни эҷоди ин чистон ба аломатҳои зоҳирии пахта зиёд эътибор надода, диққати хонандаи худро бештар ба

заҳмати рӯёндани он ҷалб намудааст. Ба қавли ӯ, ҳар як шохаи пурбори ин растании арзишманд, ки  ҳосилаш чун ситора назаррабой мекунад, шаҳодат аз меҳнати тоқатфарсои кишоварзон медиҳад.

Шакли он чун ситора,
Қадраш мисоли нон аст.
Дар сари ҳар шохааш
Ранҷи дасти деҳқон аст [4, с. 39].

Дар баробари ин муваффақияту комёбиҳое, ки Ғаффоралӣ Сафар дар гуфтани чистон дорад, дар иддае аз чистонҳои ӯ заъфи таълиф низ мушоҳида мешавад. Яъне, шоир зимни гуфтани баъзе аз чистонҳои худ дар гуфтани муҳимтарин аломатҳои предмети пурсидашаванда муваффақ нагардидааст, барои ҳамин дарёфти номи он чиз барои хонандаву шунавандаи хурдсол осон нест. Барои мисол, чистони зерин, ки ба номи дарахту меваҳои он гуфта шудааст, зоҳиран айбе надорад ва бисёр равону дилнишин низ гуфта шудааст:

Дар оғӯши як модар
Ғунҷад дусад бародар [4, с. 40].

Вале агар дурусттар андеша намоем, чистони мазкур ба бисёр чизҳои дигар, ба тарви мисол ба осмону ситораҳо ва ё бо қуттии гугирд ва донаҳои он мувофиқтар менамояд. Ҳамин ҳолат, дарёфти чизи ҳадафи шоири чистонофарро барои бачаҳо душвор мегардонад.

Ба андешаи мо, чистонҳои зерин низ аз ҳамин қабил чистонҳоянд, ки дарёфти номи предмети ҳадафи тасвир дар онҳо душвор аст:

Лӯъбате дидам,
Аҷиби дунёст:
Тани ӯ якто,
Сари ӯ садтост.

*(Токи ангур)*

Марди мусофире аст,
Меравад бе дасту по.
Гарчи асрҳо ҷӯяд,
Наёбад хонаашро.

*(Офтоб)*

Даҳон надорад,
Забон надорад.
Медавад бо сар,
Фиғон надорад.

*(Сӯзан)*

Жанри дигари маъруф, ки дар осори Ғаффоралӣ Сафар мавқеъ дорад, жанри тезгӯяк аст. Тавре маълум аст, тезгӯяк низ махсуси дунёи бачаҳо буда, жанри махсуси адабиёти бачагона аст. Дар баробари он ки тезгӯяк моҳияти завқӣ-зебописандӣ дорад, онро барои варзиши нутқи бачаҳо истифода мебаранд. Аслан, тезгӯяк гуфтан як навъи бозии бачагона аст, ки миёни бачаҳо ҳамчун сабқат ва санҷидани варзидагии нутқи якдигар истифода мешавад. Кӯдакон аксари вақт ба тарзи инфиродӣ ва ё ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо шуда, ба ин бозӣ машғул мешаванд. Ғолиби бозӣ сазовори таҳсину офарин, вале мағлуб бошад ҳадафи мазоҳу масхара қарор дода мешавад. Аслан, асбоби ханда дар гуфтани ин жанр ҳамеша фароҳам аст, чунки калимаҳои маълумро ғалат талаффуз кардани иштироккунандаи ин бозӣ беихтиёр касро ба ханда водор мекунад. Сабаби душворталаффузии тезгӯяк дар он аст, ки офарандагони ин жанр қасдан калимаҳои наздикмахраҷро пайи ҳам меоранд, то ки талаффуз душвор шавад. Ба ҳайси намуна якчанд тезгӯяки Ғаффоралӣ Сафарро меорем:

Аз оби ҷӯйча сабз шавад тутча [4, с. 43].

***

Соҳиб сето сада шинонд,
Собир сито сурат гиронд [4, с. 43].

***

Як ҷӯй чорто ҷӯйча шуд,

Чорто ҷӯйча як ҷӯй шуд [4, с. 43].

Хулоса, Ғаффоралӣ Сафар дар баробари осори манзуму мансуре, ки барои калонсолон эҷод кардааст, барои хурдсолон низ як зумра осори гуногунжанри манзум офаридааст. Шеъру суруд ва чистону тезгӯякҳо аз ҷумлаи жанрҳое ҳастанд, ки шоир ба василаи онҳо афкори бадеии худро ба хонандаи хурдсоли худ иброз намудааст. Таҳқиқ дар осори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ дар ин самт шоири муваффақ буда, ашъори бачагонааш дар баробари моҳияти завқӣ-зебописандӣ аз аҳамияту арзиши тарбиявию таълимӣ низ бархӯрдоранд. Асарҳои бачагонаи шоир имрӯз низ моҳият ва арзиши худро аз даст надода, дар тарбияи насли даврони Истиқлолият нақши муайяне хоҳанд бозид.

# БОБИ 3. МАВҚЕИ ҲАҶВУ МУТОИБА ДАР ЭҶОДИЁТИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР

## 3.1. Осори мансури ҳаҷвӣ

### 3.1.1. Мутоиботи удабо

Як қисмати арзишманди осори адабии Ғаффоралӣ Сафарро асарҳои манзуму мансури ҳаҷвӣ ташкил медиҳанд. Мавсуф, бо эътирофи ноқидони сухан, аз ҷумлаи ҳаҷвнигорони то як андоза муваффақи даврони Истиқлолият аст, ки камбуду нуқсонҳои ҳаёти ҷамъиятии даврони моро дар либоси осори гуногунжанри ҳаҷвӣ баён менамояд. Чунончи Шералӣ Мусо соли 2006 дар маърузае, ки оид ба вазъи ҳаҷви тоҷик дар даврони Истиқлол карда буд, аз ҷумла чунин иброз доштанд: «... вазъи латифа, мутаассифона, он қадар хуб нест. Рост, ки дар ин жанр Додохон Эгамов, Имомназари Холназар, Ҳакималӣ Назаралӣ, Гурез Сафар, Ваҳҳоб Одина, Ҳикмат Неъмат, Ғаффоралӣ Сафар бозёфтҳо доранд. Онҳо қолаби анъанавии ин жанро ривоҷ дода, ба он мазмуну мундариҷаи тоза бахшиданд» [87, с. 2].

Осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар аз жанрҳои гуногуни манзуму мансур, амсоли латифа, масал, дар омади гап..., шеърҳои ҳаҷвӣ, эпиграммаҳо таркиб ёфтааст. Маълум аст, ки миёни ҳамаи ин жанрҳо жанри латифа мақоми хоссаи худро дорад ва бештари навиштаҳои ҳаҷвии нависанда маҳз ба ҳамин жанр тааллуқ доранд. Ғаффоралӣ Сафар як қисмати ин латифаҳои худро, ки ба лутфу хушгӯиҳои аҳли адаб мансубанд, «Мутоиботи удабо» ном ниҳодааст, ки бешак ҳикоёти ҷолибу дилнишине аз ҳаёти адибони Хатлонзаминанд. Ин ҳикоёти лутфомез дар баробари арзиши адабие, ки доранд, моҳияти таърихияшон низ кам нест, чунки то як андоза авзои адабии ин минтақаи Тоҷикистонро дар як давраи муайяни таърихӣ равшан менамоянд.

Зимни таҳқиқу пажӯҳиши рӯзгор ва осори Ғаффоралӣ Сафар ва суҳбат бо ҳамқаламону ҳамқадамони ӯ муайян гардид, ки мавсуф дар иртиботу ҳамбастагии адибони доираи адабии Хатлонзамин, бахусус водии Вахш,

накши муҳим ва назаррас доштааст. Баргузории мунтазам ва пайвастаи маҳфилҳои адибони ин доираи адабӣ низ дар ду даҳсолаи аввали асри XXI бештар бо ташаббус ва завқи маҳфилороии ӯ вобаста будааст. Ӯ дар ин давра ба ҳайси мушовири котиби масъули бахши хатлонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолият намуда, кӯшиш менамуд, ки байни аъзои ин доираи адабӣ иртиботи ҳамешагӣ барқарор бошад. Ҳамин аст, ки ҳафтае як бор дар шаҳри Қурғонтеппа (Бохтари имрӯза) маҳфили адибони вилоят баргузор мегардид ва имкон медод, ки адибони ин минтақа ҳамнаво бо Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ бошанд ва дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари худ нақше аз худ боқӣ гузоранд.

Тавре ҳамқаламони Ғаффоралӣ Сафар шаҳодат медиҳанд, ӯ шахси бениҳоят мушоҳидакор ва нозуксанҷ буд, дар баробари он ки аз нишасту суҳбатҳо завқ мебурд, баҳра бурданро низ аз ин маҳофил фаромӯш намекард. Яъне, ба хубӣ медонист, ки ҳар як нишасти аъзои маҳфил лаҳзаи таърихиест, ки барои ояндагон авзои адабии даврони ӯро рӯшан менамояд ва чуноне ки имрӯз мо ба баракати тазкираҳо ва асарҳои ёддоштии ниёгон дар бораи вазъи адабиёти бадеии асрҳои пешин огаҳӣ меёбем, дар оянда низ ихлосмандони адабиёт аз рӯйи навиштаҳои ёддоштии Ғаффоралӣ Сафар ва ҳамтоёни ӯ ба авзои адабии даврони ӯ баҳо хоҳанд дод.

Ғаффоралӣ Сафар дар ҳар як маъракаву маҳфили адибон лаҳзаҳои ҷолибу шавқангез ва суханони лутфомезро дар дафтари худ қайд мекард ва соли 2008 аз ҷумлаи ҳамин латоифи шоирон «Мутоиботи удабо» ном китобе ба нашр расонд. Бо вуҷуди он ки дар ин китоб дар баробари мутоиботи удабо латифаву масал ва дигар анвои жанрҳои ҳаҷвӣ низ мавқеъ доранд, вале қисмати асосии онро маҳз ҳикояҳои хурду ҳаҷвомезе, ки нависанда онҳоро ба ҳозирҷавобиву латофати гуфтори адибон бахшидааст, ташкил медиҳад.

Китоби мазкур дар баробари хусусияти ҳаҷвӣ доштан як навъ тазкираи адабиест, ки ба василаи он мо ба ҳаёт ва одоти намояндагони ҳавзаи адабии Вахшонзамин то як андоза огоҳ мешавем ва аз қобилияту ҳунари нигорандагии онҳо дарак меёбем. Барои мисол, латифаи зерин аз китоби

«Мутоиботи удабо», ки «Доира» унвон дорад, далели хубе барои исботи латофати табъи намояндагони ин доираи адабӣ буда метавонад:

«Ғаффоралӣ Сафар боре ба Озар гуфт:

*-Доиравор зиндагӣ бояд кард.*

*-Барои чӣ? – пурсид Озар.*

Ғаффоралӣ Сафар ба ҷои ҷавоб ин байтро хонд:

*Доиравор он кӣ дошт ду рӯй,*

*Ҳаст болои дастҳо дар тӯй.*

Озарро ин ҷавоби ӯ хуш наомад ва шеъри ӯро идома дод:

*Зоҳиран ҷойгоҳи ӯ хуб аст,*

*Лек дар қисматаш лату кӯб аст»* [6, с. 38].

Тавре аз мундариҷаи латифаи боло маълум мешавад, мақсади Ғаффоралӣ Сафар танҳо равшан намудани латофати табъ ва ҳунару истеъдоди шоирии худ ва ҳаммаслакони худ нест, балки дар пушти ин суханони лутфомез ҳикмате низ ниҳон аст. Маълум аст, ки байти гуфтаи Ғаффоралӣ Сафар як навъ киноя ва таъриз ба аҳли замон аст, ки бисёре аз онҳо ба хотири зиндагии хушу бароҳат дурӯягӣ ва назарфиребиро пеша кардаанд. Байти ҷавобияи Озар бошад, ҳамин кинояро равшантар мекунад ва оқибати одами дурӯяро бо тамсил баён мекунад. Ҳикмати латифа дар ин таъкиди шоирона аст, ки инсон бояд ҳамеша якрӯ ва сарбаланду росткор бошад ва ба хотири осудагии яклаҳзаина шаъну эътибори инсонии худро ба замин назанад.

Аслан, мутоиботи адибонро ба қалам овардан дар адабиёти бадеии мо собиқаи дерина дорад ва намунаҳои олии ин мутоиботро мо дар қисмати зиёде аз тазкираҳои маъруф низ мушоҳида менамоем. Инчунин адибони соҳибзавқу хушҳавсалае ба монанди Фахриддин Алии Сафӣ буданд, ки ин мутоиботро дар шакли китоб мураттаб кардаанд [21]. Ғаффоралӣ Сафар низ бо пайгирӣ аз бузургони гузашта ба ин иқдоми наҷиб даст зад ва онро хеле муваффақона ба иҷро расонид. Моҳияти ҳаҷвиёти ӯ на танҳо дар ин аст, ки ҳисси завқӣ-зебописандии хонандаро қонеъ мегардонанд, балки боз дар он

аст, ки ин навиштаҳои мутоибаомези нависанда авзои адабии як ҳавзаи адабии Тоҷикистони муосирро дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI то як андоза рӯшан менамояд. Қаҳрамонони латифаҳои шоир на шахсони тахайюлӣ, балки ҳамқаламони ӯ – шоирони ҳавзаи адабии Хатлонзамин мебошанд. Инчунин худи муаллиф аз чеҳраҳои намоёни ин латоиф аст.

Арзиши ин латоиф боз дар он аст, ки онҳоро метавон ба ҳайси як навъ нақди адабӣ, ки аз ҷониби як нафар намояндаи адабиёти давр ба шеъри шоирони замони худ карда мешавад, ҳисоб кард. Барои мисол, Озар, ки аз шоирони муваффақи имрӯзи тоҷик ва аз чеҳраҳои намоёни доираи адабии Хатлонзамин аст, аз қаҳрамонони марказии латоифи Ғаффоралӣ Сафар аст. Нависанда ба василаи овардани ин латоиф қудрати ҳозирҷавобӣ ва бадеҳагӯии Озарро бо мисолҳо исбот намудааст. Масалан, дар латифаи зерин, ки «Маҳорат» унвон гирифтааст, мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

*«Боре Хайрандеш аз шоирон Қурбоналӣ Раҷаб, Озар ва Бедори Мастчоҳӣ хоҳиш кард, ки бо баҳисобгирии вақт дар васфи чойнику собун шеър нависанд.*

Озар аз ҳама пеш, дар муддати се дақиқа, шеърро навишт:

*Нестам з-он касон, ки андар даҳр*
*Чирк ҷӯянд аз таги нохун.*
*Доғ аз қалби халқ мешӯям,*
*Чойниктабъаму сухансобун» [6, с. 4].*

Мушоира ва ё бадоҳатан шеър гуфтан аз ҷумлаи дилхушиҳоест, ки шоирони хуштабъу нуктасанҷ дар маҳфилу нишастҳои дӯстона ба он машғул мегардиданд. Ин амал агар, аз як тараф, боиси болидарӯҳии шунавандагону дӯстдорони адабиёт шавад, аз тарафи дигар, як навъ имтиҳони якдигарии шоирон аст, ки аз лутфи табъ ва зеҳни гирои ҳамдигар огоҳ шудан мехостанд. Дар «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар намунае чанд аз ин мушоираҳо оварда шудааст, ки метавон ба василаи онҳо дар маҷмуъ ба вазъи

доираи адабии Вахшонзамин дар даврони Истиқлолият ва маҳфилу нишастҳои пурбори онҳо огаҳӣ пайдо кард.

Маълум аст, ки шоирон табиатан зарифтабъ ва шӯхмизоҷ мешаванд ва шоирони доираи адабии Вахшонзамин низ аз ин давлати шоирона бенасиб набуданд. Вале шӯхиҳои шоирони зарифтабъ аз ҳазлу шӯхии мардуми муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки лутфи сухан дар онҳо зиёдтар буда, фикри ҳазломезе низ ба василаи кинояву афкори маҷозӣ хеле дилписанду муассир баён мегардад.

Тавре гуфтем, латифаҳои Ғаффоралӣ Сафарро як навъ нақди адабӣ низ метавон унвон кард. Барои мисол, дар латифаи зерин, ки «Ҷӯҷаи маънӣ» унвон дорад, роҳбари маҳфили шоирони доираи адабии Вахшонзамин Озар Салимиён камбуду нуқсони яке аз аъзои ин маҳфил – Ғиёсиро лутфомез баён кардааст:

«Ғиёсӣ аз нобарории корҳои эҷодияш афсӯс хӯрда, ин байтро ба аҳли маҳфил қироат кард:

*Умрам таи панҷоҳ шуду кай бадар ояд*

*Аз байзаи шеъру ғазалам ҷӯҷаи маънӣ.*

Ғаффоралӣ Сафар дар ҷавоби ӯ филфавр гуфт:

*Сад соли дигар ҳам ту агар шеър нависӣ,*

*Ҷуз ҷӯҷаи афсӯс аз он байза нарӯяд.*

Озар Ғиёсиро тасалло дода гуфт:

*Навмед машав, эй ки хурӯсӣ ба аломат,*

*Худ байзаи овардаи ту ҳаст кароматс»* [6, с. 5].

Хусусияти дигари латифаҳои Ғаффоралӣ Сафар дар он аст, ки худи шоир шоҳиди бевоситаи аксари воқеаҳои тасвиршаванда ва яке аз қаҳрамонҳои марказии ин латоиф аст. Яъне, воқеаҳое, ки шоир тасвир кардааст, бофтаи хаёл ва ё тасвири бадеии воқеият набуда, рӯйдоди воқеианд, ки дар як замону як макони муайян рӯй додаанд. Аз дигар вижагиҳои ҷолиби ин латоиф он аст, ки Ғаффоралӣ Сафар ҳатто аз нақли лаҳзаҳои хотирмоне, ки дӯстон ӯро мавриди ҳазли рафиқона қарор додаанд,

рӯ наметобад. Яъне, аз баёни камбуду нуқсонҳои худ низ ибо надорад ва онҳоро бо ҳисси дарки масъулият ба дигарон ошкор менамояд. Барои мисол, мо дар латифаи зерин ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

«Ғаффоралӣ Сафар аз Озар хоҳиш кард:

- *Барои ҳамин кулоҳе, ки ман нав харидаам, чизе бигӯй.*

Озар бадеҳатан гуфт:

*Ҳамчун нишони рӯзи сапеде, ки аз пай аст,*
*Мондаст шаб ба фарқи сараш тоҷ моҳро.*
*То аз сиёҳбахтии мо бохабар шаванд,*
*Бар сар ниҳодаем кулоҳи сиёҳро» [6, с. 7].*

Дар латифаи зерин низ, ки «Витамин дар пӯст» ном дорад, ҳозирҷавобӣ ва қудрату тавони лутфи зебои шоирона гуфтани Озар тасвир гардидааст. Латифа мушоира ва бадеҳагӯии ду шоир – Ғаффоралӣ Сафар ва Озарро дар бар мегирад. Бо он ки мазмуни латифа низ ҷолибу муассир аст, лутфи сухани Озар бештар ҷалби таваҷҷуҳ мекунад:

*«Шоирон Рустами Хомарахш, Ғаффоралӣ Сафар ва Озар дар зиёфати тӯе иштирок доштанд. Ҳангоме ки Озар бо корд бодирингро аз пӯст тоза мекард, Ғаффоралӣ Сафар барои он ки дигарҳо шоир буданашро фаҳманд, гуфт:*

*Ҳаст аз тибби куҳнаам дар ёд:*
*Витамин дар пӯчоқ ҳаст зиёд.*

Озар табақчаро бо пӯстҳои бодиринг назди Ғаффоралӣ гузошта, бо ханда гуфт:

*Мо хӯрем он чӣ ҳаст лоиқи мо,*
*Витамин бо пӯчоқ моли ту бод» [6, с. 18].*

Ифодаи «Ғаффоралӣ Сафар барои он ки дигарҳо шоир буданашро фаҳманд», ки оҳанги танқидӣ дорад, барои исботи ин иддао, ки шоир аз худтанқидӣ ҳазар надорад, мисоли хубест. Яъне, Ғаффоралӣ Сафар ғурури яклаҳзагии худро низ хуш надорад ва аз шоирон фурӯтаниву хоксориро хостгор аст.

Аз мутолиаи латифаҳои Ғаффоралӣ Сафар маълум мегардад, ки шоирони доираи адабии Вахшонзамин барои санҷидани табъу қариҳаи шоирии якдигар дар маҳфилҳои худ бадоҳатан шеър гуфтанро зиёд истифода мекардаанд. Ҳамин аст, ки бисёр ҳикояҳои «Мутоиботи удабо» аз бадеҳагӯии аъзои маҳфил иборатанд. Ҳамин усулро шоирони муваффақи доираи адабӣ барои санҷиши шоирони ҷавону навқалам низ зиёд истифода мекардаанд. Латифаи зерин намунаи ҳамин гуна санҷиши шоирони ҷавон аст:

*«Гурӯҳе аз рафиқон аз шоири ҷавон Шодмон Шеров гуфтани байтеро дар сифоти духтари париваше, ки аз назди онҳо мегузашт, хоҳиш карданд.*

Шоири ҷавон ба духтар синчакорона назаре афканду баъди муддате ин мисраъҳоро хонд:

*Аз тамошои ту ман, эй гул, ҳаловат мебарам,*
*Дида чашму рӯйи ту, бепул ҳаловат мебарам.*
*Донаи ишқат агар афтад ба марзи синаам,*
*Ман ба мисли хоки Мирзочул ҳаловат мебарам» [6, с. 29].*

Тавре ки гуфтем, Ғаффоралӣ Сафар ба андозае ба иқдоми пешгирифтаи худ, яъне ҷамъоварии мутоиботи удабо, содиқ аст, ки ҳангоми зикри лаҳзаҳои ҷолиби суҳбату мушоираи шоирон агар худаш низ мавриди изтеҳзо қарор гирифта бошад, онро бе ягон тағйироту дигаргунӣ нақл менамояд. Ҳамин аст, ки дар бисёре аз латоифи ин китоб мо худи ӯро ҳамчун тарафи мавриди ҳаҷв қароргирифта дармеёбем. Бо вуҷуди ин, ҳамаи ин ҳазлҳо як навъ хусусияти лутфомези шоирона дошта, аз муносибати самимии намояндагони ҳавзаи адабии Вахшонзамин дарак медиҳанд. Барои исботи ин иддао ба латифаи зерин таваҷҷуҳ намоед:

*«Боре Ғаффоралӣ Сафар мағрурона аз назди Озар гузашту бо ӯ дуруст вохӯрӣ накард. Ҳанӯз қадаме ба дур нарафта буд, ки ин байтро аз забони Озар шунид:*

*Эй вой, шамоли шеърҳои пучаш*
*Кардаст мисоли коҳи саҳро ҳучаш» [6, с. 25].*

Воқеаҳое, ки дар ин латоиф тасвир мешаванд, бо вуҷуди хандаовар ва нишотафзо буданашон дар даврони барои халқу давлати Тоҷикистон хеле душвор, яъне даврони ҷанги шаҳрвандӣ ва солҳои нисбатан душвори даврони барқарорсозии баъдиҷангӣ рӯй додаанд. Маълум аст, ки ҷанги шаҳрвандие, ки гузашт, ба ҳар як шаҳрванди Тоҷикистони азиз бетаъсир намонд ва дили тамоми мардуми солимақли ҷумҳурии азизи моро – чи зиёиву чи аҳли заҳмати дастӣ як муддати мадиде доғдор кард. Бо вуҷуди ин ҳар як минтақа ва мардуми ҳар як минтақа ин дарду ранҷро дар андозаҳои гуногун, яъне зиёдтар ва ё камтар қабул карданд. Медонем, ки қисмати зиёди рӯйдоди дар ин латифаҳо тасвиршаванда дар шаҳри Бохтари имрӯза, ки дар он давра бо номи Қӯрғонтеппа ёд мешуд, гузаштаанд. Ин минтақа бошад яке аз марказҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ ва вайронкориву бедодгариҳои дутарафа буд. Ҳамин аст, ки баръакси дигар мавзеъҳои Тоҷикистон, ки давоми як муддати нисбатан кӯтоҳ осори ҷангу нооромиро аз худ дур карданд, Бохтар то чанд сол натавонист, ки ин доғро аз худ шӯяд. Вазъи иҷтимоии минтақа низ то хеле сол нохубу душвор буд. Асари шуми ин душворii аҳволро мо дар пушти воқеаҳои хандаовари тасвиршаванда мушоҳида карда метавонем.

Як намунаи ҳамин ноҷуриҳои зиндагии минтақа аҳволи нохуби зиёиёни ин ҷо буд. Бо вуҷуди ҳама душвориҳои зиндагӣ намояндагони адабиёти Вахшонзамин ва аъзои фаъоли маҳфилҳои адабии ин минтақа кӯшиш мекарданд, ки ҳамеша чароғи илму адаб дар ин минтақа фурӯзон бошад. Ба ҳамин хотир дар ҳар мавриду ҳама ҳолат нишасту маҳфилҳои адабиро идома медоданд. Маълум аст, ки ин кор барои аҳли маҳофили адабӣ кори осон набуд, вале онҳо аз ин душвориҳо низ метавонистанд, ки бо лутфу хушгӯии зиндадилона берун оянд. Латифае, ки дар зер меорем, мисоли хубе барои ин гуфтаҳост:

«Хайрандеш ба аҳли маҳфил таъкид кард:

- *Ҳамаатон ба ҷашни Наврӯз, ки дар маҳаллаи мо баргузор мегардад, биёед, шеърхонӣ мекунем. Ман чун баранда ба ҳамаатон навбати сухан дода, масъалаи хӯрокатонро низ ҳал менамоям.*

Баёзӣ гуфт:

-*Ба ҷон, шумо – баранда, мо хӯранда» [6, с. 15].*

Дар «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар баробари ҳунари хушгӯиву зарофати адибони минтақаи Вахшонзамин то як андоза симову хислатҳои хоссаи баъзеи онҳо, ки барои дигарон аҷибанд, оварда мешавад. Барои мисол, шодравон Барот Саид, ки аз намояндагони куҳансоли доираи адабии Вахшонзамин ба шумор мерафт, дар миёни шуаро бо лутфҳои намакини худ машҳур буд. Ҳамқаламон аз ҳамин ҳунари устод истифода карда, ба хотири хушҳолӣ аз ӯ ҳар чизро мепурсиданд ва аз ҷавобҳои лутфомези ӯ лаззат мебурданд. Латифаи зерини Ғаффоралӣ Сафар баёнгари ҳамин иддаост:

«Шоири ҳаҷвнигор Ҳамроҳбеки Шариф бори аввал бо шоир Саид Барот дар чойхона шинос шуд. Саид Барот пурсид:

- *Шумо шоири ҳаҷвнигоред?*

- *Ҳа, аз куҷо донистед? – хурсанд шуд Ҳамроҳбек.*

Саид Барот гуфт:

- *Аз хунукрӯиятон» [6, с. 19].*

Латифаи зерин низ намунаи олие барои исботи зарифтабъии устоди зиндаёд Саид Барот аст:

*«Боре Ҳамроҳбеки Шариф аз Саид Барот, ки бо вуҷуди аз синни ҳафтод гузаштанаш кор мекард, ҳазломез пурсид:*

- *Устод, шумо фикри мурдан надоред?*

- *Не, - ҷавоб дод Саид Барот.*

- *Чаро?*

- *Марги шоир фоҷиаи миллат аст» [6, с. 5].*

Болотар ёдовар шудем, ки Ғаффоралӣ Сафар дар баробари машғул будан ба фаъолияти шоирӣ дар тарбияи навқаламони доираи адабӣ низ саҳм дошт ва бисёр маҷмуаҳои дастаҷамъиву алоҳидаи ҷавоншоирони хатлонӣ бо таҳрири ӯ ба нашр расидаанд. Ӯ дар ҳамин фаъолияти худ низ лаҳзаҳои ҷолибу хотирмонеро ёфта, ҳамчун латифа нақл кардааст. Мазмуни латифае,

ки дар поён овардан мехоҳем, аз муколамаи Ғаффоралӣ Сафар, яъне устод бо яке аз шогирдони навқаламаш иборат аст. Маълум аст, ки кор бо шоирони навқалам кори саҳлу сода нест ва аз устоди раҳнамо саъю кӯшиши зиёдеро тақозо дорад. Чунки навоқис дар эҷодиёти навқаламон хеле зиёд аст ва мебояд, ҳама ин навоқисро ба шогирд аён кард, то ӯ бори дигар ба чунин камбудиҳо роҳ надиҳад. Дар латифаи мазкур Ғаффоралӣ Сафар, пеш аз он ки ҳусну қубҳи навиштаи шогирдро нишон диҳад, аз ин навишта як хулосаи шоирона мебарорад, вале зиёдтар аз ин лутфи шогирд дилкаштар аст:

«Шоир Ғаффоралӣ Сафар баъд аз бо таҳаммул назар афкандан ба ашъори шогирдаш гуфт:

-*Шеърат мисли каду бемазза будааст.*

-*Аз бекорӣ кадукорӣ-дия, - гуфт шогирд» [6, с. 34].*

Дар «Мутоиботи удабо» ҳастанд латоифе, ки ба зиндагии худи адибон он қадар рабт надошта, дарбаргири масоили ҷиддии иҷтимоиянд. Аз ҷумлаи ҳамин масоил, ки мутаассифона, имрӯз низ мо намунаҳои онро дар ҳар қадам дида метавонем, маъсулиятношиносии баъзе аз роҳбарон аст. Барои ин гурӯҳ роҳбарон роҳбарӣ на иҷрои масъулиятҳои ҷиддии дар назди халқу давлат доштаашон, балки истифода бурдан аз имкони комронӣ кардан аст. Барои мисол дар латифаи зер, ки «Гап дигар, кор дигар» унвон дорад, сардори корхонае мавриди тамасхури адибон қарор мегирад, ки дар сухан аз тамоми масъулиятҳо огоҳ буданаш маълум аст, вале дар амал ӯ барои иҷрои ин масъулиятҳо ҳеҷ кӯшише намекунад:

*«Сардори корхонае аз телевизор оид ба нақшаю чорабиниҳои кораш гап мезад.*

- *Чи суханҳои хуб мегӯяд, - гуфт Ғаффоралӣ Сафар.*

Хайрандеш:

- *Суханҳои хуб мегӯяд, аммо кори хуб намекунад» [6, с. 24].*

Тавре ки гуфтем, қаҳрамони марказии аксари латоифи маҷмуаи «Мутоиботи удабо» худи Ғаффоралӣ Сафар аст. Вале ӯ аз ҷумлаи қаҳрамононест, ки ба мазаммати дигарон намепардозад, балки худ мавриди

ҳазлу шӯхии рафиқонаш қарор мегирад. Вале ин ҳазлу шӯхӣ ҳаргиз нишони беэҳтиромии ҳамқаламон нисбат ба шоир нест. Тавре ки гуфтем, Ғаффоралӣ Сафар тарбиягари аксари ҷавоншоирони доираи адабии Вахшонзамин буда, аз эҳтироми хоссаи адибони ин минтақа бархӯрдор аст. Танҳо ҳамин ки ӯ худ гуфтан ва шунидани лутфи шоиронаро дӯст медорад ва ба лутфи дар ҳаққи худаш гуфташуда низ, агар он дар ҳақиқат шоирона бошад, арҷ мегузорад. Дар латифаи зерин мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем. Лутфи сухан дар ин латифа ба василаи истифодаи маънии луғавии калимаи «озар», ки оташ аст, зоҳир гардидааст:

«Ғаффоралӣ Сафар дар мавриде гуфт:

- *Тарбияи мо пиронсолон дар ҷодаи шеър хеле душвор аст. Чунки Унсурӣ фармуда:*

*Чӯби тарро чунон ки хоҳӣ печ,*
*Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост.*

Ҳозирон хандида гуфтанд:

- *Акнун хуб дарк кардем, ки сабаби ҳамнишинии ту бо Озар дар чӣ будааст» [6, с. 36].*

Аз дигар намояндагони доираи адабии Хатлонзамин Шоири халқии Тоҷикистон Алимуҳаммад Муродӣ аст, ки солҳои зиёд ҳам дар зодгоҳи худ – ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва ҳам дар минтақаи Вахш тарбияи шоирони ҷавонро ба уҳда дошт. Тавре аз хотираҳои Ғаффоралӣ Сафар бармеояд, устод Муродӣ ба ӯ низ ҳаққи устодӣ дошта, дар таҳрири навиштаҳои манзуму мансураш ҳиммат гумоштааст. Устод Алимуҳаммад Муродӣ дар баробари шоири хеле хуб будан ба шуғли деҳқонӣ низ дилбастагӣ дорад. Ҳамин аст, ки шогирдони Муродӣ дар баробари аз ӯ ҳунари шоирӣ омӯхтан дар кори деҳқонияш низ ёрӣ медодаанд. Ғаффоралӣ Сафар ҳангоми дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зиндагӣ карданаш мунтазам дар маҳфилҳои адабие, ки дар хонаи Алимуҳаммад Муродӣ баргузор мегардиданд, ширкат меварзид ва навиштаҳои худро аз назари ӯ

мегузаронид. Дар латифаи зерин, ки «Туҳфаи Ғаффоралӣ» ном дорад, ҳамин ҳолат тасвир ёфтааст:

*«Рӯзе адибон Алихон Икромӣ ва Ислом Юсуфӣ дар замини устод Алимуҳаммад Муродӣ машғули кор буданд.*

Ислом Юсуфӣ пурсид:

- *Ғаффоралӣ дар таги каш чӣ туҳфае оварда бошад?*

Устод, ки ҳар рӯз аз шеърхонии Ғаффоралӣ ба ҷон расида буд, гуфт:

- *Дафтари шеърҳояш будагист» [6, с. 41].*

Нурмуҳаммад Сироҷӣ ва Қосимҷон Зарифӣ низ аз намояндагони хушқариҳаи доираи адабии Хатлонзаминанд, ки ҳоло дар пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе зиндагӣ мекунанд. Қосимҷон Зарифӣ аслан бо шеърҳои ҳаҷвии худ машҳур аст, ки аксари ин шеърҳо дар ҳавои эҷодиёти шифоҳии мардум ва бо лаҳҷаи мардуми Кӯлоб гуфта шудаанд. Мавсуф дар зиндагӣ низ марди зарофатгӯ ва латифтабъ аст ва дар нишасту маҳфилҳои дӯстона лутфҳои намакин мегӯяд. Латифаи зерини Ғаффоралӣ Сафар, ки «Говҷигар» ном дорад, намунае аз лутфҳои Қосимҷон Зарифӣ мебошад:

«Боре Нурмуҳаммад Сироҷӣ ба Қосимҷон Зарифӣ шикоят кард:

- *Ҷигарам касал аст, ба гуфтаи духтурон калон шудааст. Чӣ кор кунам?*

- *Боке не, - гуфт Қосимҷон. – Минбаъд шуморо шоири говҷигар мегӯянд» [6, с. 39].*

Ба ҳамин тартиб, маҷмуаи «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар дар баробари фарогири ҳазлу шӯхиҳои намакини адибон будан сарчашмаи хеле муҳимест, ки барои муаррифии доираи адабии Вахшонзамин мусоидат менамояд. Туфайли ин маҷмуа мо ҳам ба қисмати зиёди намояндагони ин доираи адабӣ шинос мешавем ва ҳам то андозае аз табъу завқу истеъдод ва хулқу одоти онҳо огоҳ мегардем. Аз латифаҳои Ғаффоралӣ Сафар маълум мешавад, ки доираи адабии Хатлонзамин дар даврони Истиқлолият намояндагони зиёде дошта, дар он баробари қаламкашони ҳирфаӣ, амсоли Барот Саид, Зариф Ибод, Ҳамроҳбеки Шариф, Хайрандеш, Рустами

Хомарахш, Озар, Офоқ, Усмон Билолӣ, Чӯпон Бадал, Саидҷаъфари Баёзӣ, Сафамуҳаммад Аҳмад, Исроил Иброҳим, Зайниддини Ҷомӣ, Кулолӣ даҳҳо қаламкашони ҷавон шомил будаанд, ки як зумраи онҳо имрӯз адибони баркамоланд. Инчунин аз мазмуни баъзе латифаҳо бармеояд, ки намояндагони дигар доираҳои адабӣ низ, амсоли Қурбоналӣ Раҷаб, Алимуҳаммад Муродӣ, Суруш, Мубашшири Акбарзод, Қосимҷон Зарифӣ, Нурмуҳаммад Сироҷӣ ва дигарон бо доираи адабии Вахшонзамин робитаи мустаҳкам дошта, сари чанд вақт дар маҳфили онон ширкат варзида, дар нақду баррасии навиштаҳои ашъори аъзои маҳфил ҳиммат мегумоштанд.

### 3.1.2. Латифаҳо

Латифа аз ҷумлаи жанрҳои маъмули адабиёти бадеист, ки дар баробари дигар хусусият ва арзишҳо қобилияти дар худ гунҷонидани нақди иҷтимоиро дорад. Яъне, нависандаи латифа ба василаи ин жанр метавонад афкори танқидии худро, ки ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ марбутанд, озодона баён намояд. Таҳқиқ дар осори бозмондаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки мавсуф дар гуфтани ин навъи адабӣ низ маҳорати хосса дорад ва бидуни шак, яке аз латифагӯёни мумтози даврони Истиқлолият ба шумор меравад.

Дар маҷмуаи «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар дар баробари мутоиботи удабо 260 латифаи нависанда ҷой ёфтаанд, ки дарбаргири воқеаҳои хурди хандаомезанд. Ин латифаҳо аксаран аз пурсу посуххое иборатанд, ки зимни онҳо камбуду нуқсони ҷамъиятӣ ва ё шахсие ошкор карда мешавад ва хонандаро дар баробари ханда ба андеша водор мекунад.

Устод Худоӣ Шарифзода дар «Назарияи наср» ном асари худ вижагии жанри латифаро ба таври зайл маънидод кардааст: «Дар латифа мунозираи ду нафар асоси шакл буда, ҳозирҷавобӣ ва тасдиқи назар натиҷаи он аст. Ҳамин асоси шаклии мунозара ва ба хотири тасдиқи назари худ мубоҳиса кардан асоси шаклии латифа мебошад» [147, с. 304].

Таҳқиқу баррасии латифаҳои Ғаффоралӣ Сафар низ нуктаи назари устодро тасдиқ менамоянд. Барои мисол, нависанда дар латифаи зерин, ки

«Шарм» ном дорад, ба бемасъулиятии масъулин ва кормандони корхонаи хизмати маишӣ ишора кардааст ва ҳамин ишора на ба таври нақли мураттаби воқеаи муайяне, балки дар рафти муколама аён мегардад:

«Шахси якум:

- *Барои чӣ раиси комбинати хизмати маишии ноҳияамон баъзе одамонро, ки бинад, рӯяшро ба дигар тараф мегардонад?*

Шахси дуюм:

- *Барои он ки ӯ аз пӯшокҳои дӯхтаи бесифати комбинаташ, ки дар тани он одамон мебинад, шарм медорад» [6, с. 45].*

Тавре мушоҳида мешавад, латифаи боло аслан назираест, ки ба яке аз латоифи машҳури «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ бахшида шудааст [11, с. 51]. Тавофут фақат дар ин аст, ки дар латифаи нависандаи бузург агар табиб аз мурдаҳои гӯристон, ки қисмати зиёдашон аз табобати нодурусти ӯ мурдаанд, шарм доштани худро изҳор намояд, қаҳрамони Ғаффоралӣ Сафар аз одамоне, ки либосҳои бадсифати комбинати ӯро дар бар кардаанд, рӯй пӯшидан мехоҳад.

Латифае, ки дар зер меорем, аз рӯйи мавзуъ ва мазмун ба латифаи фавқуззикр наздик аст. Дар ҳар ду латифа аз бемасъулиятӣ ва фориғболиву беҳавсалагии шахсиятҳои маснаднишин ва масъуле сухан меравад, ки дар иҷрои вазоифи худ масъулияти ҷиддиеро эҳсос намекунанд ва ҳамин сабаб мешавад, ки кори онҳо барои ҷамъият на манфиатовар, балки зиёновар мешавад. Тафовут танҳо дар интихоби қаҳрамонон аст, ки намояндаи касбу кори гуногунанд, яъне агар қаҳрамони латифаи боло директори комбинати хизмати маишӣ бошад, қаҳрамони латифаи зерин сардори ширкати сохтмонист. Латифаи мавриди таҳлил, ки «Мабодо наафтад» ном дорад, чунин аст:

«Аз сардори идораи сохтмоне пурсиданд:

- *Барои чӣ ягон бор ба кинотеатр намеравӣ?*

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

- *Азбаски онро идораи худаш сохтааст, метарсад, ки бом ба болояш наафтад» [6, с. 54].*

Тавре мушоҳида мешавад, мақсади нависанда аз латифаҳои болозикр хандондан ва хушҳол кардани хонанда нест, баръакс аз мазмуни ин латоиф ҳузни гӯяндаи он аён аст, ҳузни равшанфикре, ки зиёни масъулиятшинос набудани одамони касбу кори гуногунро ба ҳаёти иҷтимоӣ медонад ва мехоҳад, ки ин камбуди ҷиддии ҳаёти мо бебозгашт аз миён равад. Бахусус, дар замони мо, ки бо баҳонаи созгорӣ ба «иқтисоди бозаргонӣ» ҳама чиз танҳо аз нигоҳи манфиати шахсӣ баҳо дода мешавад ва ба сифату моҳияти кори анҷомёфта касе аҳаммияти ҷиддӣ намедиҳад, баёни ин нуқтаҳои заъфи ҳаёти имрӯз то ҷое дар бартараф кардани онҳо манфиатовар хоҳад буд. Ба қавли Носирҷон Маъсумӣ, «дар асарҳои ҳаҷвии тоҷик нуқсонҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёт, рафтору кирдори ношоистаи баъзе одамон, ақидаҳои куҳнапарастӣ ва динию хурофотии унсурҳои ҷудогонаи ҷамъият фош, танқид ва маҳкум карда мешаванд» [72, с. 64]. Дар бораи мавқеи ҳаҷв дар осори бадеӣ дар баъзе асарҳои дигари адабиётшиносон низ сухан рафтааст [34, с. 235-274; 114, с. 150-155; 142].

Азбаски касби асосии Ғаффоралӣ Сафар омӯзгорӣ буд, бештари латифаҳои ӯ низ ба ҳаёти хонандагону омӯзгорон бахшида шудаанд. Дар аксари ин латифаҳо танзи латифе мушоҳида мешавад, ки дар баробари хандондан хонандаро ба андеша кардан сари ислоҳи ин камбудиҳо водор мекунад. Масалан, дар латифаи зерин як камбудии ҷиддие, ки ба ҳисси масъулиятшиносии падару модарони хонандаҳои мактаб вобаста аст, баён гардидааст. Ин камбудӣ дар бетаваҷҷуҳии волидайн ба хонишу рафтори фарзандони мактабхонашон вобаста аст.

Қисмати зиёди падару модарон танҳо бо санҷидани рӯзномаи фарзандонашон қаноат карда, дониши онҳоро аёнӣ санҷидан намехоҳанд ва аз муаллимони дарсдиҳанда низ ҳолати сабақомӯзии фарзанди худро

намепурсанд. Ҳамин аст, ки хонандагон бо ҳар роҳ донишу давомоти воқеии худро аз онҳо пинҳон медоранд:

«Муаллим ба хонандае, ки «Ба рӯзномаам баҳои хуб гузоред»-гӯён илтиҷо мекард, гуфт:

- *Чаро дониш нею баҳои хуб талаб мекунӣ?*

Хонанда:

- *Зеро ки падарам баҳои дар рӯзнома гирифтаамро тафтиш мекунад» [6, с. 51].*

Дар маҷмуаи мавриди назар дар баробари латифаҳое, ки накди иҷтимоӣ доранд, инчунин ҳастанд латоифе, ки фақат барои хушҳол кардани хонанда эҷод гардидаанд. Дар ин гуна латифаҳо мо он накду танзи иҷтимоиеро, ки дар қисмати зиёди эҷодкардаҳои Ғаффоралӣ Сафар ба чашм мерасад, мушоҳида наменамоем. Қаҳрамони ин гуна латоиф аслан бо содалавҳӣ ва ё бо латофати гуфтори худ хонандаро хушҳолу болидаруҳ мегардонанд. Барои мисол, мо дар латифаи зерин ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

«Муаллим:

- *Фарз кардем, ки ту шаш дона себ дорӣ. Агар онҳоро ба ҷӯраҳоят Барот ва Ориф баробар тақсим карда диҳӣ, чандтогӣ мерасад?*

- *Дутогӣ.*

- *Барои чӣ?*

- *Барои он ки дутояшро худам мегирам» [6, с. 48].*

Тавре гуфтем, шуғли бисёрсолаи омӯзгорӣ сабаб гардидааст, ки нависанда аксари қаҳрамонони худро маҳз аз доираи мактабу маориф интихоб намояд. Барои нависанда ин муҳит муҳити худӣ ва ошност ва чунонки ӯ одамонро хуб мешиносад, аз хулқу хислати онҳо низ хуб огоҳӣ дорад. Бахусус, одатҳову хислатҳо ва майлу хоҳишҳои насли наврасро хуб медонад. Медонад, ки агар як зумра хонандагон ба мактабу китоб ва дарс гуфтани омӯзгорон таваҷҷуҳ дошта бошанд ва ба дарс бо шавқу ҳавас бо омодагии ҷиддӣ ҳозир шаванд, баръакси ин идда ҳастанд як ва ё якчанд хонандае, ки танҳо аз тарси падару модар ва сахтгирии калонсолон ба дарсҳо

ҳозир мешаванд. Дар асл бошад, таваҷҷуҳе ба мактабу дарсгӯйии омӯзгорон надоранд. Ҳамин бетаваҷҷуҳӣ онҳоро нодону бемаърифат мегардонад, ки ин ҳолат аз суҳбат бо онҳо ба зудӣ зоҳир мегардад. Ғаффоралӣ Сафар дар латифаҳои худ ҳамин гурӯҳ хонандагони нодону бемаърифатро мавриди ҳаҷву масхара қарор медиҳад. Латифаи зер намунае аз ҳамин навъ латифаҳост:

«Муаллими математика:

- *Дуи таги реша калон аст ё дуи берун аз реша?*

Талаба:

- *Дуи таги реша.*

Муаллим:

- *Чаро?*

Талаба:

- *Зеро ки решаро ба тори сараш бардошта истодааст» [6, с. 53].*

Латифаи зерин низ, ки бахшида ба ҳаёти мактабиён аст, ба латифаи боло монанд буда, аз нодонии хонандаи мактабе нақл мекунад, ки ҷавоби содалавҳонаи ӯ хонандаро ба ханда водор менамояд:

«- *Оид ба ҷумлаи умумишахс як мисол биёред, - гуфт муаллими забон ба талаба.*

- *Бегоҳӣ бо аҳли хонаамон дар як табақ ош хӯрдем» [6, с. 50].*

Дар латифаҳои ба ҳаёти мактабиён бахшидаи Ғаффоралӣ Сафар мазомини танқидӣ бо лутф баён гардидаанд. Нависанда қаҳрамонони манфии хурдсоли худро ҳеҷ гоҳ ба боди танқиду мазаммат намекашад, балки нуқсону камбудии онҳоро лутфомез баён мекунад. Дар бештари мавридҳо ин нуқсон низ на аз забони каси дигаре гуфта мешавад, балки аз ҷониби худи соҳибнуқсон эътироф мегардад. Барои мисол, латифаи зеринро намуна овардан мумкин аст, ки қаҳрамони мазамматшавандаи он дохилшавандаи мактаби олӣ аст. Вақте ки омӯзгори имтиҳонгир барои кам омодагӣ диданаш ӯро мазаммат мекунад, ӯ ҷавобе медиҳад, ки нодонии ӯро боз ҳам хубтар намоиш медиҳад:

*«- Саводат кам, хеле кам хондаӣ, - гуфт муаллими имтиҳонгиранда.*

*- Ин тавр нагӯед, муаллим. Ман дар мактаби миёна дар ҳар синф ду-сесолӣ хондаам,- ҷавоб дод дохилшаванда»* [6, с. 64].

Гоҳо ҳозирҷавобии хонандаи нодону ба раванди дарсҳо бетаваҷҷуҳ диққатҷалбкунандаву хандаовар аст. Ҳамин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки нависандаи мушоҳидакор барои латифа гуфтан бештар аз тахайюлу тафаккур кор намегирад, балки сужаҳои ҷолибро аз забони мардум, аз гуфтугузори ҳамарузии мардум дарёфт мекунад. Ҳунари нигорандагии ӯ, аз як тараф, ба маҳорати дарёфти ин матолиб вобаста бошад, аз тарафи дигар, дар ҳамин аст, ки онҳоро нависанда бо забони адабӣ, дилнишину ҷолиб нақл карда метавонад. Ба қавли муҳаққиқ С. Аҳмадов, «... дилхоҳ асари бадеӣ бо вуҷуди бо тахайюл ва тафаккури нависанда ороста буданаш бозгӯйи як навъ воқеиятест, ки бо зиндагии нависандааш иртиботи бевосита ва ё бавосита дорад. Яъне, мундариҷаи аксари осори адабиро ҳақиқати бо рамзу тамсил гуфташуда ташкил медиҳад. Агар аз рӯйи ҳамин фаҳмиш ба латифаҳои Ғаффоралӣ Сафар назар андозем, мушоҳида мегардад, ки мундариҷаи ин латоиф бо зиндагӣ ва фаъолияти ҳамарузии ӯ пайванди ногусастанӣ дорад» [38, с. 21].

Масалан, ба мазмуни латифаи зерин монанд воқеаҳоро дилхоҳ муаллим дар таҷрибаи кории худ дучор омада метавонад, чунки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагони зираку ҳозирҷавоб кам нестанд. Латифа «Китобдӯст» ном дошта, тавре аз мазмуни латифа маълум мешавад, калимаи зерин киноя аст ва ба маънои баръакси худ бояд фаҳмида шавад:

*«- Чаро вақти ба дарс ҷавоб додан чашм аз китоб намеканӣ?- пурсид муаллим.*

*- Чунки китобро дӯст медорам,- гуфт талаба»* [6, с. 64].

Тавре ки гуфтем, гуфтугузори қаҳрамонони ба донишомӯзӣ бетаваҷҷуҳ вале зираку ҳозирҷавоб беихтиёр хонандаи латифаҳои Ғаффоралӣ Сафарро хушҳол месозад. Яъне, агарчи кирдори онҳо боиси пайгирӣ ва тақлид нест, вале ҳозирҷавобӣ ва бамавқеъ сухан гуфтанашон диққати хонандагони

латифаро ба худ ҷалб мекунад. Барои исботи ин иддао латифаи зеринро, ки «Навашро мехарам» унвон дорад, мисол меорем. Латифа аз гуфтугӯи кӯтоҳи падару писари мактабхони ӯ иборат аст:

«Падар:

- *Рӯзномаат аз баҳои «2»-и бисёр бекора шудааст-ку, писарам?*

Писар:

- *Парво накунед, падарҷон. Боз навашро мехарам»* [6, с. 62].

Латифаи зерин низ мазмуни танқидии иҷтимоӣ надошта, аслан барои болидаруҳии хонанда гуфта шудааст. Мундариҷаи ин латифа гуфтугузори ду ҳамсояро дар бар мегирад, ки яке ба дигарӣ аз беназорат гузоштани говаш шикоят мекунад. Сабаби шикоят ҳамин аст, ки гови беназоратгузошта ба сарои ҳамсоя даромад, як қопча кунҷораро мехӯрад. Манзури ҳамсояи шикоятгар шояд дар он бошад, ки минбаъд ҳамсояи фориғбол ҷидди тар ба амволи худу ҳамсояҳо муносибат намояд, вале ҳамсояи содафеъл ва ё баръакс айёр, бо шӯхӣ вазъи баамаломадаро ба манфиати худ ҳал кардан мехоҳад:

*«- Ҳамсоя, имрӯз говатон як қопча кунҷораи дар сарой будаамонро хӯрд!*

- *Наход? Ин тавр бошад, ҳамсоя, имшаб ба вай хӯрок намедиҳам»* [6, с. 50].

Мумсикӣ ва хасосат аз ҷумлаи афъоли нописандест, ки дар аксари осори манзуму мансур танқид гардидааст. Дар осори ҳаҷвӣ низ ҳамин хислати нохуби инсонӣ борҳову борҳо мазаммат шуда, одамони дорои ин хислат мавриди ҳаҷву масхара қарор гирифтаанд. Дар маҷмуаи латоифи Ғаффоралӣ Сафар низ якчанд латифае ҳаст, ки маҳз дар танқиду мазаммати ҳамин хислат ва одамони дорои ин феъли нохуб гуфта шудаанд. Масалан, дар латифаи зерин, ки «Ҷомаи даҳсола» унвон дорад, нависанда ба ҳаҷву масхараи шахсе пардохтааст, ки аз рӯйи хасосат ҳақиқатро пинҳон медорад:

*«Мардум дар тани хасисе ҷомаи навро дида гуфтанд:*

- *Муборак шавад!*

Хасис аз дил гузаронид, ки мардум зиёфати ӯро интизоранд, гуфт:

- *Ин ҷома даҳ сол мешавад, ки бо ман аст.*

- *То ин вақт куҷо буд, ки мо надидем?*

- *Дар даруни сандуқ» [6, с. 48].*

Тавре ки мо дар ҳаёти ҳамарӯзӣ мушоҳида менамоем, барои як зумра роҳбарони ташкилоту корхонаҳо маҷлисгузаронӣ як навъ маъракаи нишон додани қудрату тавон ва нуфузу мақоми худ гардидааст. Ҳамин аст, ки ин зумра роҳбарон даркору нодаркор маҷлис мегузаронанд ва домани ин маҷлисҳоро чунон дароз мекунанд, ки ҳавсалаи дилхоҳ ширкаткунандаи пуртоқат низ пир мешавад. Ҳатто маҷлисҳои панҷдақиқаӣ, ки дар муассисаву ташкилотҳо қариб ҳар рӯз қабл аз оғози кор ва ё дар охири рӯзи корӣ гузаронида мешавад, бо майли хотири баъзе роҳбарони «маҷлисбоз» ба маҷлиси муҳимми чандсоатӣ мубаддал мегардад. Ҳамин аҳвол низ аз назари нависандаи зарифтабъ дур намондааст ва ӯ кӯшиш кардааст, ки ба василаи ҳаҷви нишонраси худ то ҷое дар ислоҳи ин аҳволи нописанд саҳм гузорад. Барои мисол, мундариҷаи латифаи зерин, ки «*Хӯрокаашонро мегиранд*» унвон дорад, ба тасвири ҳамин ҳолат бахшида шудааст:

*«- Афандӣ, чаро коркунон бо сумкаю тӯрхалтаҳои пур ба утоқи директор мераванд?*

*- Он ҷо маҷлиси панҷдақиқагӣ мешавад ва одатан иштирокчиён хӯрокаи пешину шомро бо худ мегиранд» [6, с. 53].*

Мазмуни латифаи зеринро низ тасвири ҳамин ҳолат дар бар мегирад. Латифаи мазкур «Сирри муштзанӣ» унвон дошта, ба монанди аксари латифаҳо муколамаи ду нафарро дар бар мегирад, ки яке ҳайронии худро аз ҳолате иброз менамояд ва дигарӣ бо посухи худ ин ҳайрати пурсандаро аз миён мебарад:

*«- Сардоратон дағалмуомилаи гузаро будааст, ба рӯи миз мушт зада сухан мекунад.*

*- Муштзании ӯ на аз рӯи дағалмуомилагӣ, балки барои парондани хоби сомеон аст» [6, с. 54].*

Тавре гуфтем, масъалаҳое, ки дар жанри латифа мавриди баррасӣ қарор мегиранд, аслан масоили гуногуни иҷтимоиянд, ки гӯяндагони латифа ин масоилро лутфомезу хандаовар тасвир кардаанд. Вале мақсади асосии онҳо хандондану ба завқ овардани мардум нест, балки, баръакс, қасди ниҳоии гӯяндагони латифа ба таври лутфомез ошкор намудани камбуду нуқсонҳои ҳаёти иҷтимоист.

Барои мисол, дар латифаи зерин ба таври умумӣ ва кинояомез як лавҳа аз ҳаёти мардум дар даврони, ба истилоҳ, бозсозиву ошкорбаёнӣ тасвир ёфтааст. Даврони мазкур аз нигоҳи қаҳрамони латифа аз замони пешин бо ҳамин фарқ мекунад, ки дар ин давра дуздону молимардумхӯрон бебоктар гардидаанд ва дигар барои пинҳон доштани ҷинояти худ саъю кӯшиш наменамоянд, балки нотарсона ошкор ба дуздиву ғорат машғул мешаванд ва аз ин кирдори худ бок надоранд:

«Касе аз Афандӣ пурсид:

-*Замони ошкорбаёнии имрӯза аз пешин чӣ фарқ дошта бошад?*

Афандӣ гуфт:

-*Фарқаш дар он аст, ки вақтҳои пеш ҳаққи мардумро ба таври пинҳон мехӯрданду ҳозир бошад ошкоро» [6, с. 77].*

Мутаассифона, агар мо як назаре ба қафо андозем ва аз авзои сиёсиву иҷтимоии даврони тасвиркардаи нависанда огоҳии бештар пайдо кардан хоҳем, дурустии иддаои қаҳрамони нависандаро то ҷое мушоҳида мекунем. Чунки маҳз дар ҳамон давра бо баҳонаи ошкорбаёниву бозсозӣ пояҳои давлати абарқудрати шуравӣ хеле заиф карда шуд ва маҳз ҳамин давра шароитро барои барҳам хӯрдани ин сохт муҳайё сохт.

Дар муҳити адабие, ки Ғаффоралӣ Сафар фаъолият менамуд, мисли ҳар як муҳити адабии дигар, дар баробари адибони воқеиву заҳматписанд буданд адибтарошоне, ки барои онҳо завқи хонандагон ва тақозои давру замон аҳамият ва арзише надорад. Бо вуҷуди он ки риояи пайванди адабиёти бадеӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ барои ҳар як суханваре ҳатмист, ин навъ «адибон» аз ин

иртибот ё огаҳӣ надоранд ва ё ба он арзише қоил нестанд. Қаҳрамони латифаи зерин ба гурӯҳи ҳамин навъ адибтарошон дохил мешавад:

«Нависандаи беҳунаре аз Афандӣ маслиҳат пурсид:

- *Қаҳрамони асарамро кушам ё накушам?*

Афандӣ ҷавоб дод:

- *Шавқи хонандагонро куштанатон бас набуд, ки боз одам мекушед?» [6, с. 48].*

Ба ҳамин тартиб, аз таҳлилу баррасии латоифи Ғаффоралӣ Сафар бармеояд, ки мавсуф яке аз ҳаҷвнигорони мумтози даврони Истиқлол буда, тавонистааст, ки ба василаи ин жанри адабӣ дар ошкор намудани камбуду нуқсонҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии мардуми даврони мо саҳмгузор бошад. Мақсад аз ошкор намудани ин навоқис танҳо хоҳиши хандидан ва мазаммат намудани сабабгорони ин норасоиҳо нест, балки ғарази асосии нависанда баёни зарурати ислоҳ намудан ва беҳбуд бахшидани ин навоқис аст.

### 3.1.3. Масалҳо

Дар маҷмуаи «Мутоиботи удабо» як зумра ҳикоёти ҳаҷвие ҷой доранд, ки нависанда онҳоро масал номидааст. Сабаби ин гуна номгузорӣ шудани ҳикояҳо дар он аст, ки персонажҳои ин ҳикоёт чизҳои ғайришахсанд, ки нависанда ба онҳо рафтору хислати инсонӣ додааст. Тавре медонем, тамсил низ як навъ баёни воқеияти ҳаёти инсонист, ки маҷозан ифода меёбад. Яъне, дар ин гуна ҳикояҳои ҳаҷвӣ низ нависанда аслан ба баёни нуқсону камбудиҳои ҳаёти иҷтимоӣ мепардозад, вале рӯйиросту ошкор не, балки ба василаи санъати тамсил. Масалро Юрий Бобоев чунин шарҳ додааст: «Масал (басня) яке аз машҳуртарин жанрҳои эпикӣ мебошад. Масал ба тариқи ривоят ё драмаи хурде, ки иштирокчиёни муайян дорад, сохта мешавад. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи масал ҳаҷвомезии он аст, ки одамро ба ханда меорад... Масал бояд дорои хусусиятҳои шӯхшангии одию зебо, дилороии табиии халқӣ, таъсирбахш ва пурмазмун бошад.

Масал ба воситаи маҷоз ё рамз гуфта шуда, идеяи муайян ва панду насиҳатро ифода менамояд. Рамз дар образҳои паррандагон, ҳайвонот, чизу ашё тасвир меёбад. Образҳои рамзӣ ҳам типҳои иҷтимоӣ ва ҳам тарафҳои маишии рӯзгорро таҷассум менамоянд» [45, с. 200].

Мундариҷаи масал аксаран ба таври баҳсу мунозира ифода меёбад. Барои мисол, дар тамсили зерин баҳси баргу реша оварда шудааст, ки тарафи иддаокунанда, яъне барг, ки дар шохаҳо назаррабоӣ мекунад, решаи ҳамеша дар зери хок ниҳонро таънаи беғайратӣ ва беҳамиятӣ мезанад, ки кӯшиши сар аз ниқоби хок берун карданро надорад. Ҷавоби реша низ барои барг мулзамкунанда аст, ки агар ӯ сар аз ниқоби хок берун кардан мехост, лобуд баргу шохаҳо хушку нобуд мегардиданд:

«Барг ба реша таъна зад:

- *Пир шудию аз хок берун наомадӣ.*

- *Агар ман аз хок берун меомадам, ту кайҳо дар хок мешудӣ,- фаҳмонд Реша»* [6, с. 99].

Маълум аст, ки нависанда дар ин муколама як саҳнаи нохушояндаи ҳаёти ҷамъиятиро тасвир кардааст, ки мувофиқи он як зумра одамон содиқонаву софдилона заҳмат мекашанд, то дигарон бо хушиву рафоҳият зиндагӣ кунанд. Вале бо ин ҳама меҳнату заҳмат нақши онҳо дар чашми умум нопадидор аст ва баръакс зумраи дигари туфайлихор худнамоиву назаррабоӣ мекунанд ва заҳмати валинеъматони худро ҳеҷ арзише қоил нестанд.

Ҳамин мазмунро, ки гуфтем, нависандаи хушсалиқа дар либоси рамзу тамсил хеле дилнишину таъсиргузор пешкаш кардааст.

Донишманди эронӣ Маҳмуди Футуҳӣ дар асари худ - «Балоғати тасвир» бо такя ба афкори адабии донишмандони аврупоӣ тамсилро чунин таъриф кардааст: «Ҳикояти кӯтоҳ, ки ашхос ва аносири он ғолибан аз ҳайвонот ҳастанд ва ба қасди баёни як омӯзаи ахлоқӣ ё таҷрибаи инсонӣ баён мешавад. Ин навъ тамсил дар забонҳои аврупоӣ «фобил» номида мешавад. Фобил қиссаи сода ва кӯтоҳе аст, ки ашхоси он маъмулан ҳаявон ҳастанд.

Ҳадаф аз он омӯзиши як асли ахлоқӣ ё таълими ҳақиқате маънавӣ аст, гоҳо истилоҳи «фобил» ба қиссаҳои муртабит бо падидаҳои табиӣ ва ё ҳаводиси ғайримаъмулу афсонаҳо ва устураҳои ҷаҳонӣ ва достонҳои дурӯғин низ итлоқ мешавад.

Вазъияти тахайюлӣ ва ҳаводисе, ки дар ривоёт рӯй медиҳанд, дар олами воқеъ вуҷуд надоранд. Аммо нуқтаи ахлоқии он умдатан ба масоили дунявӣ ва моддӣ марбут аст. Фобилҳо ғолибан кӯтоҳ ва содаанд ва ҳайвоноте, ки дар онҳо нақш ифода мекунанд, амалан инсонанд ва рафтору кирдорашон комилан инсонӣ аст. Умдатарин унсури фобил нуқтаи таълимии он аст» [126, с. 189].

Мушоҳида нишон медиҳад, ки қисмати зиёди масалҳои Ғаффоралӣ Сафар аз ҷиҳати мавзуъ ва мазмун ба ҳамдигар шабеҳанд ва мисли намунаи боло зарурати қадршиносӣ ва арҷгузории шахсиятҳои заҳматпеша ва дар ободии зиндагии ҳамарузӣ саҳимро таъкид менамоянд.  Барои мисол, дар масали зерин низ, ки «Мурдаи хушкшуда» ном дорад, ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад:

«Собун гуфт:

- *Агар ман набошам, чирку ифлосӣ ҳама ҷоро зер мекунад.*

- *Бе ман ту мурдаи хушкшудаӣ,- гуфт об»* [6, с. 99].

Масали зерин низ мазмунан ба масали боло монанд аст. Дар он низ аз қадршиносии заҳмат ва ҳақир надонистани меҳнати фидокорона сухан меравад. Маълум аст, ки нависанда тавассути ин гуна масалҳо хонандаи худро ба қадрдонию ҳақшиносӣ водор менамояд:

«Болорчӯб гуфт:

-*Ҳамаи вазни хонаро ман мебардорам, вагарна хона фурӯ меравад.*

-*Эй!- овоз баровард Сутун аз поён.- Пас, дар нигоҳдории хона ба як по рост истодани ман куҷо шуд?[6, с. 99-100].*

Масали боло «Кӣ ҳақ?» унвон дорад, яъне нависанда мавқеи худро барои ҳалли ин қазияи баёнгашта муайян накарда, ҳалли муамморо ба хонандаи ҳушманд ҳавола кардааст.

Дар масалҳои Ғаффоралӣ Сафар ба мисли дигар анвои осори адабии ӯ хислатҳои нохуби инсонӣ низ мавриди танқиду изтеҳзо қарор дода мешаванд. Аз ҷумлаи ин хислатҳо хушомадгӯию лагандбардорӣ ва ҳам мағрурию ҳавобаландӣ мебошанд. Нависанда одамони дорои ин ду хислати ношоистаро бо тамсил аломати савол ва аломати хитоб ном мегузорад ва ба василаи мунозираи онҳо ба танқиду мазамматашон мепардозад:

«Аломати хитоб ба аломати савол гуфт:

- *Ҳар ҷо ки бошӣ, он ҷо дуқад шуда, хушомад мегӯӣ.*

- *Ба ҳар ҳол мисли ту рост истода, ба дигарон дӯғу пӯписа накардаам,- гуфт Аломати савол» [6, с. 100].*

Тавре мушоҳида мешавад, нависанда барои он ки масалҳои ӯ муассиру боварибахш бошанд, ҳам ба зоҳир ва ҳам ба хусусиятҳои перонажҳои интихобкардааш диққат медиҳад. Барои мисол, дар масали боло мо ҳам сурати зоҳирӣ ва ҳам ба вазифаҳои аломатҳои саволу хитоб диққат диҳем, дармеёбем, ки нависанда ин аломатҳоро беҳуда интихоб накардааст. Чунки агар аломати савол ҳам ба зоҳир ва ҳам аз рӯйи вазифа ба шахсиятҳои сифлатабъи хушомадгӯ монанд бошад, аломати хитоб ба одамони мағруру худписанд шабоҳати зиёд дорад. Иддаои нависанда ин аст, ки шахси мағруру худписанд ва мардумозор аз ашхоси лагандбардору хушомадгӯ пасту фурӯмоятар аст. Яъне, агар лагандбардорӣ ба сари худ хислати ниҳоят манфури инсонӣ бошад, мағрурӣ низ аз хислатҳои ношоистаи инсонист ва барои ҳаёти иҷтимоӣ бамаротиб зарарноктар аст.

Дар мавриди масали зерин низ ҳамин иддаои моро қабул кардан ҷоиз аст. Қаҳрамонони ин масал, ки дарахти сафедор ва токи ангур ҳастанд, танҳо алоқамандие, ки бо ҳам доранд, ҳамин ба сафедор печ хӯрда боло баромадани токи ангур аст. Яъне, сафедор ҳамчун такягоҳ барои ба боло баромадан ва назаррас гардидани ток лозим аст. Агар ин масалро аз либоси рамзу тамсил берун намоем, токи ангур рамзи одамони пастфитратест, ки барои ба мартабаи боло расидани онҳо ҳамеша такягоҳу пуштибоне лозим аст ва онҳо туфайли наздик шудан ба пуштибон кӯшиш мекунанд, то ба

ҳадафҳои худ ноил гарданд. Дарахти сафедор бошад, одамони дар ҷамъият мавқеи хоссаи худро пайдокарда мебошанд, ки бо вуҷуди заҳматпешагии худ, мутаассифона, барои ба мақсад расидани шахсони фурӯмоя хоста ва ё нохоста мусоидат менамоянд:

*«- Аз дӯстдорӣ туро ба оғӯш мекашам,- ба Сафедор рӯ оварда гуфт Ток.*

*- Ба такягоҳ муҳтоҷ ҳастӣ,- дия,- ҷавоб дод Сафедор» [6, с. 100].*

Тавре дар боло ишора кардем, дар масалҳои Ғаффоралӣ Сафар мо баррасии масоили гуногуни ахлоқиро мушоҳида менамоем. Иродаи мустаҳкам доштан ва ҳар як кореро бо сидқу бовар ва саъю талоши мардона иҷро кардан аз ҷумлаи ҳамин масоил аст. Нависанда гуфтан мехоҳад, ки барои ба мурову мақсад расидан, пеш аз ҳама, саъю кӯшиши ҷиддӣ мебояд, дар акси ҳол ба орзуи матлуб расидан имкон надорад. Иштироккунандагони мунозираи зерин Ҷорӯб ва Панҷшоха мебошанд, ки ҳар кадоме аз онҳо доимо побанди коранд, вале на ҳама вақт кори онҳо ба муваффақият меанҷомад. Хусусан, Панҷшоха дар тоза кардани хирман оҷизӣ мекашад, чунки ба монанди Ҷорӯб миёни баста, яъне матонату устуворӣ ва иродаи мардона надорад. Нависанда ба василаи ин масали худ хонандаро ба меҳнат кардан водор мекунад, вале на он меҳнати зӯр ба зӯракии бе рангу дилгиркунанда, балки меҳнати садоқатмандона ва бо саъю кӯшиш пайванддошта.

*«- Ҳарчанд меҷунбам, хирман тоза намешавад,- афсӯс хурд Панҷшоха.*

*- Дар ҳар кор миёнро маҳкам бастан лозим, - фаҳмонд Ҷорӯб» [6. с. 100].*

Монанди жанри латифа дар тамсил низ шарти асосӣ лутфомез баён карда тавонистани воқеият аст. Мушоҳидаи тамсилоти Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки мавсуф дар ин масъала камбудӣ надорад ва фикри худро лутфомезу ҳунармандона баён карда метавонад. Тафовуте, ки миёни латоиф ва тамсилоти нависанда мушоҳида мешавад, дар ин аст, ки агар қисмате аз латифаҳои нависанда танҳо барои хушҳол ва болидарух намудани хонанда гуфта шуда бошанд (мо дар боло намунаҳоеро аз ин навъ латифаҳои

нависанда оварда, онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаем), мо дар тамсилоти ӯ ин ҳолатро мушоҳида наменамоем. Яъне, тамсилоти Ғаффоралӣ Сафар танҳо бозгӯи масоили гуногуни иҷтимоиянд, ки аз тарафи нависанда лутфомез баён гардидаанд. Барои мисол, дар тамсили зерин, ки «Хафа нашав» унвон дорад, муколамаи ду растании полезӣ – Тарбуз ва Каду оварда шудааст ва нависанда ба василаи баҳси онҳо бори дигар хонандаи худро аз носерамии нафси инсонӣ огоҳ менамояд ва мехоҳад, ки ӯ дар зиндагии иҷтимоӣ ҳамеша талабгори адолати иҷтимоӣ бошад ва дар баробари бархӯрдорӣ аз ҳаққу ҳуқуқи худ ҳаққи дигар аъзои ҷамъиятро низ риоя намояд ва аз тасарруфи ҳаққу ҳуқуқи онҳо иҷтиноб варзад.

«Тарбуз ба Каду гуфт:

- *Чаро аз дӯстӣ гап мезаниву ҷои маро пахш карда истодаӣ?*

Каду гуфт:

- *Хафа нашав, дӯстӣ сарҳад надорад» [6, с. 102].*

Чизи дигаре, ки дар тамсили боло ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, интихоби ҳунармандонаи қаҳрамонони он аст.

Маълум аст, ки барои нависанда дар баробари дарёфти фикри ҷолибу дар бозгӯӣ мувофиқ инчунин интихоби васила баҳри ибрози ин афкор хеле муҳим аст. Аз ҷумла интихоби қаҳрамон ва ё қаҳрамонони асар намоёнгари маҳорати суханварист. Барои ҳамин суханварони асил ҳамеша ба интихоби қаҳрамон хеле ҷиддӣ ва ҳадафмандона муносибат мекарданд.

Дар тамсили боло мо ҳамин гуна интихоби ҳунармандонаи қаҳрамононро мушоҳида менамоем, аз сӯйи дигар мушоҳидакор будан ва аз ҳаёти деҳқонӣ хуб огоҳ будани нависандаро пай мебарем.

Барои исботи ин иддаое, ки кардем, саравval аз моҳият ва арзиши ин ду растанӣ – тарбуз ва каду меандешем, ки дар ҳақиқат ҳар ду барои зиндагонии инсон манфиатоваранд ва нависанда низ ин моҳияти онҳоро инкор накардааст. Бо вуҷуди ин маълум аст, ки ӯ ба тарбуз таваҷҷуҳи бештар дорад, чаро ки баръакси каду, ки бо бемазза будан маъруф аст, тарбуз ширину лазиз аст. Маълум аст, ки ғараз аз тасвири тарбуз одамони барои ҷамъият

манфиатовар ва аз тасвири каду одамони беарзишу беманфиат аст. Мутаассифона, одамони накукор сабаб мегарданд, ки шахсиятҳои пасту фурӯмоя дар ҷамъият соҳиби мақому мавқеи назаррас гарданд ва минбаъд бо дарёфти фурсат мавқеи одамони арзандаро танг кунанд. Ин ҳолатро нависанда ба панҷа задани каду ва тарбуз тамсил кардааст. Маълум аст, ки каду зудтар ва дарозтар аз тарбуз дав меандозад ва мавқеи тамоми растаниҳои наздики худро танг месозад, чунонки одамони беарзишу нолоиқ бо ёфтани фурсат даҳҳо восита меҷӯянд, то мавқеи худро устувортар кунанд ва дар курсии мансаб боз ҳам болотар нишинанд. Бо ҳамин ғараз онҳо мавқеи шахсиятҳои арзандаро торафт танг мекунанд, то ки мансабу вазифаи худашон дар амон бошад.

Бо он ки тамсилоти Ғаффоралӣ Сафар ба мавзуъҳои гуногун бахшида шудаанд, мавзуи меҳварӣ, ки қариб дар ҳар яки онҳо мушоҳида мешавад, таъкиди зарурати қадршиносӣ ва арҷгузорӣ ба шахсон ва чизҳои арзишманд аст. Ҳамин фикри маълум вале аксар вақт фаромӯшшавандаро нависанда бори дигар ба хотири хонандаи худ овардан хоста, ӯро ба қадршиносӣ роғиб кардан хостааст. Таваҷҷуҳ менамоем ба тамсили дигар:

*«- Ту бо ман зебу зиннат дорӣ,- гуфт Чала ба ангушт.*

*- Ҳарза магӯ,- гуфт Ангушт.- Агар ман набошам, ту нестӣ» [6, с. 104].*

Дар ҳаёти чамъиятӣ зиёд иттифоқ меафтад, ки инсон аслро аз фаръ бознамешиносад ва бештар аз асл ба фаръ арзиш қоил мешавад. Тавре ки дар тамсили боло нависанда таъкид кардааст, ангуштарин бо вуҷуди зебову нодир будан ҳеҷ гоҳ ҷойи ангуштро гирифта наметавонад ва танҳо ангушт аст, ки ҳастии ангуштаринро сабаб мегардад. Агар ангушт набуд, сохтани ангуштарин низ лозим намеомад, яъне асл ангушт аст ва ангуштарин фаръ ва чунонки ангушт нисбат ба ангуштарин афзалияти бештар дорад, имтиёзи асл бар фаръ намоён аст. Бо вуҷуди ин, дар ҳаёти иҷтимоӣ бисёр воқеъ мегардад, ки нисбат ба асл фаръ аз имтиёзи бештаре бархӯрдор мешавад. Ҳамин ҳақиқатро нависанда ба хонандаи худ бозгӯ намуда, ба ин васила хонандаи

худро ба қадршиносии шахсиятҳои дар ҳақиқат арзанда ва ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсиргузор водор намудааст.

Дар масали зерин низ, ки «Сӯзан ва Ришта» ном дорад, мазмуни боло бозгӯйӣ шудааст. Яъне, дар ин масал низ дар бораи қадршиносии чизҳои арзишманд ва арҷгузорӣ ба онҳо сухан меравад. Нависанда таъкид кардан мехоҳад, ки инсон бояд дар ҳама ҳолат ҳадшинос ва мавқеъдон бошад, ҷой ва мақоми иҷтимоии худро дониста бошад ва берун аз андозаи тобу тавони худ пой намонад. Ҳамеша ба он касоне, ки сабабгори муваффақияту комёбиҳои ӯянд, арҷгузор бошад ва қадри онҳоро бидонад:

«Сӯзан ба Ришта таъна зад:

- *Як умр аз дунболи ман медавӣ.*

Ришта дар посух гуфт:

- *Бале, он ҳам ба хотири ту.*

- *Чӣ гуна?*

- *Агар ман набошам, ту дар чашми касе эътибор надорӣ» [6, с. 104].*

Дар жанри масал, аз ҷумла тамсилоти Ғаффоралӣ Сафар, аксари вақт фикри ҳикматноке дар қолаби масал баён мегардад. Аз шарҳу тафсири тамсилоти нависанда, ки мо дар боло овардем, маълум мешавад, ки ӯ низ аз ҳамин моҳияти жанри мазкур хуб огоҳ аст ва онро бештар барои ифодаи афкори ҳикматомези худ истифода менамояд. Ба ҳайси намуна тамсили зеринро, ки «Сабақ» унвон дорад, пешниҳод менамоем:

«Нохун ҳар қадар кӯшиш кард, Ресмон чин аз ҷабин накушод. Фурӯ монду гуфт:

- *Аз мо чӣ гуноҳе гузашта?*

Ресмон посух дод:

- *Хостам сабақат диҳам. То бидонӣ, ки гиреҳкушоӣ осон нест» [6, с. 102].*

Дар масале, ки «Ғурур» унвон дорад, Ғаффоралӣ Сафар ба мазаммати касоне пардохтааст, ки ғуруру манманиро пешаи худ қарор додаанд, бехабар

аз он ки дер ё зуд ҳақиқат ва моҳияту арзиши фаъолияти онҳо барои ҳама маълум мегардад ва онҳо ба сазои аъмоли худ мерасанд:

«Бодом ба манманию ғурур гуфт:

- *Ман пайки баҳорам, пеш аз ҳама гул мекунам.*

- *Лоф назан,- гуфт Хурмо.- Барои ҳамин ҳам аввал туро сармо мезанад» [6, с. 100].*

Дар бораи таъсири муҳит ва ҳамнишину ҳамсуҳбат ба ахлоқи инсон бисёр бузургон сухан гуфта, дурри ҳикмат суфтаанд. Ҳикмати мардумии «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ» низ маълуму машҳур аст. Ғарази одамони ҳушманд аз зикри ин нуктаҳо дар он аст, ки инсон ҳамеша дар муносибат бо дигарон эҳтиёткор бошад ва пеш аз эътимоду бовар кардан дӯстону ҳамнишинони худро оқилона бисанҷад. Чунки хоҳ-нохоҳ ҳамнишинӣ бо онҳо ба ахлоқу атвори инсон асар мегузорад. Агар ҳамнишин хуб бошад, таъсир низ мусбату хуб аст, вале агар дӯсту ҳамсуҳбат нохубу бадкирдор бошад, таъсир низ нохуб хоҳад буд. Ҳамин мазмунро мо дар масали «Ҳамнишин»-и Ғаффоралӣ Сафар дар мубоҳисаи ду навъи занбӯр – занбӯри асал, ки барои мардум нафъовар аст ва занбӯри ало, ки зиёнкорияш маълум аст, мушоҳида менамоем:

«Занбӯри ало аз занбӯри асал пурсид:

- *Чаро ту ба ҷуссаи хурд асал офарида метавонию ман не?*

- *Зеро ман бо гул ҳамнишинам,- ҷавоб дод Занбӯри асал» [6, с. 101].*

Дар масали «Посухи Гандум» Ғаффоралӣ Сафар ҳикматеро талқин кардааст, ки танҳо дар натиҷаи меҳнати софдилонаву содиқона инсон ба кӯи мурод мерасад ва комёбу муваффақ мегардад. Мақому мартабае, ки бидуни заҳмат ва тасодуфан насиби инсон гардидааст, дер намепояд. Барои ҷамъият шахси даркорӣ ва манфиатовар будан танҳо ба василаи меҳнати софдилона имкон дорад:

«Арзан ба Гандум гуфт:

- *Ман ҳам мехоҳам, ки мардумон аз ман нону фатир, кулчаю сумалак, атола, боҷу шакароб ва ғайраҳо бипазанд.*

- *Ҳавас нахӯр,- ҷавоб дод Гандум.- То бад-ин мақом расидан ман сари худро зери санг орд кардам» [6, с. 105].*

Ҳамин тавр, масалҳои Ғаффоралӣ Сафар ба монанди латифаву мутоиботи ӯ дар баробари арзиши завқӣ-зебописандӣ моҳияти хеле хуби тарбиявӣ низ доранд. Нависанда ба хотири ба табъу завқи хонанда мувофиқ омадани афкори гуногуни ахлоқӣ онҳоро дар шакли маҷозу киноя ва дар либоси гуфтори мутоибаомез ба хонанда пешниҳод менамояд. Масалҳои Ғаффоралӣ Сафар аз моҳияту арзиши хеле хуби тарбиявӣ бархӯрдор буда, дар тарбияи ахлоқии ҷавонону наврасон нақши хубе гузошта метавонанд.

### 3.4. Дигар анвои осори мансури ҳаҷвӣ

Ба анвои ҳаҷви мансури Ғаффоралӣ Сафар дар баробари латифаву масалҳо як зумра матнҳои дигаре низ дохил мешаванд, ки шоир онҳоро бо унвонҳои «саволу ҷавоб», «маслиҳатҳо», «дар омади гап», «мошу биринҷ», «нав-ул-мақол» ва «тафсир-ул-луғот» дар маҷмуаи ҳаҷвии «Мутоиботи удабо»ҷо кардааст. Барои мисол, «саволу ҷавоб»-ҳои нависанда иборатанд аз гуфтугӯи мухтасари ду нафар, ки яке савол медиҳад ва дигаре ба ин савол ҷавоб мегардонад ва зимни ҳамин саволу ҷавоб масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ҳаҷвомез баён мешавад. Масалан:

-*Чаро дар бинои иттифоқи нависандагони вилоят курсӣ намерасад?*

-*Чунки дар ин қаламрав курситалабон бисёранд [6, с. 106].*

Тавре мушоҳида мешавад, фикри нависанда дар ин саволу ҷавоб кинояомез баён гардидааст. Яъне, муҳимтарин воситаи тасвири бадеӣ, ки дар ин матнҳо истифода мешавад, санъати киноя аст. Ҳамин ҷавоби кинояомезе, ки дода мешавад, мақсад ва ҳадафи нависандаро низ рӯшан менамояд. Аз ҳамин нигоҳ агар матни болоро таҳлил кардан хоҳем, муайян мегардад, ки сараввал нависанда як масъалаи муҳимми иҷтимоӣ – бетаваҷҷуҳӣ ба аҳли зиёро гӯшзад кардан мехоҳад ва зимни ибрози ҳамин масъала боз масъалаи дигар – зиёд будани мансабдорони тасодуфӣ дар вилоят равшан карда мешавад.

Дар саволу ҷавоби дигари нависанда масъалаи танзим нагардидани нархи бозор ба миён гузошта мешавад. Дар ҳақиқат, ин масъала низ дар шароити имрӯза, ки ҷумҳурии мо ба иқтисоди бозаргонӣ мутобиқ гардидан мехоҳад, аз масоили муҳимми иҷтимоист. Мутаассифона, бархе аз бозаргонон аз ҳамин шароит истифода бурда, бо салоҳдиди худ нархи бозорро ба таври сунъӣ боло мебаранд ва аҳволи иҷтимоии мардумро вазнинтар мегардонанд. Ҳамин ҳолат дар саволу ҷавоби зерин киноямез баён гардидааст:

- *Акнун нархи бозор ҳаштод фоиз боло меравад.*

- *Аз куҷо фаҳмидӣ?*

- *Дирӯз маоши мардумро бист фоиз зиёд карданд [6, с. 107].*

Дар саволу ҷавоби зерин низ, ки зоҳиран дар мазаммати шоиртароши беҳунаре гуфта шудааст, як масъалаи муҳимми иҷтимоӣ, ки якчанд сол домангири мо буд, яъне мушкилоти норасоии барқ ба миён гузошта шудааст:

- *Дар шеъратон фикр равшан нест.*

- *Барқ набуд [6, с. 107].*

Аз ҷумлаи жанрҳои ҷадиди насри ҳаҷвӣ, ки дар адабиёти бадеии даврони шуравӣ ҷойгоҳи хоссаи худро дорад, бо номи «дар омади гап» ёд мешавад. Аз ҷиҳати ҳаҷм ва тарзи ифодаи фикр жанри мазкур ба зарбулмасалу мақол монанд аст. Тафовути он аз ин жанрҳои мустаъмали адабиёти форсӣ дар ин аст, ки агар дар зарбулмасалу мақол фикри ҳикматноке талқин карда шавад, «дар омади гап» ифодаи хандаовареро танзомез дар қолаби ҳикматҳои мардумӣ меорад. Ин ҳикматҳои танзомез метавонанд натиҷаи таҷрибаи нависанда ва ё ҳамзамононе бошанд, ки шоҳиди булаҷабии хую хислати инсонҳо гардидаанд. Яъне, мазмуну мундариҷаи ҳикмат метавонад, ки баръакси хулосаҳои мантиқии кору кирдори инсонҳо бошад. Барои мисол агар мо ҳикмати машҳури мардумӣ

*Агар хоҳӣ, шавӣ хушнавис,*
*Бинавису бинавису бинавис*

-ро хоҳем, ки ба «дар омади гап» табдил диҳем, феъли «навиштан»-ро дар он ба шакли инкорӣ меорем:

*Агар хоҳӣ, шавӣ хушнавис,*
*Нанавису нанавису нанавис.*

Дар навиштаи зерини Ғаффоралӣ Сафар мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

*«Даҳ китоб навишту як шеър не»* [6, с. 115].

Ҳикмати маъмули Ҳаким Фирдавсиро Ғаффоралӣ Сафар ба таври зайл «таҳрир» карда, ба «даромади гап» табдил додааст:

*«Тавоно бувад, ҳар кӣ доро бувад»* [6, с. 117].

Аслан, ба ҳаҷв нисбат додани «даромади гап» хусусияти нисбӣ дорад, чунки мазмуни ин гуфтаҳо барои хандидан нест, балки баръакс дар ҳаёт ҷо доштани ин ҳолатҳо боиси таассуф аст. Дарунмояи онро воқеа ва ё ҳолати ҳаҷвомезе ташкил медиҳад, ки шунавандаро на ба хандаи бедардона, балки ба заҳрханда водор менамояд.

Барои мисол, матни зерин намунае аз ҳаводиси таассуфовари зиндагии имрӯзии моро тасвир мекунад, ки дар дили шунаванда на хандаву хушҳолӣ, балки ҳисси таассуфро бедор мекунад:

*Бемор нархи ҷарроҳиро шунида, бе наркоз аз ҳуш рафт* [6, с. 114].

Қисмате аз «дар омади гап»-ҳои Ғаффоралӣ Сафар ба ҳаёт ва фаъолияти аҳли эҷод бахшида шудаанд. Тавре дар боло ёдовар шудем, нависанда солҳои зиёд тарбияи навқаламони эҷодкори минтақаи Вахшонзаминро ба зимма дошт ва табиист, ки дар ин муддат баробари навқаламони соҳибистеъдод бо ҳаваскорони адабиёт низ зиёд рӯ ба рӯ мешуд. Барои мисол, ӯ нисбат ба эҷодиёти як ҳаваскори шоирӣ чунин «дар омади гап» гуфта, ба ҳамин васила дараҷаи ҳунару истеъдоди шоирии ӯро муайян кардааст:

*Ба андозае маъниҳои ашъораш борик буданд, ки ҳатто бо заррабин ҳам мушоҳидаи онҳо имкон надошт* [6, с. 115].

Матни зерин як навъ маслиҳатест ба эҷодкорони ҷавон, ки аз ҷониби суханвари соҳибтаҷриба гуфта мешавад. Ғаффоралӣ Сафар сирри муваффақияти эҷодкорони асилро ба шогирдон ошкор кардан мехоҳад, ки мувофиқи он барои комёб гардидан дар ҷодаи шоирӣ навқаламонро заҳмати зиёду ҳавсалафарсо лозим аст. Танҳо дар ҳамин ҳолат ба муваффақият ноил гардидани эҷодкор имкон дорад. Нависанда заҳмати шоириро ба ранҷу заҳмати деҳқон монанд кардааст, ки барои ба даст овардани ҳосили матлуб заминро чанд бор шудгор мекунад ва баъд аз он дар ин замин дона мепошад:

*Сухан низ бе заҳмат намесабзад, майнаро шудгор кардан лозим [6, с. 117].*

Бетаваҷҷуҳии аҳли ҷомеаи имрӯз ба адабиёти бадеӣ аз рӯйдоди таассуфангезест, ки на танҳо аҳли эҷод, балки дилхоҳ инсони соҳибмаърифатро ба ташвиш меорад. Дар ҳақиқат, дур мондани ҷавонону наврасон аз як василаи пурзӯри тарбия ва аз сарчашмаи файёзи донишу маърифат боиси таассуф ва ташвиш аст. Ҳамин мазмунро нависанда дар як матни «дар омади гап» чунин баён кардааст:

*Хонанда вақт надораду эҷодкор бахт [6, с. 117].*

Қисмате аз «дар омади гап»-ҳои Ғаффоралӣ Сафар оҳанги изтеҳзо ва масхараро доранд. Дар ин матнҳо нависанда паҳлуҳои гуногуни ахлоқи инсониро, аз қабили худписандиву мағрурӣ, булҳавасӣ, баднафсӣ ва бухлу ҳасад мавриди ҳаҷву масхара қарор медиҳад. Барои мисол, нависанда дар мазаммати ҷавонони булҳавас чунин «дар омади гап» гуфтааст:

*Ҷавоне «сӯхтам», «сӯхтам»-гуфта духтареро ба ҷон овард. Духтар маҷбур шуд, ки ба сари ӯ як сатил оби хунук резад [6, с. 116].*

Тавре мушоҳида мешавад, дар матни боло ду ифодаи маҷозӣ: «сӯхтан» ва «ба сар оби хунук рехтан» ҷой доранд, ки агар аввали ифодагари меҳру муҳаббати беандоза бошад, дувумӣ маънии навмед карданро дорад. Яъне, ҷавони булҳавас бо иддаои дӯст доштани худ чунон ғаши духтарро овард, ки ӯ маҷбур шуд, ҷавонро навмед гардонад.

Дар матни зерин нависанда бо истифода аз санъати таҷнис масъалаи муҳимми иҷтимоиро ба миён гузоштааст:

*Деҳқон арақ мерезаду хӯҷаин арақ мехӯрад [6, с. 117].*

Як зумра дар омади гапҳои Ғаффоралӣ Сафар зери унвони «Дар ҳошияи «Марги судхӯр» дар маҷмуаи «Мутоиботи удабо» ҷамъ оварда шудаанд. Дар ин матнҳо нависанда дар симои образи типпии Қорӣ-ишкамба ба танқиду мазаммати сифлатабъону дунҳимматони даврони мо пардохтааст. Ба ҳайси намуна яке аз ин матнҳоро дар зер меорем:

*Қорӣ-ишкамба вақти хӯрокхӯрӣ ба чашмон айнак мемонд, то ки нолаҳои ба даҳон андохтааш калон-калон тобанд [6, с. 119].*

Воситаи тасвири бадеие, ки дар ин матнҳо қабл аз дигар саноеи адабӣ ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, санъати муболиға аст. Санъати бадеии мазкур барои ҷолиб ва хандаовартар гардидани матнҳои мазкур сабаб гардидааст. Барои исботи ин иддао матнҳои зерин мисоли хубе буда метавонанд:

*Қорӣ-ишкамба акси чароғҳои ҳавлияшро дар кӯлмакҳои об дида, аз иҷоранишинони хонаи худ даҳкарата пули сухти чароғ мерӯёнд [6, с. 119].*

***

*Эшони Қорӣ бемор бошад ҳам, аз зиёд шудани табаш меболид [6, с. 119].*

***

*Нонхӯрак дар хонаи Қорӣ-ишкамба аз гуруснагӣ мурдааст [6, с. 119].*

Дар маслиҳатҳои Ғаффоралӣ Сафар низ масоили гуногуни иҷтимоӣ дар либоси ҳаҷву изтеҳзо иброз гардидаанд. Барои мисол, дар маслиҳати зерин як масъалаи муҳимми иҷтимоӣ - ба либосҳои бегона таваҷҷуҳ доштан ва аз либоси миллӣ иҷтиноб варзидани бонувони даврони мо бозгӯ гардидааст. Мушоҳида мегардад, ки нависанда ин ҳолатро хуш надорад ва хостгори он аст, ки занони азизи даврони мо анъанаи либоспӯшии халқи моро, ки воқеан аз беҳтарин нишонаҳои фарҳангу маданияти пешрафтаи ниёгони мост, риоя намоянд ва дар муаррифии халқи тоҷик ҳамчун халқи қадимӣ ва соҳибтамаддун саҳмгузор бошанд:

*Метавонед домани маҳбубаатонро аз даст надиҳед, ба шарте ки ҳанӯз пӯшидани куртаи миллиро фаромӯш накарда бошад [6, с. 108].*

Маслиҳати зерин гуфтори изтеҳзоомезест, ки ба василаи он нависанда ба мазамммати пазандагони риёкор пардохтааст:

*Пиёз хӯрдан хоҳӣ, санбӯса хӯр [6, с. 108].*

Мо зимни баррасии латифаҳои Ғаффоралӣ Сафар таъсирпазирии ӯро аз латоифи Убайди Зоконӣ баён карда будем. Ин таъсирпазириро мо дар дигар жанрҳои ҳаҷвии эҷодиёти нависанда мушоҳида менамоем. Барои мисол, Ғаффоралӣ Сафар дар пайравӣ аз «Сад панд»-и Убайди Зоконӣ бо унвони умумии «Нав-ул-мақол» як зумра мақолҳои ҳаҷвӣ эҷод намудааст. Ба монанди дигар анвои ҳаҷвии осори нависанда дар ин мақолҳо низ камбуду норасоиҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ дар либоси маҷозу киноя ва ҳаҷву изтеҳзо ошкор карда мешаванд. Ба ҳайси намуна дар зер чанде аз ин мақолҳоро меорем:

*Аз гушна имону аз доро виҷдон маталаб.*

***

*Иҷоранишини кунҷаки бозор – соҳиби хонаву дари болордор.*

***

*Гӯсфандро аз пояш меовезанду одамро аз забонаш [6, с. 120].*

Ғаффоралӣ Сафар «Тафсир-ул-луғот»-и худро дар пайравии дигар асари Убайди Зоконӣ – «Даҳ фасл» эҷод намудааст. «Тафсир-ул-луғот» ба монанди «Даҳ фасл» аз як силсила калимаҳо иборат аст, ки нависанда онҳоро ҳазломезу хандаовар шарҳу эзоҳ додааст. Яъне, мақсади Ғаффоралӣ Сафар шарҳу зоҳи луғавии ин калимот нест, балки ӯ хостааст, ин аносирро аз ҷиҳати моҳият ва арзишашон дар замони мо баён намояд. Барои мисол:

*Ал-фарҳанг – он чи, ки фараш рафтаву ҳангаш монда.*

*Ал-корчалон – забондони забонношинос.*

*Ал-маҷлис – фурсати хоб [6, с. 122].*

Ба ҳамин тартиб, Ғаффоралӣ Сафар дар баробари гуфтани латифа ба эҷоди дигар анвои мансури ҳаҷвӣ машғул гардида, дар ин ҷода то андозае

муваффақ низ гардидааст. Муҳимтарин хусусияти осори мансури ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар дар он аст, ки нависанда дар ин матнҳо танҳо ба ҷанбаи завқбахшии онҳо аҳамият намедиҳад, балки дар онҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро ба миён мегузорад. Камбуду нуқсонҳое, ки дар ин мутун зикр мешаванд, ба замони имрӯз дахл дошта, нависанда бо ошкор ва бозгӯ кардани онҳо хостааст, ки то андозае дар бартараф намудани онҳо саҳмгузор бошад.

## 3.2. Осори манзуми ҳаҷвӣ

Дар осори манзуми Ғаффоралӣ Сафар дар баробари дигар мавзуъ ва мазомини маъмул ҳаҷву мутоиба низ мавқеи намоён дорад. Тибқи шаҳодати дӯстону наздикон ва ҳамсуҳбатони доимӣ, шоир дар зиндагӣ низ шахси ҳазлкаш буда, гуфтори лутфомез ва омехта бо ҳазлу зарофат доштааст ва ҳамин вижагии табиати инсонии ӯ дар осораш низ аксандоз гардидааст.

Аслан, лутфи сухан аз аносири зотии каломи бадеӣ буда, кам осори бадеист, ки аз латофату зарофат орӣ бошад. Яъне, суханварони ҳунарманд дар ҳама давру замон кӯшиш менамуданд, ки гуфторашон барои дигарон дилписанду муассир бошад ва ҳамин хоҳиш ва саъю кӯшиши онҳо сабабгори латофати гуфторашон гардидааст.

Дар мавриди ҷойгоҳи ҳаҷв дар осори адабӣ ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки ғараз аз истифодаи он танҳо ба завқ овардан ва хандондани мардум нест, балки ҳаҷви осори адабӣ моҳият ва арзиши хеле болотар аз ин дорад. Пеш аз ҳама, ҳаҷв низ чун дигар мазомини осори адабӣ ба хотири тарбияи хонанда ва ҳам барои баёни лутфомези масоили гуногуни иҷтимоӣ истифода мешавад. Ҳамин моҳияти ҳаҷви осори адабӣ ҳанӯз аз даврони бостон мавриди таваҷҷуҳ ва истиқболи адибон қарор дошт. Ҳаҷв дар ҳама давру замон барои адибон василаи хуб ва бехатари ибрози андешаҳои иҷтимоӣ буда, аксари суханварони бомаҳорат аз он ба қадри тавоноию имкон суд ҷустаанд.

Дар ҳаҷвиёти Ғаффоралӣ Сафар низ ҷанбаи иҷтимоӣ хеле пурқувват аст. Ҳаҷви ӯро як навъ нақди иҷтимоӣ ном бурдан мумкин аст, ки ба хотири

ошкор намудани камбуду нуқсонҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гуфта шудаанд. Масалан, дар шеъри ҳаҷвии «Мурак бошад-е…», ки дар ҳавои сурудҳои мардумӣ гуфта шудааст, шоир масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро дар қолаби гуфтори ҳазломез иброз намудааст. Шеъри мазкур ҳамчун табрикоти солинавӣ гуфта шудааст, вале дар ин табрикот мо ваҷду суруру шодмонӣ ва изҳори қаноатмандиро аз ин давра мушоҳида наменамоем, балки дар ҳар як банди он ба масоиле рӯ ба рӯ мешавем, ки сабабгори ноҷурии ҳаёти иҷтимоӣ гардидаанд. Аз ҷумлаи ин масоил ба таври сунъӣ боло рафтани нархи маҳсулоти бозор аст, ки мутаассифона, мо ин ҳолатро то имрӯз дар арафаи ҷашну идҳои гуногун мушоҳида менамоем. Шоир ҳамин вазъи нохуби давраи мазкурро, ки сабабгори хира гаштани руҳияи идонаи мардум мегардад, тасвир намудааст:

Усуни дарё беқарор,
Эсуни дарё беқарор.
Бар осмон дакка зад
Нарху навои бозор.
Соли нав мурак бошад-е!...

Усуни дарё хунёгар,
Эсуни дарё хунёгар.
Надорад асло серӣ
Чашми танги савдогар.
Соли нав мурак бошад-е! [8, с. 146].

Дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ роҳандозӣ гардидани низоми иқтисоди бозаргонӣ дар баробари бисёр ҷанбаҳои мусбати хеш барои мардуми мо, ки ба ин низом одат накарда буданд, як идда мушкилоти ҷиддӣ низ ба бор овард. Пеш аз ҳама, баъзе савдогарони манфиатҷӯ аз танзим нагардидани нархи бозор суиистифода намуда, нархи молу маҳсулотро ба таври сунъӣ боло мебурданд, ки ин амали онҳо вазъи муътадили ҳаёти иҷтимоӣ ва маишии мардумро халалдор мекард. Ҳамин ҳолат дар адабиёти бадеӣ низ мавриди нақду тамасхур қарор гирифта, адибон

дар осори худ савдогарони беинсофро мавриди ҳаҷву танқид қарор медоданд ва ин гуна шахсиятҳо ба ҳайси образи манфии як идда осори адабӣ қарор мегирифтанд. Аз ҷумла, дар қисмате аз шеърҳои ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар ҳамин гуна шахсиятҳои пасту сифла мавриди сарзанишу накуҳиш қарор дода шудаанд. Барои мисол дар шеъри ҳаҷвии зерин шоир, ки ҳамзамон ба сифати қаҳрамони асосии шеър амал менамояд, қиссаи бозорравии худро нақл менамояд. Дар бозор ӯ ба чанги савдогари хиррае меафтад, ки бо ширинзабониву дурӯғпардозӣ моли худро ба шоир фурӯхтан мехоҳад ва муболиғаомез ба таърифу тавсифи чизу чораи худ мепардозад:

Як чиз будам харидор,
Дина рафтам ба бозор.
Савдогар, ки маро дид,
Дар куртааш нағунҷид.
Ину онро нишон дод,
«Хуш омадӣ-гуфт-устод,
Акнун суматро барор,
Аз пешам накун фирор» [8, с. 150].

Савдогар бо тафохур иброз менамояд, ки ӯ ҳама чизи касмаёбу касмахарро дорад ва бо вуҷуди он ки нархашон гарон аст, вале онҳо хушсифату арзишманданд. Шоир ба савдогари беинсоф бо киноя ҷавоб медиҳад, ки ӯ бо вуҷуди доштани чизу чораи зиёд, чизи асосиро надорад, ки он адлу инсоф аст:

Гуфтам: - Чизи даркорӣ
Афсӯс, ки надорӣ.
Рангу рӯйи савдогар
Бечо шуду аз дигар
Гуфто, ки - Чӣ надорам,
Бигӯ, онро биёрам?!
Гуфтам, ки чун деви Қоф
Надорӣ адлу инсоф [8, с. 150].

Тавре аз мушоҳидаи шеъри боло муайян мешавад, шоир дар либоси ҳаҷву мутоиба яке аз масоили муҳими иҷтимоиро ба миён гузоштааст.

Танзим нагардидани нарху наво дар бозор аз масъалаҳои асосие аст, ки дар ашъори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар гаштаву баргашта баррасӣ гардидааст. Шоир аз ҳамин масъалаи иҷтимоӣ низ барои мазмунсозӣ истифода кардааст. Барои мисол, дар қитъаи зерин, ки «Илоҷ» номгузорӣ шудааст, шоир иддао дорад, ки барои аз сияҳрангӣ раҳидан шунидани нархи бозор кифоя аст. Яъне, нархи молу ашёи бозорӣ чунон баланд аст, ки одам беихтиёр ба қаҳру ғазаб меояд ва ранги рӯ сурх мешавад:

Гарчи сиёҳрангам,
Тағйири ранг душвор.
Будаст лек роҳаш
Дар нархҳои бозор [8, с. 148].

Масъалаи муҳимми иҷтимоии дигар, ки якчанд сол домангири мо буд ва имрӯз низ то андозае ҷо дорад, таъмини саросарии аҳолӣ ба шуғлу пешаи доимист, ки мутаассифона, то имрӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст. Имрӯзҳо низ як қисмати аҳолии ҷумҳурӣ бо сабаби наёфтани шуғли мувофиқ дар мамлакат бекор мемонанд ва барои дарёфти ризқу рӯзӣ рӯ ба муҳоҷират меоранд. Масъалаи мазкур, ки аз ҷумлаи масоили доғи ҳаёти иҷтимоист, дар шеъри мавриди назари мо баррасӣ гардидааст:

Усуни дарё бекорӣ,
Эсуни дарё бекорӣ.
Мардон Русия рафтанд,
Занҳо дар интизорӣ.
Соли нав мурак бошад-е! [8, с. 147].

Қисмати зиёди шеърҳои ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар дар даврони шуравӣ эҷод гардидаанд. Ҳамин аст, ки шахсиятҳои мавриди тамасхур қароргирифта низ аз мансабдорон ва кормандони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар ҳамин давраанд. Медонем, ки дар он давра баробар бо он ки маҷаллаи алоҳидаи ҳаҷвӣ-танқидии «Хорпуштак» нашр мегардид, бисёр рӯзномаву маҷаллаҳои

дигар низ саҳифаи ҳаҷвии «Мушфиқӣ» доштанд, ки дар ин суҳуф намунаҳои назму насри ҳаҷвӣ чоп мешуданд. Ин ҳаҷвиёт дарбаргири нақди иҷтимоӣ буда, ба ошкор ва изҳор намудани камбуду нуқсонҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсиятҳои содиркунандаи ин камбудиҳо машғул буданд. Яке аз ин шахсиятҳое, ки беш аз дигарон мавриди ҳаҷву масхара қарор мегирифт, мудири фермаи чорвопарварӣ буд, ки дар нигоҳубин ва парвариши чорвои ҷамъиятӣ бепарвоӣ зоҳир менамуд. Ғаффоралӣ Сафар низ дар якчанд шеъри ҳаҷвии худ маҳз ҳамин гуна мудиронро мавриди ҳаҷву танқид қарор додааст. Масалан, дар шеъри зерин шоир айёшиву бaднафсӣ ва нисбат ба моликияти давлат бепарво будани мудири фермаеро бо забони тунду тези шеъри ҳаҷвӣ тасвир кардааст:

Турфа кору бор дорад ин мудир,
Сар-сарӣ рафтор дорад ин мудир.
Бо ду-се ҳамкосаи худ рӯзу шаб
Кайфаки бисёр дорад ин мудир... [8, с. 154].

Дар дигар шеъри ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар, ки «Шикояти говҳо» номгузорӣ шудааст, шоир аз забони говҳои ферма ба танқиди мудири фориғбол ва ба тақдири ҳайвонот бепарвои ферма мепардозад. Дар ин шеър шоир ба василаи санъати ташхис ба ҳайвоноте, ки аз қобилияти сухан гуфтан маҳруманд, тавоноии ба монанди инсон андеша варзидан ва нутқ карданро эҳдо менамояд. Дар баробари санъати ташхис унсури бадеие, ки дар шеъри мавриди таҳлил таваҷҷуҳро ҷалб менамояд, санъати ташбеҳ аст, ки ҳунармандона истифода гардидааст. Рангу рӯйи аз гуруснагӣ паридаи худро ба коҳ монанд кардани говҳо он қадар аҷиб набошад ҳам, мудири фермаро, ки дер-дер аз ҳоли онҳо хабар мегирад, ба коҳу бедаи дастнорас монанд кардан аҷиб аст:

Эй мудирҷон, рангу рӯйи мо хазон чун коҳ шуд,
Ҳар яке аз насламон дар зиндагӣ гумроҳ шуд.
Коҳу беда мисли андоми ту шуд бас камнамо,
Кай ту мегирӣ хабар аз зиндагию ҳоли мо? [8, с. 154].

Дар байтҳои минбаъдаи шеър низ санъати ташбеҳ нисбат ба дигар саноеи адабӣ диққатҷалбкунандатар аст. Барои мисол, дар байти зерин мудир аз забони говҳо ба «фарзанди ношуд», яъне гусолаи якраву гапнодаро монанд карда шудааст, ки ин шабоҳат ҳам аҷоиб ва ҳам хандаовар аст:

Бештар аз шири модар шири моро хӯрдаӣ,
Лек чун фарзанди ношуд ҷони мо озурдаӣ [8, с. 154].

Шеъри ҳаҷвии «Зери чанг астем мо» низ ба монанди шеъри боло дар асоси санъати ташхис эҷод гардида, матлаби баёнгардида аз забони тракторҳои вайрона гуфта шудааст. Мухотаби ин тракторҳо инженери таъмиргоҳи тракторҳост, ки аз бепарвоӣ ва фориғболии ӯ тракторҳои хоҷагӣ ба ин ҳоли нобоб афтодаанд. Азбаски ин корманди масъули хоҷагӣ масъулият ва вазифаи дар назди халқу давлат доштаи худро ба пуррагӣ дарк наменамояд, ночор сабабгори аҳволи бади тракторҳо, аз таъмири ҷиддӣ дур мондани онҳо ва дар маҷмуъ, боиси заиф гардидани иқтидори техникии хоҷагии коллективӣ мегардад. Имрӯз, яъне дар даврони соҳибистиқлолӣ ва дигар гаштани сохтори давлатдорӣ, мо аз инҳисори колхозу совхозҳои даврони шуравӣ, ки ба тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ соя андохта буд ва касе фаъолияти худро бидуни иртибот бо ин хоҷагиҳо тасаввур карда наметавонист, берун гаштаем ва табиист, ки ин навъ шеърҳо то як андоза барои мо қобили пазириш набошанд. Вале агар ба даврони эҷоди онҳо таваҷҷуҳ намоем ва ҳамон ҳамоҳангии ҳама соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятии одамони дар даврони шуравӣ зиндагикунандаро ба хотир биорем, дармеёбем, ки ин навъ шеърҳо дар замони худ хеле рӯзмарраву ҳаётӣ буданд ва бароиислоҳи камбуду норасоиҳои ҳаёти ҷамъиятии инсонҳо то ҷое мусоидат карда метавонистанд.

Шеъри мавриди назар дар қолаби ғазал гуфта шудааст ва аз ҳашт байт иборат аст. Он дар вазни Рамали мусаммани маҳзуф (рукнҳояш: фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун) гуфта шудааст.

Ба ҳайси намуна чанд байти ин шеърро мисол меорем:

Инженеро, то ба кай дар зери чанг астем мо?

Бо дили озурда умре зардранг астем мо.

Рӯзи аввал омадан моро гирифтӣ пешвоз,

Пас ту бепарво шудӣ, дар ҳоли танг астем мо...

Як замон бар ҷойи садҳо одамон кардем кор,

Шод буд деҳқон, ки пурқудрат чу танк астем мо.

Қисмҳои рафтаро гар бозгардонӣ, зи нав

Баҳри авҷи корҳо дорои наңг астем мо [8, с. 152].

Шеъри дигари ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар «Ҳасрат» ном дошта, аз забони шахси мансабдоре гуфта шудааст, ки аз зини мансаб поин фароварда шудааст. Ӯ аз зиндагонии даврони мансабдории худ бо ҳасрат ёдовар шуда, бархӯрдории худро аз нозу неъматҳои дунёӣ бо андуҳу ҳасрати зиёд ба хотир меорад. Ин собиқ мансабдор на танҳо барои худ, балки барои хешу табор ва ёру ошноҳои худ низ зиндагии борафоҳиятро муҳайё карда буд. Вале аз рафти хотирагӯйии ӯ маълум аст, ки дар курсии қудрат ва дар сари хони нозу неъмат вазифаву масъулияти худро фаромӯш карда буд ва сабабгори асосии аз мансаб барканор гардиданаш низ ҳамин белаёқатияш дар иҷрои вазифаву масъулиятҳои ҷамъиятиву давлатист.

Шояд ин шеър як навъ ҳушдоре бошад, ки шоир ба мансабдорони даврон кардан мехоҳад, яъне тамоми ин имкониятҳои доштаро метавон на барои кайфу сафои шахсӣ, балки барои хизмат ба мардум ва иҷрои вазифаву масъулиятҳои худ дар назди халқу давлат истифода кард. Дар ин ҳолат ҳатто баъди аз курсии мансаб поин шудан низ ҳоҷате барои ҳасрат хӯрдан боқӣ намемонад, чунки ризоияти инсон аз аъмоли неки анҷомдодааш монеи ҳасрат кашидан мегардад.

Ин шеъри ҳаҷвӣ низ дар қолаби ғазал гуфта шуда, ба вазни шеъри боло, яъне Рамали мусаммани маҳзуфу мақсур мувофиқ меояд. Дар поён чанд байте аз ин шеъри ҳаҷвиро мисол меорем:

Сад дареғо, мансаби бо ҷон қаринам рафт, рафт.

Обрӯю қадри то чархи баринам рафт, рафт.

Дар ҳавои орзуҳоям чу шоҳин будаам,
Чун Сулаймони замон тахту нигинам рафт, рафт...
Як дарахти соявар будам барои дӯстон,
Чаппа гаштам, решаҳои оҳанинам рафт, рафт [8, с. 148].

Ғаффоралӣ Сафар дар манзум намудани осори машҳури нависандагони ҳаҷвнигор низ маҳорати хосса дорад. Барои мисол, ӯ дар як қитъаи худ латифаеро аз «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ чунин ба назм даровардааст:

Гоҳ-гоҳе зи ман ҳамепурсанд,
Ки зи моли ҷаҳон чиҳо дорам?
Табақи холии палав донад:
Мани бечора иштиҳо дорам [8, с. 148].

Асли латифаи Убайди Зоконӣ, ки дар таркиби «Рисолаи дилкушо» омадааст, чунин аст: «Туфайлиро пурсиданд, ки «Иштиҳо дорӣ?». Гуфт: «Мани бечора дар ин ҷаҳон ҳамин матоъ дорам» [11, с. 24].

Дар маҷмуаи «Панҷаи овоз»-и Ғаффоралӣ Сафар дар баробари дигар шеърҳои ҳаҷвӣ ду муҳмала низ ҷо дода шудааст, ки онҳо аҷиб, ҷолиб ва дилнишинанд. Тавре маълум аст, муҳмала як навъи шеър аст, ки матлаби дар мисраву абёти он баёншуда аз маънову мантиқ дур, яъне бемаъноанд. Ҳамин бемаъноӣ ва аз мантиқ дур будани афкори дар ин навъи шеър баёншуда онро барои хонанда хандаовару завқангез мегардонад. Сабаби ба гурӯҳи шеърҳои ҳаҷвӣ дохил намудани муҳмала низ дар ҳамин аст.

Фарқи асосии муҳмала аз дигар анвои ашъори ҳаҷвӣ дар он аст, ки дар шеъри муқаррарии ҳаҷвӣ аслан ягон камбуду норасоии ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди ҳаҷву истеҳзо қарор дода мешавад ва мақсад ин аст, ки аҳли ҷамъият барои ислоҳи ин камбуду нуқсонҳо кӯшиш намоянд. Дар муҳмала бошад ин хусусият мушоҳида намешавад ва азбаски он аз мисраъву абёти бемаъно таркиб ёфтааст, масъалаи ҷиддии ҳаётиеро аз он дарёфт кардан номумкин аст ва ба ҳамин тартиб ҳаҷви иҷтимоиро низ. Сабаби асосии ба шеъри ҳаҷвӣ мансуб донистани он, тавре гуфтем, ҳамин хусусияти

хандаоварии он аст. Барои исботи ин гуфтаҳо пораеро аз як муҳмалаи Ғаффоралӣ Сафар пешниҳод менамоем:

Зи бод омадаму мисрае задам бар каф,
Дар осмони дарахтон ғазал навишт алаф.
Биё, биё, ки дар он ҷо баҳор хӯрд туро,
Агар наойӣ, кабӯтар шавад даруни садаф...
Наметавон ҳама ҷо галстуки дарё шуд,
Чу моҳиён, ки бигиранд таблакони салаф.
Касе, ки маънии ин шеърро кунад пайдо,
Бувад бузургтарин одамӣ ба даври халаф [8, с. 151].

Тавре мушоҳида мешавад, ҳама байту мисраъҳои ин шеър аз маънӣ бенасиб ва аз мантиқу қабули ақл duранд. Тамоми амалҳое, ки шоир пайи ҳам баён менамояд, аз қабили «зи бод омадан», «мисрае бар каф задан», «дар осмони дарахтон ғазал навиштани алаф», «инсонро хӯрдани баҳор», «даруни садаф афтодани кабӯтар», «галстуки дарё шудан» ва ҳоказо бемаъноянд ва ба ақлу мантиқ дуруст намеоянд. Ҳамин бемаъноӣ ва бемантиқии ин аъмол онҳоро хандаовару масхараомез гардонидаанд.

Муҳмалаи дигари Ғаффоралӣ Сафар низ ба монанди шеъри болоӣ аз байту мисраъҳои бемаънӣ таркиб ёфтааст. Дар ин шеър низ шоир як зумра аз аъмоли нобуданиву ношуданиро нақл менамояд. Барои мисол, «китоби кабуди обро кушодани паранда», «саҳифаи заррини офтобро кушодани алаф», «ифлос будани орди абр», «инқилоб кардани элаки чашм», «пуч шудани кафши моҳ» ва ғайраҳо аз ҷумлаи таркибу ибороти бемаъноянд, ки шоир нақл мекунад. Байте чанд аз ин муҳмаларо дар зер меорем:

Саҳар паранда китоби кабуди об кушод,
Алаф саҳифаи заррини офтоб кушод.
Худойро, чи кунам, орди абр ифлос аст,
Агарчи элаки бечашм офтоб кушод.
Ба Мерседес қасам кафши моҳ пуч шудаст,
Муҳандисона ситора агар сароб кушод.

Пари шакар ба насиҳат лаби қумош макид,

Расули пашм зи тан ҷомаи ҳубоб кушод [8, с. 166].

Бояд гуфт, ки навиштани муҳмала, яъне шеъри бемаъно нисбат ба эҷоди шеъри маънидор хеле душвортар аст. Чаро ки инсон ҳамеша бомаънӣ ва мантиқан дуруст фикр менамояд ва сухан мегӯяд. Аз ин рӯ барои ӯ нодуруст ва бемаъно сухан гуфтан душвортар аз бомаънигӯист.

Хулоса, ҳаҷвиёти манзуми Ғаффоралӣ Сафар як қисмати муҳимми эҷодиёти ӯро ташкил дода, дар баробари арзиши завқӣ-зебописандӣ аз моҳияти хуби ахлоқӣ низ бархӯрдоранд. Дар ин ашъор шоир бисёр масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву ахлоқиро ба миён мегузорад, ки як навъ ба ислоҳу бозбинӣ ниёз доранд. Ин масоил камбуду нуқсонҳое ҳастанд, ки то ҷое роҳбанди муваффақияту комёбиҳои мардум дар ҳаёти иҷтимоӣ гардидаанд. Шоир ба баёну ошкор намудани ин навоқис хонандаи худро ба ислоҳу бартараф намудани онҳо водор менамояд.

## ХУЛОСА

Аз таҳқиқ ва таҳлилу баррасии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар мо ба натиҷаҳои зерин расидем, ки онҳоро ба ҳайси хулоса манзур менамоем:

1. Ғаффоралӣ Сафар аз зумраи чеҳраҳои намоёни ҳавзаи адабии Хатлонзамин буда, осори манзуму мансури арзишманди адабӣ ба мерос гузоштааст. Мавсуф дар баробари фаъолияти хоссаи эҷодкорӣ ба тарбияи навқаламони зиёди ин ҳавзаи адабӣ машғул гардида, то ҷое дар рушду нумуи адабиёти бадеӣ дар ин минтақа саҳми арзанда гузоштааст [5-М].

2. Ғаффоралӣ Сафар 27-уми январи соли 1950 дар деҳаи Пуштаи Бедҳои ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ба дунё омада, 2- юми марти соли 2018 дар деҳаи Садбаргҳои ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз дунё гузаштааст. Ҳаёти адиб дар ду минтақаи вилояти Хатлон сипарӣ гардида, ӯ ҳам ба доираи адабии Кӯлоб ва ҳам доираи адабии Вахшонзамин иртиботи қавӣ доштааст. Пайвастан ба ин доираҳои адабӣ дар рушду такомули ҳунари эҷодкории Ғаффоралӣ Сафар нақши босазое гузоштааст [5-М].

3. Мероси Ғаффоралӣ Сафар ҳам аз анвои манзум ва ҳам мансури адабӣ фароҳам омадааст. Мо зимни таҳқиқи осори адиб мероси адабии ӯро шартан ба 3 қисмат ҷудо намуда, минбаъд вобаста ба ҳамин се қисмат ба нақду баррасии фаъолияти эҷодии ӯ пардохтем:

1. Ашъори гуногунжанре, ки барои калонсолон эҷод гардидаанд;

2. Шеърҳои бачагона;

3. Осори манзуму мансури ҳаҷвӣ [5-М].

4. Қисмати зиёди мероси адабии Ғаффоралӣ Сафарро шеърҳое ташкил медиҳанд, ки шоир онҳоро барои калонсолон эҷод кардааст. Осори манзуми Ғаффоралӣ Сафар аз жанрҳои суннатие, амсоли рубоиву дубайтӣ, ғазал, фардиёт, анвои гуногуни мусаммат ва аз жанрҳои муосир чаҳорпораву шеъри нимоӣ иборат аст. Таваҷҷуҳ ба анвои гуногуни шеъри суннатӣ ва нимоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир аз равия ва ҷараёнҳои шеъри даврони муосир

огоҳии комил дорад ва ҳунари шоирии худро дар анвои гуногуни шеър санҷидан мехоҳад [5-М].

5. Аз ҷумлаи жанрҳои суннатие, ки дар эҷодиёти шоир мавқеи назаррас доранд, жанрҳои рубоӣ ва дубайтӣ мебошанд. Бо вуҷуди он ки Ғаффоралӣ Сафар дар гуфтани ин анвои суннатӣ шоири мубтакир нест, вале муқаллиди маҳз низ нест ва қудрату тавони дар шакли куҳан ҷо намудани мазомини навро дорад. Дубайтиву рубоиҳои Ғаффоралӣ Сафар дарбаргири як зумра мавзуъ ва мазмунҳои ҷолибу дилписанд буда, дар баробари аҳамияти завқӣ-зебописандӣ моҳияти ахлоқӣ низ доранд ва хонандаро ба кӯйи некномиву росткорӣ ҳидоят менамоянд [3-М, 9-М].

6. Аз дигар жанрҳои суннатие, ки дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар мавқеъ дорад, жанри ғазал аст. Бо он ки Ғаффоралӣ Сафар ба гуфтани ин навъи шеър он қадар таваҷҷуҳ зоҳир накардааст, ғазалиёти ӯ низ ҳамчун як ҳиссаи мероси адабии шоир шоистаи таҳқиқ ва таҳлилу баррасиянд. Шоир дар гуфтани ин навъи шеър бештар пайгирӣ аз шоирони бузурги ғазалсаро, бахусус намояндагони сабки ҳиндии адабиёти форсӣ, кардааст. Ғазалиёти шоир ҳам шаклу сохтори муносиб ва ҳам мазмуну муҳтавои дилписанду ҷолиб дошта, аз моҳияти пандуандарзӣ низ бенасиб нестанд [5-М].

7. Фардбайт аз ҷумлаи жанрҳои адабиест, ки дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар мавқеи назаррас дорад ва дар мушаххас намудани маҳорати эҷодии шоир нақши муайян мебозад. Маълум аст, ки гуфтани фардбайт, яъне дар як байт ҷо намудани фикри муҳимми иҷтимоиву ахлоқӣ кори осон нест, вале таҳқиқи эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ дар ин кор то андозае муваффақ гардидааст.

Ғаффоралӣ Сафар дар фардиёти худ масоили гуногуни пандуахлоқиро ба миён мегузорад, ки дар меҳвари ин масоил тарғиб ва талқини хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва танқиду мазаммати хулқу хӯйи ношоиста қарор гирифтаанд [5-М].

8. Аз таҳқиқи осори манзуми Ғаффоралӣ Сафар маълум гардид, ки мавсуф зимни гуфтани шеър таваҷҷуҳи бештар ба анвои нави шеърӣ, аз

қабили чаҳорпора ва шеъри нав дорад. Барои мисол, қисмати зиёди маҷмуаи «Панҷаи овоз»-ро шеърҳои дар вазну қаволиби нав навишташуда ташкил дода, миқдори умумии онҳо дар ин маҷмуа 275-тоянд. Хурдтарини ин шеърҳо аз 2 мисраъ ва калонтаринашон, ки шеъри «Тоҷикистон» аст, аз 47 мисраъ иборат аст. Ин навъи шеърҳои Ғаффоралӣ Сафар низ ҳамаписанду дилпазир буда, як зумра масоилеро дар бар гирифтаанд, ки имрӯз низ аз ҷумлаи масоили муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ба шумор мераванд [2-М, 7-М].

9. Ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар аз ҷиҳати мавзуъ ва мазмуну мундариҷа бою раногоранг буда, қисмати аъзами ин шеърҳо ба мавзуъҳои маъмуле, амсоли васфи ишқу муҳаббат, васфи ватан ва талқини ватандӯстӣ, ситоиши дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, тарғиби некиву накукорӣ ва мазаммати ахлоқи нохуби инсонӣ, баррасии масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, васфи табиат ва ғайраҳо бахшида шудаанд. Дар миёни ҳамаи ин мавзуъ ва масъалаҳои баррасишаванда мавзуи ватан ва баёни зарурати ҳифзу нигаҳбонии он мавқеи намоёну назаррас дорад. Барои мисол, дар ашъори таърихии Ғаффоралӣ Сафар оҳанги ватандӯстона хеле баланду шуниданӣ мушоҳида гардида, ӯ зимни бозгӯии ҳаводиси таърихӣ ҳисси ватандӯстии насли имрӯзу ояндаро бедор кардан мехоҳад, то онҳо на танҳо аз қаҳрамонии ниёгони шарафманди худ ифтихор намоянд, балки пайрав ва думболагири ниёгони сарфарози худ бошанд [1-М, 8-М].

10. Шеърҳои Ғаффоралӣ Сафар, дар баробари дигар муҳассаноти шакливу мазмуние, ки доранд, бо санъатҳои гуногуни бадеӣ низ ороста буда, ин саноеъ бар лутфи гуфтор ва ҷазобати маънавии ашъори шоир афзудаанд. Дар шеърҳои ӯ воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ, аз қабили ташбеҳу истиора, тазоду муқобала, тавсиф, муболиға, ташхис, суолу ҷавоб, кинояву маҷоз хеле ҳунармандонаву баҷо истифода гардидаанд [7-М].

11. Аз ҷумлаи осори арзишманд ва ба таҳқиқ ниёзманди Ғаффоралӣ Сафар ашъори барои кӯдакон эҷоднамудаи ӯ ба шумор меравад. Таҳқиқи ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар маълум менамояд, ки мавсуф табъу завқи кӯдакони синну соли гуногунро медонад ва ба ҳамин хотир барои онҳо

шеърҳои дилнишину муассир эҷод карда метавонад. Шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар бо сабку услуби дилнишин ва таъсиргузор гуфта шуда, хонандаи хурдсолро ба осонӣ ва ба зудӣ маҷзуб ва мафтуни худ мегардонанд. Фасоҳат ва назокати гуфтори шоир ба фаҳму дарк ва табъу завқи кӯдакони гуногунсол мувофиқ ва муносибанд [4-М, 10-М].

12. Шеърҳои барои кӯдакон эҷоднамудаи Ғаффоралӣ Сафар, дар баробари дигар ҷиҳатҳои аҳсане, ки доранд, аз моҳияти хеле хуби тарбиявию маърифатбахшӣ низ бархӯрдоранд. Шоир дар ин шеърҳои худ масъалаҳои гуногуни ахлоқиро ба миён гузошта, ба василаи тасвири оқибати аъмоли хубу бад хонандаи хурдсоли худро ташвиқ ба некукорӣ ва дурустрафторӣ кардааст [4-М, 10-М].

13. Як қисмати осори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафарро жанрҳои маъмули адабиёти бачагона - чистон ва тезгӯякҳо ташкил медиҳанд. Маълум мешавад, ки адиб моҳият ва арзиши маърифатии адабиёти бачагонаро хуб медонад ва кӯшиш менамояд, ки дар баробари тарбияи ахлоқии кӯдакон ба тарбияи зеҳну идрок ва инкишофи нутқи онҳо саҳмгузор бошад [12-М].

14. Фаъолияти ҳаҷвнигорӣ аз дигар паҳлуҳои муҳимми фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар ба шумор меравад. Адиб дар давоми фаъолияти эҷодии худ асарҳои гуногуни манзуму мансури ҳаҷвӣ эҷод намудааст. Бахсус, осори мансури Ғаффоралӣ Сафар, ки аз жанрҳои гуногуни ҳаҷвӣ, амсоли латифаву мутоиба, масал, саволу ҷавоб, дар омади гап, мошу биринҷ, мақол, луғот ва ғ. таркиб ёфтаанд, дар миёни мероси адабии нависанда мақоми чашмрас ва арзандаро соҳибанд [6-М].

15. Ғаффоралӣ Сафар як қисмати латифаҳои худро, ки ба лутфу хушгӯиҳои аҳли адаби доираи адабии Хатлонзамин мансубанд, «Мутоиботи удабо» ном ниҳодааст. Мундариҷаи ин мутоиботро ҳикоёти ҷолибу дилнишине ташкил медиҳанд, ки ба лаҳзаҳои гуногуни хандаовари ҳаёти адибони хатлонӣ мансубанд. Ин ҳикоёти лутфомез дар баробари арзиши адабие, ки доранд, моҳияти таърихияшон низ кам нест, чунки то як андоза авзои адабии ин минтақаи Тоҷикистонро дар як давраи муайяни таърихӣ

равшан менамоянд [5-М, 6-М].

16. Таҳқиқ дар осори бозмондаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки мавсуф дар гуфтани латифа низ маҳорати хосса дорад ва бидуни шак, яке аз латифагӯёни мумтози даврони Истиқлолият ба шумор меравад. Дар маҷмуаи “Мутоиботи удабо”-и Ғаффоралӣ Сафар 260 латифаи нависанда ҷой ёфтаанд, ки дарбаргири воқеаҳои хурди хандаомезанд. Ин латифаҳо аксаран аз пурсу посуххое иборатанд, ки зимни онҳо камбуду нуқсони ҷамъиятӣ ва ё шахсие ошкор карда мешаванд ва хонандаро ба ханда водор мекунанд. Вале мушоҳида мешавад, ки мақсади асосии нависанда аз гуфтани латифа хушҳол намудани хонандаи худ нест, балки ӯ дар либоси ҳаҷву мутоиба камбуду норасоиҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро ошкор менамояд ва хостгори он аст, ки одамон барои ислоҳу бартараф намудани ин навоқис кӯшиш намоянд [6-М].

17. Аз дигар жанрҳои осори мансури ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар жанри масал мебошад. Дар масалҳои худ Ғаффоралӣ Сафар афкори гуногуни ахлоқиро дар шакли маҷозу кинояи ва дар либоси гуфтори мутоибаомез ба хонанда пешниҳод менамояд. Масалҳои Ғаффоралӣ Сафар дар баробари арзиши завқӣ-зебописандӣ моҳияти хеле хуби тарбиявӣ низ доранд ва дар таҳзиби ахлоқии наврасону ҷавонон саҳми муносиб гузошта метавонанд [5-М].

18. Дар баробари латоифу мутоибот ва масалҳо дигар жанрҳои мансури ҳаҷвии мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар низ, аз қабили саволу ҷавоб, дар омади гап, мошу биринҷ, мақол ва луғот аз моҳият ва арзиши хуби тарбиявӣ бархӯрдоранд. Яке хусусиятҳои муҳимми осори мансури ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар дар он аст, ки нависанда дар ин матнҳо танҳо ба ҷанбаи завқбахшии онҳо аҳамият намедиҳад, балки дар онҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро ба миён мегузорад ва бо ошкору бозгӯ кардани онҳо мехоҳад, ки дар бартараф намудани онҳо то андозае саҳмгузор бошад [5-М, 6-М].

19. Ғаффоралӣ Сафар дар қатори осори мансури ҳаҷвӣ як зумра шеърҳои гуногунжанри ҳаҷвӣ низ эҷод кардааст, ки аз арзиши хуби завқӣ-

зебописандӣ ва моҳияти тарбиявӣ-ахлоқӣ бархӯрдоранд. Шоир дар шеърҳои ҳаҷвии худ як зумра масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву ахлоқиро ба миён мегузорад, ки ниёзманди ислоҳу бозбиниянд. Ҳамин масоили доғи рӯзанд, ки раванди ҳаёти иҷтимоии мардумро то ҷое халалдор менамоянд ва намегузоранд, ки мардум дар ин ҷода муваффақу комёб бошанд. Шоир ба баёну ошкор намудани ин нуқсону камбудиҳо хонандаи худро водор мекунад, ки барои ислоҳу бартараф намудани онҳо саъю кӯшиш намоянд [5-М].

20. Ба ҳамин тартиб, Ғаффоралӣ Сафар яке аз чеҳраҳои равшани доираи адабии Хатлонзамин ва аз адибони муваффақи даврони Истиқлолият буда, мероси адабии бозмондаи ӯ, ки аз анвои манзуму мансур фароҳам омадаанд, арзиш ва моҳияти хуби завқӣ-зебописандӣ ва тарбиявӣ доранд. Имрӯз низ хонандаи хушзавқу маънирас метавонад, ки бо хондани ин осор ҳам завқи зебописандии худро қонеъ намояд ва ҳам ахлоқи ҳасанаи худро тақвият бибахшад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Азбаски фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар бо доираи адабии Вахшонзамин иртиботи ногусастанӣ дорад, диссертатсия барои муҳаққиқоне, ки минбаъд ба таҳқиқу баррасии вазъи ин доираи адабӣ дар замони муосир машғул мегарданд, маводи арзишманди илмӣ дода метавонад.

2. Зимни таҳлилу баррасии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар бисёр масоили марбут ба мазмуну мундариҷа, поэтика ва забону тарзи баёни шеъри бачагона мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Ба ҳамин хотир, маводи диссертатсия зимни таҳқиқ ва баррасии вазъи шеъри бачагонаи тоҷик дар даврони Истиқлол судманд хоҳад буд.

3. Дар диссертатсия, зимни баррасии осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар бисёр масъалаҳои ба ҳаҷви даврони Истиқлол рабтдошта, аз ҷумла мақоми масъалаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷви ин давра, муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ

қарор дода шудааст. Аз ин рӯ, истифодаи матолиби мазкур дар таҳқиқоти минбаъдае, ки оид ба ҳаҷви даврони муосир анҷом меёбанд, мумкин аст.

4. Натоиҷи аз таҳқиқи мавзуъ бадастомада дар шинохти беҳтари хусусиятҳои асосии шеъри замони Истиқлол ва таъини таҳаввули мавзуъҳои ҷудогона, алалхусус воридшавии масоили гуногуни иҷтимоӣ дар шеъри тоҷикии ин давра, барои алоқамандони соҳа хидмат карда метавонад.

5. Аз хулосаву натиҷагириҳо ва нукоти назарие, ки дар диссертатсия оид ба вижагиҳои жанрию мавзуӣ, мундариҷаи ғоявӣ ва сохтори ҳунарии эҷодкардаҳои Ғаффоралӣ Сафар баён гардидаанд, метавон дар таҳқиқоти минбаъдаи адабпажуҳӣ, аз ҷумла, навиштани мақолаҳои хурдҳаҷм ва дигар осори илмӣ истифода кард.

6. Маводи диссертатсия барои донишомӯзони соҳаи филологияи тоҷик зимни тадриси фанҳои таълимӣ, курс ва семинарҳои махсус оид ба адабиёти тоҷикии даврони истиқлол, таҳия ва мураттаб сохтани барномаҳои корию дарсӣ, навиштани корҳои илмии дараҷаҳои гуногун, аз ҷумла, мақолаву рефератҳо, корҳои курсию дипломӣ ва ғайраҳо судманд хоҳад буд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

## I. Сарчашмаҳо


1. Адибони Тоҷикистон. Маълумотномаи мухтасари шарҳиҳолӣ [Матн] / [Таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим]. – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.
2. Балхӣ, М. Маснавии маънавӣ: Дафтарҳои якум ва дуюм [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. – Душанбе: Адиб, 2013. – 480 с.
3. Ваҳҳобзода, Р. Ҳазор байт (муфрадоти бадеҳа) [Матн] / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2020. – 160 с.
4. Ғаффоралӣ, С. Офтобаки қолинбоф [Матн] / С. Ғаффоралӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 48 с.
5. Ғаффоралӣ, С. Кокули зимистон [Матн] / С. Ғаффоралӣ. – Қӯрғонтеппа, 2007. – 32 с.
6. Ғаффоралӣ, С. Мутоиботи удабо [Матн] / С. Ғаффоралӣ. – Душанбе: Пажӯҳиш, 2008. – 148 с.
7. Ғаффоралӣ, С. Уруҷи сухан (маҷмуаи мақолаҳои илмию методӣ) [Матн] / С. Ғаффоралӣ . – Қӯрғонтеппа, 2012. – 146 с.
8. Ғаффоралӣ, С. Панҷаи овоз [Матн] / С. Ғаффоралӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 192 с.
9. Донишномаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ [Матн]. – Душанбе, 2015. – 444 с.
10. Донишномаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав [Матн]. – Душанбе: ЭР-Граф, 2021. – 328 с.
11. Зоконӣ, У. Мунтахаби осор [Матн] / Убайди Зоконӣ // Ахтарони адаб. - Ҷилди 28. – Душанбе: Адиб, 2016. – 480 с.
12. Маъмурзода, Н. Чеҳраи Хатлон [Матн] / Н. Маъмурзода. – Душанбе: Русская литература, 2013. – 562 с.
13. Мирзо, Ғ. Аз гаҳвора то майдон [Матн] / Ғ. Мирзо. – Душанбе: Маориф, 1981. – 224 с.

**14.** Мулло, Ғ. Булбул, бисаро! (Ашъори ҳаҷвӣ ва бачагона) [Матн] / Ғ. Мулло. – Душанбе: Ирфон, 2018. - 142 с.

**15.** Муродиён, Ҳ., Комилӣ, А. 30 соли дирӯз ва имрӯзи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав [Матн] / Ҳ. Муродиён, А. Комилӣ. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 312 с.

**16.** Муродиён, Ҳ., Наимӣ, Қ. Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав – зодаи Истиқлолият [Матн] / Ҳ. Муродиён, Қ. Наимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 338 с.

**17.** Навсафар (маҷмуаи дастҷамъӣ) [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1985. – 176 с.

**18.** Ноҳияи Москва: 50 сол [Матн]. – Душанбе: Афсона, 1999. – 240 с.

**19.** Паёми истиқлол [Матн]. - Душанбе: Истеъдод, 2011. – 136 с.

**20.** Рӯдакӣ, А. Ашъор [Матн] / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ // Ахтарони адаб. Ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.

**21.** Сафӣ, Ф.А. Латоиф-ут-тавоиф [Матн] / Фахриддин Алии Сафӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – 336 с.

**22.** Саъдӣ, Ш. Бӯстон [Матн] / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 292 с.

**23.** Соиб. Мунтахабот [Матн] / Соиб. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 704 с.

**24.** Хайём, У. Рубоиёт [Матн] / Умари Хайём. - Душанбе: Дониш, 1983. – 100 с.

**25.** Хордаста (маҷмуаи дастҷамъӣ) [Матн]. - Душанбе: Ирфон, 1987. – 336 с.

**26.** Ҳофиз, Ш. Мунтахабот [Матн] / Ҳофизи Шерозӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1967. – 610 с.

**27.** Ҷомӣ, А. Баҳористон [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Маориф, 2014. – 208 с.


## II. Адабиёти илмӣ:


**28.** Абдусаттор, А. Ташаккул ва таҳаввули рубоӣ дар адабиёти форс-тоҷик [Матн] / А. Абдусаттор. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 408 саҳ.

**29.** Акбаров, Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 240 с.
**30.** Амонов, Р. Лирикаи халқии тоҷик [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.
**31.** Амонов, Р. Воқеияти зиндагӣ ва воқеияти адабиёт [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 381 с.
**32.** Амонов, Р. Адабиёт ва бачагон [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 224 с.
**33.** Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик: (давраи нав) [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
**34.** Асрорӣ, В. Ҳаҷв дар адабиёти тоҷик [Матн] / В. Асрорӣ // Ҳаёт ва адабиёт. – Сталинобод, 1956. – С. 235-274.
**35.** Асрорӣ, В. Баъзе масъалаҳои муносибати фолклор ва адабиёт [Матн] / В. Асрорӣ // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 418 с.
**36.** Асрорӣ, В. Фолклор, халқият, нависанда [Матн] / В. Асрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 174 с.
**37.** Аҳмадов, С. Андешае чанд перомуни адабиёт ва фолклор [Матн] / С. Аҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 163 с.
**38.** Аҳмадов, С. Бозтоби масоили иҷтимоӣ дар латифаҳои Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / С. Аҳмадов // Мактаб. – 2025. – №5. – С. 28-31.
**39.** Аҳмадов С. Ватандорӣ аз нигоҳи Озар [Матн] / С. Аҳмадов // Адабиёт ва санъат, 2020. – 30 июл. - №31(2054). – С. 13.
**40.** Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър [Матн] / М. Аҷамӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 296 с.
**41.** Бахтин, М. Вопросы литературы и эстетики [Текст] / М. Бахтин. – Москва: Художественная литература, 1975. – 470 с.
**42.** Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ [Матн] / Маликушшуаро Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.

**43.** Баҳром, С. Арузи тоҷикӣ [Матн] / С. Баҳром. – Душанбе: НДТ, 1963. – 264 с.

**44.** Бертелс, Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Е.Э. Бертелс. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 584 с.

**45.** Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1987. – 320 с.

**46.** Бобокалонова, Ҷ. Материалҳо оид ба адабиёти бачагонаи тоҷик [Матн] / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Маориф, 1975. – 208 с.

**47.** Бобокалонова, Ҷ. Таърихи адабиёти атфол [Матн] / Ҷ. Бобокалонова. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006 – 568 с.

**48.** Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик [Матн] / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200 с.

**49.** Ваҳҳобзода, Р. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 220 с.

**50.** Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш [Матн] / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2017. – 188 с.

**51.** Горький, М. О литературе [Текст] / М. Горький. – Москва: Советский писатель, 1953. – 867 с.

**52.** Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.

**53.** Давронов, С. Насими руҳбахш [Матн] / С. Давронов // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 252-262.

**54.** Ефимов, А.И. О языке художественных произведений [Текст] / А.И. Ефимов. – Москва: Учпедгиз, 1954. – 288 с.

**55.** Жирмунский, В.М. Теория стиха [Текст] / В.М. Жирмунский. – Ленинград, 1975. – 260 с.

**56.** Жирмунский, В. М. Теория литературы. Поэтика. Стилистика [Текст] / В. М. Жирмунский. – Л.: Наука, 1977. – 407 с.

**57.** Зарринкӯб, А. Нақди адабӣ [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 712 с.

58. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари аруз [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2020. – 392 с.
59. Имомзода, М., Кӯчарзода, А., Абдуллозода, М., Табарӣ, М. Адабиёти тоҷик дар замони истиқлолият [Матн] / М. Имомзода, А. Кӯчарзода, А. Абдуллозода, М. Табарӣ. – Душанбе, 2020. – 346 с.
60. Имомзода, М. Тараннуми садоқат ва муҳаббат [Матн] / М. Имомзода. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 244 с.
61. Кадканӣ, Ш. Мусиқии шеър [Матн] / Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: 1370. – 679 с.
62. Кадканӣ, Ш. Растохези калимот [Матн] / Ш. Кадканӣ // Баргардони матн ба алифбои кириллӣ, муқаддима, шарҳ, тавзеҳот ва замимаи Ш. Суфизода. – Душанбе: Нашри Файз, 2023. – 400 саҳ.
63. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 185 с.
64. Кароматуллоева, Н. Мавқеи дубайтӣ дар адабиёти тоҷик [Матн] / Н. Кароматуллоева. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 50 с.
65. Кӯчаров, А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 144 с.
66. Қосим, Н. Меҳру сеҳри шеър [Матн] / Н. Қосим. – Душанбе: Маориф, 2016. – 336 с.
67. Қосим, Н. Шеъри фард [Матн] / Н. Қосим // Адабиёт ва санъат, 2020. – 3 декабр. – №49(2072). – С. 3.
68. Лотман, Ю.М. Анализ поэтического текста [Текст] / Ю.М. Лотман. – Ленинград: Издательство «Просвещение», 1972. – 270 с.
69. Мақолаҳо оид ба адабиёти бачагона [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 190 с.
70. Маниёзов, А. «Шеъри нав» ва баъзе масъалаҳои шеърият [Матн] / А. Маниёзов // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 243-251.

**71.** Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. Ҷ. 3 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 416 с.

**72.** Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.

**73.** Маҳмадаминов, А. Корномаи Сомеи Одиназодаи Хатлонӣ [Матн] // Сомеи Одиназодаи Хатлонӣ. Дафтари сабз / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 2004. – С. 6-163.

**74.** Маҳҷуб, М. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. Баррасии мухтассоти сабки шеъри форсӣ аз оғози зуҳур то поёни қарни панҷуми ҳиҷрӣ [Матн] / М. Маҳҷуб. – Теҳрон, 1345. – 749 с.

**75.** Миралиева, С. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ашъори ватандӯстонаи Рустам Ваҳҳобзода [Матн] / С. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – С. 199-206.

**76.** Миралиева, С. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба шеъри нав ва шеъри сафед дар адабиёти муосири тоҷик [Матн] / С. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – С. 205-209.

**77.** Миралиева, С. Фардбайт дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода [Матн] / С. Миралиева // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – С. 233-238.

**78.** Мирзо, Ғ. Баъзе мулоҳизаҳо дар масъалаи назм [Матн] / Ғ. Мирзо // Шарқи сурх. – 1954. – №4. – С. 84 – 109.

**79.** Мирзо, Ғ. Шоистаи ғамхорӣ (мулоҳизаҳо дар атрофи адабиёти бачагона) [Матн] / Ғ. Мирзо // Маориф ва маданият. – 19 июни соли 1969.

**80.** Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977.–288 с.

**81.** Мирзозода, Х. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 272 с.

**82.** Мирзозода, Х. Образи бадеӣ чист? [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 22 с.

**83.** Миршакар, М. Дар бораи баъзе масъалаҳои адабиёти тоҷик [Матн] / М. Миршакар // Шарқи сурх. – 1952. – №11. – С. 14-17.

**84.** Муллоаҳмад, М. Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт (Анъанаҳои осори Рӯдакӣ ва муосиронаш дар адабиёти тоҷику форс) [Матн] / М. Муллоаҳмад // Китоби аввал. – Душанбе: Дониш. – 2008. – 308 с.

**85.** Муродиён, Ҳ. Фолклори бачагонаи тоҷик [Матн] / Ҳ. Муродиён. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 275 с.

**86.** Муродиён, Ҳ. Шаст мақола [Матн] / Ҳ. Муродиён. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 432 с.

**87.** Мусо, Ш. Назаре ба ҳаҷви имрӯз (маъруза дар Анҷумани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, 21-уми октябри соли 2006) [Матн] / Ш. Мусо. - Сайти электронӣ / http://www.komron.info.

**88.** Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.

**89.** Мусулмониён, Р. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ [Матн] / Р. Мусулмониён. – Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1377 ҳ. ш. – 350 с.

**90.** Мусулмонқулов, Р. Анъана ва навоварӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 116 с.

**91.** Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср: маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 324 с.

**92.** Назаров, М., Шодиева, Ф. Баъзе вижагиҳои маъноии вожаҳо дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / М. Назаров, Ф. Шодиева / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо». – Хуҷанд: ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров. – 19-20-уми декабри соли 2024. – С. 102-106.

**93.** Нарзиқул, М. Муқаддимаи шеършиносӣ [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 76 с.

**94.** Нарзиқул, М. Перомуни «шеъри нав»-и тоҷикӣ ва «арузи озод» [Матн] / М. Нарзиқул // Пайванд. – 2016. – №3(25) . – С. 65-75.

**95.** Насрулло, К. Шеъp чист ва шоир кист? [Матн] / К. Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2020. – 176 с.

**96.** Нодирпур, Н. Куҳна ва нав [Матн] / Н. Нодирпур // Садои Шарқ, 1968. – №2. – С. 138-144.

**97.** О детской литературе [Текст] / В. Г. Белинский, Н. Г. Чернышевский, Н. А. Добролюбов. [Сост. В. Терновских и Н. Якушина]. Изд. 2-ое, перераб. и допол. – М.: Детская литература, 1983. – 430 с.

**98.** Отахонова, Х. Масъалаҳои матншиносии адабиёти муосири тоҷик [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Дониш, 1999. – 196 с.

**99.** Поспелов, Г.Н. Теория литературы: учебник для ун-тов [Текст] / Г.Н. Поспелов. – М.: Высшая школа, 1978. – 351 с.

**100.** Поспелов, Г.Н. Эстетическое и художественное [Текст] / Г.Н. Поспелов. – М.: Издателство МГУ, 1965. – 475 с.

**101.** Потебня, А.А. Теоретическая поэтика [Текст] / А.А. Потебня. – М.: Высшая школа, 1990. – 344 с.

**102.** Раҳмонов, А. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ [Матн] / А. Раҳмонов. – Душанбе, 1999. – 196 с.

**103.** Раҳмонов, М. Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри ХХ) [Матн] / М. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 198 с.

**104.** Раҳмонов, М. Баъзе вижагиҳои мундариҷавӣ ва ғоявии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / М. Раҳмонов / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо». – Хуҷанд: ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров. – 19-уми декабри соли 2024. – С. 673-677.

**105.** Раҳмонов, М. Аз машқи қалам то нақди сухан (маҷмуаи мақолаҳо) / М. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2024. – 206 с.

**106.** Раҳмонов, Ш. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1988. – 144 с.

107. Раҷаб, У. То ҳаст оламе, то ҳаст одаме! / Мураттибон Иқбол Убайдзода, Ҷӯра Ҳошимӣ [Матн] / У. Раҷаб. – Душанбе: Бухоро. – 479 с.
108. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам (Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп: У. Тоиров) [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
109. Сайфуллоев, А. Тафаккур ва образ [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 168 с.
110. Сайфуллоев, А. Аркони сухан [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Маориф, 1985. – 272 с.
111. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 141 с.
112. Сатторзода, А. Куҳна ва нав [Матн] / А.Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. - 253 с.
113. Сафаров, У. Сиёвуши Касроӣ ва «шеъри нав»-и форсӣ [Матн] / У. Сафаров. – Душанбе, 1996. – 144 с.
114. Сафарова, Н. Мавқеи ҳаҷв дар ашъори Саидҷон Ҳакимзода [Матн] / Н. Сафарова // Садои Шарқ. – 2021. – №4. – С. 150-155.
115. Сирус, Б. Арузи тоҷикӣ [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе, 1963. – 288 с.
116. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. - Китоби 2 [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 224 с.
117. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. - Китоби 4 [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 400 с.
118. Таърихи адабиёти советии тоҷик. – Ҷ. 6. (Адабиёти бачагона) [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1962. – 348 с.
119. Тимофеев, Л.И. Основы теории литературы [Текст] / Л.И. Тимофеев. – М.: Просвещение, 1966 – 478 с.
120. Томашевский, Б.В. Стих и язык: филологические очерки [Текст] / Б.В. Томашевский. – М. – Л., 1959. – 470 с.
121. Файзуллоев, Н. Адабиёти бадеӣ аз диди илмӣ [Матн] / Н.Файзуллоев. – Хуҷанд: Ношир, 2022. – 548 с.

**122.** Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 [Матн]. – М.: Сов. Энциклапедия, 1969. – 953 с.

**123.** Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 [Матн]. – М.: Сов. Энциклопедия, 1969. – 960 с.

**124.** Фасоӣ, М. Анвои шеъри форсӣ [Матн] / Мансур Растагори Фасоӣ. –Шероз: Навид, 1373. – 375 с.

**125.** Фрейденберг, О.М. Поэтика сюжета и жанров. Подготовка текста и общие редакция И.В. Брагинский [Текст] / О.М. Фрейденберг. – Москва: Лабиринт, 1997. – 448 с.

**126.** Футуҳӣ, М. Балоғати тасвир [Матн] / М. Футуҳӣ. - Душанбе: ДДОТ, 2018. – 335 с.

**127.** Хализев, В.Е. Теория литературы [Текст] / В. Е. Хализев. – М.: Высшая школа, 2005. – 408 с.

**128.** Холиқова, З. Рӯзгор ва осори Сомеи Одиназода [Матн] / З. Холиқова. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2015. – 160 с.

**129.** Холшевников, В.Е. Стиховедение и поэзия [Текст] / В.Е. Холшевников. –Ленинград: Издательство Ленинградского университета, 1991. – 256 с.

**130.** Хоҷаева, М. Таҳқиқи услуби асари адабӣ [Матн] / М. Хоҷаева. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии Раҳим Ҷалил, 1994. – 229 с.

**131.** Хоҷаева, М. Масъалаҳои сабкшиносӣ [Матн] / М. Хоҷаева. – Хуҷанд: Омор, 1994. – 224 с.

**132.** Ҳакимов, А. Шеър ва замон [Матн] / А.Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 252 с.

**133.** Ҳакимов, А. Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX) [Матн] / А. Ҳакимов.– Душанбе: Дониш, 2020. – 546 с.

**134.** Ҳаким, А. Тавсифу тасвир ва манзаранигорӣ [Матн] / А. Ҳакимов // Адабиёт ва санъат, 2024. – 4 январ. - №1(2231). – С. 12.

**135.** Ҳодизода, Р. Анъана ва навоварӣ [Матн] / Р. Ҳодизода // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 418 с.

**136.** Ҳусейнзода, Ш. Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 225-242.

**137.** Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 456 с.

**138.** Шамисо, С. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1370. – 316 с.

**139.** Шамисо, С. Сабкшиносии шеър [Матн] / Сируси Шамисо. – Душанбе, 2013. – 272 с.

**140.** Шамисо, С. Анвои адабӣ [Матн] / Сируси Шамисо.-Теҳрон, 1997. - 344 с.

**141.** Шамсов, Н. Ҳабибулло Файзулло ва мақоми ӯ дар назми солҳои 60-70-уми садаи XX [Матн] / Н. Шамсов. – Душанбе: Матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. – 201 с.

**142.** Шарипов, С. Вижагиҳои мавзуӣ ва жанрии ҳаҷвиёти Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / С. Шарипов // Мактаб. – 2024. – №10. – С. 19-21.

**143.** Шарипов, С. Назаре ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / С. Шарипов // Мактаб. – 2024. – №12. – С. 32-34.

**144.** Шарифов, Х. Услуб ва камолоти сухан [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 176 с.

**145.** Шарифов, Х. Шоир ва шеър [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с.

**146.** Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.

**147.** Шарифов, Х. Назарияи наср [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 320 с.

**148.** Шарифов, Х. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.

**149.** Шариф, Х. Инсон дар марзҳои шеъру шоирӣ [Матн] / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 2009. – №1. – С. 122-148.

**150.** Шафиев, Ф. Ашӯр Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб (нимаи дуюми асри XX) [Матн] / Ф. Шафиев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2016. – 162 с.

**151.** Шукуров, М. Панду ҳикмат фалсафафурӯшӣ нест [Матн] / М. Шукуров // Маориф ва маданият. – 14 феврали соли 1970.

**152.** Шукуров, М. Сухан аз лирика ва мазмунии ҳаётии он [Матн] / М. Шукуров // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 183-224.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон:

**[1-М].** Худойназар, Л. Бозтоби мавзуи «Ватан» дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – Бохтар, 2020. – №1/4(80). – С. 45-48.

**[2-М].** Худойназар, Л. Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар шеърҳои хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – Бохтар, 2021. – №1/1(83). – С. 42-45.

**[3-М].** Худойназар, Л. Жанри дубайтӣ дар осори Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – Бохтар, 2022. – №1/3(101). – С. 34-36.

**[4-М].** Худойназар, Л. Мундариҷаи ғоявии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №1/7. – С. 227-233.

**[5-М].** Худойназар, Л. Ғаффоралӣ Сафар ва ҳавзаи адабии Хатлонзамин [Матн] / Лайламои Худойназар // «Фурӯғи илм» (Маҷаллаи байналмилалии

илмӣ). – Нашрияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №2(06). – С. 398-405.

**[6-М].** Аҳмадов С., Худойназар, Л. Ҷойгоҳи жанри латифа дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Сафармад Аҳмадов, Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – Бохтар, 2025. – №1/3(137). – С. 25-30.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[7-М].** Худойназар, Л. Бозтоби авзои адабии Вахшонзамин дар «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо». – Хуҷанд: ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров. – 19-уми декабри соли 2024. – С. 762-768.

**[8-М].** Худойназар, Л. Баъзе хусусиятҳои шеърҳои хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик» бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург. – Бохтар: ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 26-27-уми майи соли 2023. – С. 399-403.

**[9-М].** Худойназар, Л. Васфи Ватан дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии вилоятӣ дар мавзуи «Занон ва рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм. – Данғара, – 9-уми феврали соли 2022. – С. 142-146.

**[10-М].** Худойназар, Л. Ҷойгоҳи жанри дубайтӣ дар осори Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2021. - №6. – С. 38-40.

**[11-М].** Худойназар, Л. Бозтоби масоили ахлоқӣ дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2023. – №8. – С. 16-20.

**[12-М].** Худойназар, Л. Суханбозӣ дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2024. – №1. – С. 27-30.

**[13-М].** Худойназар, Л. Мавқеи жанри чистон дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2024. – №7. – С. 21-25.